# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ


ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИЮЛ-СЕНТЯБРИ 2020


**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Эраҷ Раҷабов**, бонкдор
**Юрий Соболев,** намояндаи ХБА
**Беҳзод Расулов,** ҳуқуқшинос
**Валерий Ким,** коршинос




**Муборак ҷашни Истиқлоли тоҷик,**
**Фурӯғи давлату иқболи тоҷик...**



*Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ»*

# ДАР ИН ШУМОРА:


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ**
МАН БА ХУРДУ БУЗУРГИ ТОҶИКИСТОН БА ХОТИРИ ЗАҲМАТИ САРҶАМЪОНА БАРОИ ФАРДОИ ОБОДИ ВАТАН ВА САРИ БАЛАНДИ МИЛЛАТ СИДҚАН ВА САМИМОНА СИПОСУ МИННАТДОРӢ МЕНАМОЯМ.

**6**

**ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
Тавре дар шумораи гузаштаи маҷаллаи "БТҶ" иттилоъ дода будем, 18 июни соли равон дар Қасри миллат. . .

**10**

**ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО**
28 августи соли равон дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат. . .



**27**

**ВАСЕЪ ГАШТАНИ ФАРОГИРӢ ВА ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ, ЭЪТИМОДНОКИИ АҲОЛИРО БА НИЗОМИ БОНКӢ БЕҲТАР КАРДА ИСТОДААСТ.**

**17**

**Ҷамолиддин Нуралиев: "МО БОЯД ЭЪТИМОДНОКӢ ВА БОВАРИИ АҲОЛИРО БА НИЗОМИ БОНКӢ ТАҲКИМ БАХШЕМ"**
Ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва раисону шахсони масъули. . .

**66**

**IMF MINIMIZES IMPACT OF COVID-19 PANDEMIC IN TAJIKISTAN**
The National Bank of Tajikistan's magazine "Bonkdori Tarakiyot Jahonishavi» continued to interview with some heads of international financial institutions in Tajikistan about their activities. . .



**68**

**ДАР БОРАИ СУҒУРТА ЧӢ МЕДОНЕД?**
Ҳамаи мо ягон доругие дорем, ки мехоҳем онро ҳифз намоем. Барои касе ин хона ё мошин аст, барои каси дигар бошад. . .

**49**

**ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЦЕЛЕСООБРАЗНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО СТАТУСА ИНСТИТУТА УПОЛНОМОЧЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОПЕРАТОРОВ**

**46**

**ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТА БАРРАСӢ ГАРДИД**
Вазъи низоми суғурта ва фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар нимсолаи. . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:




**71**

**ИҚДОМУ ТАЛОШҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРӢ БАРОИ ДАСТГИРИИ МИЗОҶОНИ ХУД**





**60**

ЭРАҶ РАҶАБОВ:
**ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" ТАВОНИСТ ХУДРО ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ БОНКҲОИ ИННОВАТСИОНӢ МУАРРИФӢ НАМОЯД.**

**34**

**ДАСТУРАМАЛИ №241 "ДАР БОРАИ ТАРТИБИ БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ ИФШО НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ"**

**75**

**ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИПОТЕКА» ТАКМИЛ ЁФТ.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» 2 январи соли 2020 қабул гардида, аз 7 январи соли 2020. . .



**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
3 (90) ИЮЛ-СЕНТЯБР, 2020

**Тел:** +992 (44) 600- 31- 24
**Факс:** +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt. tj**



**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ. Нурмаҳмадзода

**АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Н. Ҳикматуллозода, Ҷ. Нуралиев, Ҳ. Холиқзода, М. Накҳатзода, А. Миралиев, Н. Абибуллоев, А. Қурбонов.

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А. Қурбонов
Сармутахассис: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи I: Л. Имомова



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ- 97, аз 20 июни 2019 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 511 нусха.
Дар матбааи
ҶСП «НАШРИЁТИ МУОСИР»
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3.

# Ман ба хурду бузурги Тоҷикистон ба хотири заҳмати сарҷамъона барои фардои ободи Ватан ва сари баланди миллат сидқан ва самимона сипосу миннатдорӣ менамоям.




**Паёми шодбошӣ ба ифтихори 29-умин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**08.09.2020, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори бисту нӯҳумин солгарди рӯйдоди бузурги таърихи навини кишварамон, яъне Рӯзи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям ва ба ҳар як сокини мамлакат рӯзгори ободу осуда, саодати зиндагӣ ва барору комёбӣ орзу менамоям.

Бисту нӯҳ сол муқаддам мардуми мо ба истиқлоли давлатӣ ноил гардиданд ва ба эъмори давлати миллии худ шурӯъ карданд. Оғози истиқлол ва қадамҳои нахустин дар роҳи бунёди давлати соҳибихтиёри тоҷикон ба давраи бисёр ҳассоси таърихи халқамон рост омад. Тоҷикистони тозаистиқлоли мо бо гуноҳи хоинону душманони миллати тоҷик ва хоҷаҳои хориҷии онҳо ба зарбаи ҷонкоҳи таърихи худ - ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар замоне, ки мо ҳанӯз ҳатто рамзҳои давлати соҳибихтиёри худро надоштем ва мардуми мо дар ҷодаи истиқлолу озодӣ аввалин қадамҳои худро мегузоштанд, хоинони миллат, яъне онҳое, ки имони худро фурӯхта буданд, Тоҷикистонро ба гирдоби мухолифатҳои сиёсӣ ва муқовимати мусаллаҳона гирифтор карданд. Душманону хоинони миллати тоҷик ва бадхоҳони давлати тоҷикон мехостанд, ки бо зӯри силоҳ, бо роҳи тарсонидан ва қатлу куштори бераҳмона фарҳанги бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд ва дар Тоҷикистон давлати исломӣ бунёд намоянд.

Дар натиҷа кишварро беқонуниву бенизомӣ фаро гирифт, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардиданд, беш аз як миллион нафар ҳамватанонамон ба гурезаи иҷборӣ табдил ёфтанд ва дар як муддати кӯтоҳ даҳҳо ҳазор шаҳрвандони бегуноҳи мо, аз ҷумла занону кӯдакон ва одамони калонсол ба ҳалокат расиданд. Инчунин, бар асари ҷанг даҳҳо ҳазор кӯдакон ятим ва модарону занон бесаробон монданд. Даҳшати бузургтарини ҷанг дар он буд, ки хатари аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд. Дар чунин шароити ниҳоят вазнин ва воқеан тақдирсоз фарзандони огоҳи миллат ва қувваҳои солими ҷомеа ба хотири наҷоти давлат ва миллат муттаҳид шуданд ва тамоми саъю талоши худро барои аз гирдоби ҷанги бародаркуши таҳмилӣ раҳоӣ бахшидани мардум сафарбар намуданд.

Дар иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор шуд, дар ин ҷода ва пеш аз ҳама, дар роҳи қатъи хунрезӣ нахустин қадамҳо гузошта шуданд. Мо бо майлу иродаи халқамон ва эътимод ба ояндаи неки кишварамон тамоми кӯшишу имкониятҳои худро, дар навбати аввал, ба ҳалли мушкилоти ниҳоят сангини ҳаёти давлат ва ҷомеа сафарбар намуда, соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии давлатро ҳифз кардем.

Дар он марҳалаи бисёр мураккаб мо аркони давлати ҷавонамон – мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатиро барқарор кардем ва фаъолияти онҳоро барои хизмат кардан ба манфиати мардум ва давлати соҳибистиқлоламон равона сохтем. Яъне бо мақсади ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа Артиши миллӣ ва дигар сохтору мақомоти босалоҳият, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳокимияти иҷроияро таъсис додем ва рамзҳои давлати соҳибистиқлоламон, аз ҷумла Парчам ва Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ ва Конститутсия – бахтномаи миллатро қабул кардем. Дар баробари ин, ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезаҳои иҷборӣ ва барои онҳо ташкил кардани шароити зарурии зиндагӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат буд, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ амалӣ гардид.

Ҳамин тариқ, мо дар зарфи ин солҳо маҳз бо азму талошҳои мардуми ватандӯсту ватанпарварамон тавонистем, ки оқибатҳои низои шаҳрвандиро бартараф карда, давлати ҷавони тоҷиконро аз нестшавӣ ва миллати тоҷикро аз парокандагӣ эмин дорем. Дар натиҷаи таъмин гардидани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мо ислоҳоти конститутсиониро амалӣ намуда, фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимиятро ба танзим даровардем ва парламенти дупалатагӣ таъсис додем, ки дар фазои сиёсиву ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав мебошад.

Дар ин раванд, гузариш ба низоми иқтисоди бозоргонӣ, ҷорӣ намудани гуногуншаклии моликият, пули миллӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, таҷдиди сохтори иқтисод вобаста ба истифодаи самараноки захираву имкониятҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ, мукаммал гардонидани низоми молия ва бонкдорӣ, рушди соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва тараққиёти соҳаҳои иҷтимоӣ таъмин карда шуд. Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имкон доданд, ки дар давоми солҳои 1997-2020 суръати рушди иқтисоди миллӣ ҳамасола дар сатҳи баланд таъмин ва ҳаҷми воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ панҷ баробар зиёд гардад.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар беш аз 1600 корхонаи саноатӣ, зиёда аз 2000 мегаватт иқтидорҳои нави энергетикӣ, 2200 километр роҳи мошингарди сатҳи байналмилалӣ таҷдиду бунёд ва 220 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуданд. Бо талошҳои созандаи Ҳукумат ва мардуми кишвар ду агрегати неругоҳи барқи обии «Роғун», яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон ба истифода дода шуда, то имрӯз дар он беш аз 1,6 миллиард киловатт - соат барқ истеҳсол гардидааст. Дар натиҷаи ба кор андохтани иқтидорҳои нав маҳдудияти интиқоли неруи барқ дар фасли зимистон бартараф карда шуд.

Дар ин муддат шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз 1 миллиону 325 ҳазор нафар дар соли 1991 то 2 миллиону 34 ҳазор нафар зиёд гардида, барои фарогирии онҳо сохтмон ва азнавсозии 3030 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва биноҳои таълимии иловагӣ бо 651 ҳазор ҷойи нишаст анҷом дода шуд. Инчунин, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 13 ба 41 ва шумораи донишҷӯён аз 69 300 нафар дар соли 1991 то 227 ҳазор нафар зиёд гардид. Дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар замони истиқлоли давлатӣ 1258 муассисаи нав сохта, ба истифода дода шуда, шумораи умумии онҳо аз 2862 муассиса дар соли 1991 то 4369 муассиса дар соли 2020 афзоиш ёфт.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар даромади пулии аҳолӣ 125 баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 83 фоизи соли 1999 то 26,3 фоиз паст гардид ва дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол дар соли 1991 то 75 сол боло рафт. Фавти модарон нисбат ба соли 1991 3,1 баробар ва фавти кӯдакон 3,5 баробар коҳиш ёфт.

Мо аз оғози соҳибистиқлолӣ ба ташаккул додани асосҳои сиёсати хориҷии кишвар шурӯъ карда, тавассути андешидани силсилаи тадбирҳои муассир мақому мавқеи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ пайгирона таҳким бахшидем. Дар натиҷа имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлате мешиносад, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти мубрами глобалӣ пешсаф буда, сиёсати хориҷии мутавозину пайвастаро, ки асоси онро усули "дарҳои кушода" ташкил медиҳад, татбиқ месозад. То имрӯз дар арсаи байналмилалӣ се ташаббуси глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об дастгирӣ ёфт ва татбиқ гардид.

Ҳоло иқдоми чоруми кишвари мо оид ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" барои солҳои 2018 – 2028, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, дар

сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавриди татбиқ қарор дорад. Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки ҳамаи ин корҳоро мо ба хотири беҳтар намудани шароити зиндагии халқи шарафманди тоҷик ва баланд бардоштани мақоми Тоҷикистон дар байни ҷомеаи башарӣ анҷом додем.

Ва ҳамин ҳисси баланди масъулият дар назди таърихи миллати тоҷик ва тақдири имрӯзу ояндаи халқи Тоҷикистон ҳар яки моро водор месозад, ки истиқлолу озодии давлатамон, яъне муқаддастарин ва бузургтарин неъмати зиндагиамонро бо тамоми ҳастӣ ҳифз кунем, ҳушёру зирак бошем, дар ғафлат намонем, заҳмат кашем ва қарзи фарзандии худро дар назди Ватани азизамон ба ҷой орем. Дар баробари ин, мо вазифадорем, ки ба наврасону ҷавонон – насли ояндасози халқамон таърихи пуршебу фарози миллат ва таҷрибаи душвори бунёд кардани давлати миллиро омӯзонем ва дар зеҳну шуури онҳо ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба давлатро таҳкиму тақвият бахшем.

Сабақи дигари даврони соҳибистиқлолӣ ин аст, ки нияту орзуҳои ҳар як фарди ҷомеа ва нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат танҳо дар сурати соҳиби Ватани озоду соҳибихтиёр, давлати нерӯманду устувор будани мо, инчунин, дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ амалӣ мегарданд. Аз ин хотир, ҳар як шаҳрванди худогоҳи кишвар бояд то чӣ андоза муҳим будани истиқлолу озодӣ, давлати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро амиқан дарк намояд ва барои таҳкиму тақвият бахшидани низоми давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ки бо майлу иродаи халқи Тоҷикистон интихоб шудааст, саҳми ватандӯстонаи хешро гузорад.

Имрӯзҳо мардуми бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти мо барои истиқболи сазовори ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон - сисолагии истиқлоли давлатӣ тамоми қаламрави кишварро ба майдони бузурги заҳмати созанда ва фаъолияти бунёдгарона табдил додаанд. Бо истифода аз фурсат, ман ба хурду бузурги Тоҷикистон ба хотири заҳмати сарҷамъона барои фардои ободи Ватан ва сари баланди миллат сидқан ва самимона сипосу миннатдорӣ менамоям.

Ҳамчунин, ба кулли сокинони мамлакат як масъалаи муҳимро такроран хотиррасон месозам. Бо вуҷуди корҳои бузурги то имрӯз амалигардида ҳоло ҳам на ҳама мушкилоти ҳаёти мардуми мо паси сар шудаанд. Мо - тамоми аҳли ҷомеаи кишвар бояд сарҷамъона ва бо ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ барои таъмини зиндагии шоистаи ҳар як оилаи Тоҷикистони азизамон заҳмат кашем. Мо бояд барои пешгирӣ кардани таҳдиду хатарҳои замони муосир, хусусан, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва пайомадҳои ногувори онҳо ба саломатии аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ, инчунин, ҷиҳати ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат саъю кӯшиш кунем.

Дар ин ҷода, бори дигар хотиррасон менамоям, ки мо бояд ба масъалаҳои омода кардани соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба давраи тирамоҳу зимистони дарпешистода, захира намудани маҳсулоти ниёзи мардум, хусусан, маводи ғизоӣ, сарфаю сариштакорӣ, аз ҷумла сарфаи нерӯи барқ ва ҳамзамон бо ин, қатъиян риоя намудани қоидаҳои беҳдошти шахсиву ҷамъиятӣ ва талаботи санитариву эпидемиологӣ масъулияти баланд ва эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Бо дарназардошти ҳолати буҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ, ки Тоҷикистони мо низ аз таъсири он берун нест, инчунин, ҷиҳати пешгирӣ кардани паҳншавии бемории коронавирус мо бояд аз баргузории ҳар гуна чорабиниву маъракаҳо худдорӣ кунем. Дар баробари ин, мо бояд корҳои созандаро ба истиқболи ҷашни бузурги миллиамон – сисолагии истиқлоли давлатӣ боз ҳам вусъат бахшем, камбудиҳои зиндагиамонро бартараф созем, Ватанамонро обод кунем ва кӯшиш кунем, ки Тоҷикистони азизи мо ҳамқадами ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳон гардад.

Бо изҳори ҳамин ниятҳои нек бори дигар тамоми мардуми шарафманду сарбаланди кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ - Рӯзи истиқлоли давлатӣ самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар фарди Ватан сулҳу оромӣ, рӯзгори пурсаодат ва бахту иқболи баланд орзу менамоям.

Ҷашни истиқлолу озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**www.president.tj**

# Таъйиноти кадрӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон



Тавре дар шумораи гузаштаи маҷаллаи "БТҶ" иттилоъ дода будем, 18 июни соли равон дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кадрҳое, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фарҳанг, кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардиданд, мулоқот анҷом доданд. Маълумотҳои муфассал дар бораи тарҷумаи ҳол, таҳсилот ва таҷрибаи касбии кадрҳои дар БМТ таъйиншуда, дар поён оварда мешаванд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралиев Ҷамолиддин Камолович 18 июни соли 2020 ба вазифаи Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин гардид.

20 июни соли равон бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва Накҳатзода Моҳбону Кироммиддин муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шуданд.



**НУРАЛИЕВ ҶАМОЛИДДИН КАМОЛОВИЧ**
**Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

Нуралиев Ҷамолиддин Камолович 10 октябри соли 1977 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

**Таҳсилот:**

- соли 2007 Коллеҷи Донишгоҳии Университети Мэриленд, иёлати Мэриленд, ИМА Сертификат/Диплом дар соҳаи менеҷменти молия дар ташкилотҳо;
- соли 2006 Коллеҷи Донишгоҳии Университети Мэриленд, иёлати Мэриленд, ИМА Магистри илм дар соҳаи идоракунии молия;
- соли 2005 Коллеҷи Донишгоҳии Университети Мэриленд, иёлати Мэриленд, ИМА Магистри фаъолиятҳои идорӣ (MBA);
- соли 1999 Донишкадаи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ (дипломи аъло).

**Таҷрибаи касбӣ:**

- 18 июни соли 2020 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда шуд;
- 4 майи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин гардид;
- солҳои 2010 – 2015 - Муовини якуми Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- солҳои 2007 – 2010 - Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- соли 2007 - Мушовири директори иҷроияи гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, ки аз Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР), Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР), Агентии бисёрҷабҳаи кафолати сармоягузорӣ (АБКС) ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ) иборат мебошад;
- солҳои 2004 – 2007 - Мушовири директори гурӯҳи иҷроияи Хазинаи байналмилалии асъор;
- солҳои 2001- 2004 - Мушовири директори иҷроияи гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, ки аз Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР), Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР), Агентии бисёрҷабҳаи кафолати сармоягузорӣ (АБКС) ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ) иборат мебошад;
- солҳои 1999 – 2001 - Иқтисодчии Идораи шарҳдиҳӣ ва методологии Бонки миллии Тоҷикистон. Инчунин, бо мақсади муаррифӣ ва ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун саҳмиядори ҶСК "Агроинвестбонк", мутобиқи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №5-ф аз 01.02.с.2013 Намояндаи ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои нозирони ҶСК "Агроинвестбонк" таъйин карда шуд. Аз соли 2013 то соли 2015 дар ҳайати Шӯрои нозирони ҶСК "Агроинвестбонк", ҳамчун узви Шӯрои нозирони Бонк шомил буд ва аз моҳи августи соли 2014 то июни соли 2016 ба ҳайси Раиси Шӯрои нозирони ҶСК "Агроинвестбонк" фаъолият намуд.

**Мукофотҳо:**

- Ифтихорномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08. соли 2011, №55;
- Унвони "Аълочии молия"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08. соли 2012, фармоиши №57;
- Мукофоти давлатӣ- Ордени "Шараф", дараҷаи 2, 06.09 соли 2013;

**Донистани забонҳо:**

- Тоҷикӣ-форсии дарӣ (модарӣ), русӣ ва англисӣ;



**ХОЛИҚЗОДА ҲОКИМ ҲИКМАТУЛЛО**

**Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло 27-уми июли соли 1973 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

**Таҳсилот:**

- Маълумот олӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз ва Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро бо ихтисоси идоракунӣ хатм намудааст.

**Фаъолияти меҳнатӣ:**

- Солҳои 1995-1996 - муҳосиби дараҷаи II, Муассисаи хуроки умумии ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе;
- Аз 11.06.с.1996 то 15.08.с.1996 - муҳосиби Иттиҳодияи истеҳсолии ба номи «Зайнаббибӣ»-и шаҳри Душанбе;
- Солҳои 1996 -1998 - иқтисодчии калони шуъбаи қарздиҳии «Тори-бонк» дар ш.Душанбе;
- Солҳои 1998-1999 хазинадори Идораи амалиётии БДА ҶТ «Амонатбонк»;
- Солҳои 1999-2003 – муҳосиби калон оид ба хизматрасониҳо ба шахсони ҳуқуқии Идораи амалиётии БДА ҶТ «Амонатбонк»;
- Солҳои 2003- 2005 муовини сармуҳосиби Идораи амалиётии Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;
- Солҳои 2005-2009 сардори Идораи амалиётии Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;
- Аз 3-юми апрели соли 2007 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;
- Солҳои 2009 - 2015 Директори

Департаменти хазинадории Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;
- Солҳои 2015 - 2020 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати панҷум);
- Аз 1 марти соли 2020 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати шашум);
- 17 марти соли 2020 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб гардид;
- 20 июни соли 2020 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин гардид;
- Узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон;

Оиладор, соҳиби 4 фарзанд.



**НАКҲАТЗОДА МОҲБОНУ КИРОМИДДИН**
**Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон**

Накҳатзода Моҳбону Кировиддин 24 июли соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

**Таҳсилот:**
- Соли 2016 - Донишгоҳи Сантяго де Компостела (Шоҳигарии Испания), факултаи «Иқтисодиёт ва илмҳои тиҷоратӣ», кафедраи «Асосҳои таҳлили иқтисодӣ»,ихтисоси «Рушди минтақавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» (дипломи аъло)
- Соли 2013 - Магистратура дар самти «Савдои байналмилалӣ ва ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ» (Шоҳигарии Испания);
- Соли  2005 - Донишгоҳи  давлатии тиҷорати  Тоҷикистон, факултаи «Иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ»,  ихтисоси “Иқтисодиёти ҷаҳон” (дипломи аъло);

**Унвони илмӣ:** Доктори илмҳои иқтисод (Ph.D.)

**Фаъолияти меҳнатӣ:**
- 20 июни соли 2020 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин гардид;
- Солҳои 2016 -2020-Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадкиқотии Бонки миллии Тоҷикистон;
- Соли 2016 (10-12)-Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадкиқотӣ ва бозомӯзии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон;
- Соли 2016 (09-10)-Муаллими калони кафедраи  “Иқтисодиёти ҷаҳон”-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- Солҳои 2013-2016-Таҳсил дар аспирантураи Донишгоҳи Сантяго де Компостела (Шоҳигарии Испания);
- Солҳои 2012-2013-Магистратура дар самти «Савдои байналмилалӣ ва ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ» (Шоҳигарии Испания);
- Солҳои 2008-2012-Ассистенти кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- Солҳои 2005-2008-Ассистенти кафедраи «Иқтисодиёти ҷаҳон»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

Узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон

**Донистани забонҳо:** тоҷикӣ-форсии дарӣ (модарӣ), русӣ, англисӣ, испанӣ;

Оиладор, соҳиби 2 фарзанд.




# АХБОР

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## Ба мукофотҳои давлатӣ сарфароз гаштанд



28 августи соли равон дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 29 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофотҳои давлатӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.

Дар баробари намояндагони касбу кори гуногун, ки бо мукофотҳои давлатӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ сарфароз гардиданд, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо медали “Хизмати шоиста” қадрдонӣ шуд.

Ҳамчунин, сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон Рукмина Сафарова низ, бо медали “Хизмати шоиста” сарфароз гардонида шуд.



Қайд кардан бамаврид аст, ки бо медали “Хизмати шоиста” шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои комёбиҳои меҳнатӣ дар соҳаи иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг, барои комёбиҳо дар хизмати давлатӣ, ҳарбӣ ва дар кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сарфароз гардонида мешаванд.

## Кормандони БМТ сазовори мукофотҳои давлатӣ гардиданд.



Дар арафаи таҷлили ҷашни 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 сентябри соли 2020 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарияти Бонк ва Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ баргузор гардид.

Дар оғоз Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода меҳмонон ва кормандонро бо фарорасии ҷашни Истиқлолияти давлатии кишвар табрик  гуфта, изҳор намуд, ки истиқлолияти давлатӣ ва таъмини суботу оромӣ дар кишвар имкон фароҳам овард, ки низоми бонкӣ рушд намояд ва дар устувории иқтисоди кишвар саҳми арзанда гузорад.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода қабл аз супоридани мукофотҳои давлатӣ иброз дошт, ки маҳз бо кӯшишу заҳматҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон неъмати бебаҳои истиқлол дар Тоҷикистон барқарор аст ва мо  бояд онро гиромӣ дорем. Ӯ таъкид намуд, ки дар замони Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати таъмин намудани устувории иқтисодиёти кишвар, низоми мукаммали бонкӣ ва низоми пулию қарзӣ, ки хоси ҳар як давлати соҳибистиқлол аст, кӯшишу талошҳои зиёде ба харҷ дода шудааст. Ва дар робита ба ин, ба мукофоти давлатӣ - медали “Хизмати шоиста” сазовор донистани роҳбарият ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ин аз таваҷҷуҳи Сардори давлат ба низоми бонкӣ ва қадр кардани заҳмату талошҳои роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар самти рушди соҳа, таҳлилу

пешниҳодҳои муфид, татбиқи ислоҳот дар низом ва рушди иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар қисмати хотимавии ҷаласа аз ҷониби Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаи илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон» мукофотҳои давлатӣ, дар фазои тантанавӣ ба сармутахассиси Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ Бобоев Рофӣ ва сардори Шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкӣ Уроқова Кибриё медали "Хизмати шоиста" супорида шуданд.

Субҳи ҳамин рӯз бахшида ба таҷлили 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ва ҳайати кормандони бонк дар БМТ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода аҳли нишастро бо фарорасии 29 - солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии кишвар табрику таҳният гуфта, барои меҳнати софдилонаю босамар, саҳми арзанда гузоштан дар инкишофи низоми бонкӣ 8 нафар кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва Шуъбаҳои минтақавии онро бо нишони сарисинагии "Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон" ва 14 нафарро бо Ифтихорномаи Бонки миллии Тоҷикистон сарфароз гардонид.

## Мулоқоти Ҷамолиддин Нуралиев бо ҳайати ХБА



Музокироти навбатии намояндагии вертуалии ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) бо Бонки миллии Тоҷикистон 18 августи соли равон оғоз гардид. Дар доираи ин музокирот мулоқоти фосилавиро Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо Ҳайати намояндагии ХБА таҳти роҳбарии хонум Падамжа Ханделвал оғоз намуд.



Ҷамолиддин Нуралиев, қабл аз ҳама, ҳайати ХБА-ро барои дастгирӣ ва кумаки саривақтии молиявӣ, ки барои мубориза бо пандемияи COVID-19 ва пешгирии таъсири манфии он ба иқтисодиёти Тоҷикистон равона шуд, изҳори сипос намуда, омодагии хешро барои ҳамкории судманд ва татбиқи ислоҳотҳои иқтисодӣ изҳор кард.

Дар рафти мулоқот бо ҳайати ХБА, ки ба таври фосилавӣ сурат гирифт, Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҳайати ХБА-ро бо шарҳи мухтасари вазъи имрӯзаи макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъсири пандемияи COVID-19 ба бахши молиявӣ ва тадбирҳои андешидаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бартараф намудани таъсири манфии COVID-19 ба иқтисодиёт, татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва низоми пардохт, механизми идоракунии самараноки захираҳои байналмилалӣ, оид ба вазъи тавозуни савдо бо кишварҳои асосии шарикони тиҷорат ва таъсири он ба қурби самараноки воқеии пули миллӣ, бахши истихроҷи тилло, интиқоли маблағҳо, фишорҳои бозорӣ, нақшаи таҷдиди сармоя ва пардохтпазирӣ ва ислоҳоти пешниҳодшаванда дар доираи Барномаи Механизми васеи қарздиҳӣ дар назар аст, шинос намуд.

Номбурда, аз ҷумла қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ аз таъсири пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти кишвар Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолии бемории сироятии COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ, низомҳои бонкӣ ва суғуртаи мамлакатро таҳия намуд ва дар доираи он як қатор тадбирҳоро амалӣ кард. Аз ҷумла, ҷиҳати дастгирии иқтисодиёти кишвар Кумитаи монетарии Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои май-июли соли 2020 меъёри бозтамвилро ду маротиба таҷдиди назар карда, аз 3 августи соли 2020 онро

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

дар сатҳи 10,75 фоизи солона муқаррар намуд.

Ҳамзамон, бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, аз 1 апрели соли 2020 бо пули миллӣ аз 3 фоизи амалкунанда ба 1 фоиз (2 банди фоизӣ) ва бо асъори хориҷӣ аз 9 фоизи амалкунанда ба 5 фоиз (4 банди фоизӣ) паст карда шуд. Иқдоми мазкур имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро дар давраи бӯҳронӣ беҳтар намуда, ба маблағи 241,7 млн. сомонӣ пардохтпазирии иловагиро барои низоми бонкӣ пешниҳод намуд, - таъкид намуд Ҷ.Нуралиев.

Дар рафти музокира иштирокдорон оид ба таъсири омилҳои беруна ба вазъи бозори дохилии асъор, баста шудани сарҳадҳо, иқтидори содиротии кишвар ва вобастагӣ аз воридот, сатҳи таваррум, идоракунии захираҳои байналмилалӣ ва сатҳи осебпазирии иқтисодиёти миллӣ аз пандемияи COVID-19 мубодилаи назар карданд.

Роҳбари ҳайати намояндагии ХБА оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал ба сиёсати пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 ба низоми бонкӣ ва ислотҳои татбиқнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт баҳои мусбӣ дода, ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуд.

Дар навбати худ, Ҷамолиддин Нуралиев барои ҳамкорӣ дар сатҳи нав, татбиқи барномаи нави ХБА-ро дар доираи Механизми васеи қарздиҳӣ мувофиқи мақсад арзёбӣ намуд. “Мо барои татбиқи ислоҳотҳои нав ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла соҳаи низоми бонкӣ, бахши суғурта ва бахши сиёсати монетарӣ омодагии ҳамаҷонибаи худро арз медорем”,- гуфт дар интиҳои мулоқот Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев.

## Меъёри бозтамвил 1 банди фоизӣ паст карда шуд

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ бинобар таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19) ва бо назардошти нисбатан муътадил гардидани интизориҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ва дар дохили ҷумҳурӣ, инчунин ҷиҳати дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти кишвар меъёри бозтамвил ҳамчун инъикоскунандаи мавқеи сиёсати пулию қарзӣ 1,0 банди фоизӣ паст карда шуд.

**Сатҳи таваррум ва омилҳои таъсиррасон.** Тибқи маълумоти оморӣ таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи июни соли ҷорӣ ба 8,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,3 банди фоизӣ кам мебошад.

Болоравии нисбии сатҳи нархҳо асосан дар моҳҳои март-апрели соли равон ба андозаи 3,8 фоиз ба амал омад, ки ба раванди мазкур бештар афзоишёбии нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла орд, биринҷ, шакар, равғани пахта, картошка, пиёз ва дигар маҳсулоти хӯроквории таъсири худро расониданд. Аз моҳи майи соли ҷорӣ сатҳи нархҳо нисбатан муътадил гардида, дар моҳи июн коҳишёбии сатҳи таваррум ба андозаи 1,1 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи дурнамои муқарраршуда 6% (±2 б.ф.) баромадани сатҳи таваррум, асосан аз ҳисоби омилҳои таклифотӣ, пеш аз ҳама авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19), ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯроквориӣ, маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ, паст будани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ, инчунин таъсири омилҳои мавсимӣ замина гузошт, арзёбӣ мегардад.

Новобаста аз мушкилоти мавҷуда, дар натиҷаи чораҳои саривақт андешидашудаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз қабили гузаронидани амалиётҳои монетарӣ ва мудохилаҳои асъорӣ, фишорҳои таваррумӣ то андозае коҳиш ёфтаанд.

Дар давоми шаш моҳи соли 2020 ҷиҳати танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо ва коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ амонатҳои шабонарӯзӣ дар ҳаҷми 153,1 млрд. сомонӣ ҷалб гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 маротиба зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар ин давра 60 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки БМТ дар ҳаҷми 7,3 млрд. сомонӣ ва 6 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 345,1 млн. сомонӣ бо мӯҳлати гардиши 91 рӯз ва бо меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни 0,99% баргузор гардиданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати саривақт бо асъори хориҷӣ қонеъгардонии талаботи ширкатҳои воридкунандаи молу маҳсулоти ниёзи аввалияи мардум (орд, гандум, шакар, равған, сӯзишворӣ, доруворӣ, нуриҳои минералӣ ва ғайра) тибқи руйхати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, БМТ дар моҳҳои январ-июни

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

соли 2020 аз ҳисоби захираҳои байналмилалӣ мудохилаи асъорӣ ба маблағи 104,3 млн. доллари ИМА – ро анҷом дод. Иқдоми мазкур то андозае ба коҳишёбии фишорҳои қурбӣ, муътадилии вазъи бозорҳои дохилӣ ва сатҳи нархҳо дар моҳи июни соли ҷорӣ мусоидат намуд.

**Интизориҳо ва хавфҳо.** Маврид ба зикр аст, ки идома ёфтани паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19) ва авҷ гирифтани мавҷи дуюми он аз эҳтимол дур нест. Новобаста аз ин, оғоз аз моҳҳои майи соли равон тамоюли нисбатан муътадили нархҳо ва қурби асъор дар бештари давлатҳо мушоҳида мегардад.

Нархи нафти навъи брент (Brent) дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ дар биржаҳои ҷаҳонӣ раванди босуръати коҳишёбӣ дошта, нисбат ба аввали сол 65,6 фоиз коҳиш ёфт. Тибқи маълумотҳои омори ҷаҳонӣ аз моҳи майи соли ҷорӣ вобаста ба чораҳои андешидаи Созмони кишварҳои содиркунандаи нафт (OPEC), беҳтар шудани маҷмӯи талаботи ҷаҳонӣ ва вазъи иқтисодиёти кишварҳо тамоюли болоравии нархи нафт мушоҳида гардида, ба санаи 23 июли соли 2020 нархи навъи брент барои 1 баррел ба 44,3 доллари ИМА баробар шуд, ки нисбат ба санаи 31 марти соли ҷорӣ 94,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нархи нафт яке аз нишондиҳандаи муҳим барои иқтисодиёти Федератсияи Русия ба ҳисоб рафта, алоқамандии он бо рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва қурби пули миллии он (рубли русӣ) зиёд аст ва инчунин болоравии нархи он дар бозори ҷаҳонӣ метавонад ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодии ин кишвар мусоидат намояд.

Таъсири манфии пандемияи мазкур ба қурби асъори аксари давлатҳо дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ низ назаррас буда, ба санаи 31 март нисбат ба доллари ИМА рубли Русия 28,7 фоиз, гривнаи Украина 18,5 фоиз, тенгеи Қазоқистон 17,5 фоиз, соми Қирғизистон 16,0 фоиз, лираи Туркия 10,4 фоиз, ларии Гурҷистон 14,3 фоиз, рубли Белорус 23,8 фоиз ва рупияи Покистон 7,0 фоиз коҳиш ёфтанд. Аз семоҳаи дуюми соли ҷорӣ бошад, тамоюли болоравии қурби асъори бештари кишварҳо аз қабили юани Чин, рубли Русия, гривнаи Украина, тенгеи Қазоқистон, соми Қирғизистон, драми Арманистон, ларии Гурҷистон, рубли Белорус, Евро ва Фунт стерлинги Англия ба қайд гирифта шуданд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ММД – и номиналӣ дар моҳҳои январ – июни соли равон маблағи 32,4 млрд. сомониро ташкил дода, рушди воқеии он ба 3,5 фоиз баробар шуд. Рушди иқтисодиёт асосан аз ҳисоби 9,2 фоиз афзоиш ёфтани истеҳсолот дар соҳаи саноат ва 8,2 фоиз дар соҳаи кишоварзӣ ба амал омад. Бинобар таъсири манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) рушди иқтисодиёти кишвар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,0 банди фоизӣ паст мебошад, ки он асосан аз ҳисоби коҳишёбии соҳаҳои хизматрасонии пулӣ (-4,8%), сохтмон (-4,6%) ва гардиши савдои чакана (-1,1%) ба вуқӯъ пайваст.

Эҳтимолияти идомаёбии паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19) дар баробари дигар кишварҳои ҷаҳон ва минтақа таъсири манфии худро метавонад ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, бинобар зиёд шудани таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла маҳдуд гардидани равобити марзӣ ва коҳиш ёфтани муомилоти тиҷоратӣ, кам шудани ҳаҷми сармоягузориҳо, паст шудани сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва маҷмӯи талаботи аҳолӣ расонад.

**Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.** Вобаста ба ҳолати пандемияи коронавирус (COVID-19) ва эҳтимолияти сар задани мавҷи дуюми бемории мазкур, кам шудани талабот, суст шудани фаъолнокии иқтисодиёт ва дигар омилҳо аксари бонкҳои марказии давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати дастгирии иқтисодиёт бо назардошти интизориҳои сатҳи пасти таваррум сиёсати ҳавасмандгардонии монетариро амалӣ намуда истодаанд, ки ин дар солҳои оянда боиси афзоиши маҷмӯи талабот ва барқарор шудани рушди иқтисодиёти ҷаҳон хоҳад гашт.

Дар робита ба ин, дар семоҳаҳои минбаъда эҳтимолияти кам шудани хавфҳои таваррумӣ аз ҳисоби нисбатан зиёд шудани таклифот бинобар ҷамъоварии ҳосили соҳаи кишоварзӣ, нисбатан беҳтар шудани вазъи иқтисодиёти ҷаҳон, коҳишёбии маҷмӯи талабот бинобар камшавии воруди интиқолҳои пулӣ, паст шудани суръати рушди иқтисодиёти кишвар, маҳдуд намудани содироти баъзе аз маҳсулоти хӯроквории, нисбатан муътадил гардидани суръати болоравии сатҳи нархҳо дар ду моҳҳои охир, паст будани интизориҳои таваррумӣ дар бештари давлатҳои шарикони асосии савдо ва коҳиш додани меъёри фоизӣ дар бонкҳои марказии ин кишварҳо, инчунин нисбатан муътадил гардидани вазъи бозори дохилии асъор вобаста ба камшавии воридот ва маҷмӯи талабот дар назар аст.

Бо дарназардошти омилҳои эҳтимолии болозикр ҷиҳати дастгирии иқтисодиёти кишвар дар шароити кунунӣ, аз ҷониби Кумита қарор қабул карда шуд, ки меъёри бозтамвил 1 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 10,75 фоизи солона аз 3 августи соли 2020 муқаррар карда шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

миёнамуҳлат ва таъмини пардохтпазирии низоми бонкӣ идома хоҳад дод

### Visa и Алиф Банк объявили о стратегическом партнерстве для развития цифровой платежной экосистемы в Таджикистане



Компания Visa, мировой лидер в области цифровых платежей и инновационных платежных решений, и Алиф Банк, центрально-азиатский необанк со штаб-квартирой в Таджикистане, объявили о подписании соглашения о стратегическом партнерстве для развития цифровой платежной экосистемы в Таджикистане.

Партнеры намерены совместно разрабатывать инновационные, безопасные и ориентированные на пользователя платежные решения на базе передовых технологий и продуктов Visa. Кроме того, Visa и Алиф Банк планируют реализацию совместных маркетинговых инициатив для повышения осведомленности жителей Таджикистана о преимуществах электронных платежей и расширения доступа к инновационным платежным решениям для потребителей.

«Наша миссия - сделать денежные купюры историческим артефактом и помочь нашей экономике перейти к безналичным способам оплаты, которые являются более прозрачными, удобными и безопасными. Сотрудничество с Visa, безусловно, усилит нашу работу в этом направлении благодаря чрезвычайно гибкому и проактивному стратегическому партнерству, инновационным решениям и совместным разработкам, обширному глобальному опыту и региональным ноу-хау, а также отраслевым стандартам и решениям в области безопасности и рисков.

Совместно с партнером мы полны решимости трансформировать процесс платежей, обеспечить доступ к финансовым услугам большему количеству людей и внести вклад в построение цифрового будущего нашего региона», - прокомментировал Абдулло Курбанов, соучредитель и председатель Алиф Банка.

Евгений Лесняк, старший директор по стратегическим партнерствам и финтеху региона СНГ и Юго-Восточной Европы, Visa, добавил: «В Visa мы приветствуем появление таких технологичных, мотивированных и инновационных игроков в сфере банковских услуг, как Алиф Банк. Сочетая международный опыт Visa в области платежных решений с локальной экспертизой Алиф Банка, мы можем принести потребителям реальную ценность и совершенно новый опыт в сфере цифрового банкинга. Мы рады поддержать амбизиозные цели Алиф Банка по переводу платежей в цифровой формат в стране».

### Тағйиру иловаҳо ба қонунҳои соҳаи бонкӣ

Бисту чоруми июни соли 2020 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум баргузор гардид.

Дар баробари масъалаҳои дигар, дар ҷаласа лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Лоиҳаи Қонуни пешниҳодгардида ҷиҳати иҷрои банди 66 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо, ки санаи 10 майи соли 2019 баргузор гардида буд, пешниҳод шудааст. Мақсад аз қабули лоиҳаи Қонуни пешниҳодгардида ин пурзӯр намудани низоми назорат аз болои фаъолияти бонкҳо ва мутобиқ намудани меъёрҳои он ба қонунгузории ҷорӣ ва амалияи пешрафтаи ҷаҳонӣ мебошад.

Инчунин ҷиҳати мутобиқ намудани мафҳумҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар лоиҳа мафҳумҳои «бонки фаръӣ», «ҷамъияти ҳолдингии бонкӣ», «ҷамъияти вобаста», «ваколати назоратӣ», «шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод», «ҳиссаи иштироки афзалиятнок» ва «шахси вобаста» такмил дода шуда, мафҳумҳои «ҷамъияти фаръӣ», «ҷамъияти алоқаманд», «аъзои оила» ва «пазириши хавф» илова гардидаанд.

Бо мақсади роҳ надодани фаъолияти якҷояи хешовандони наздик дар ташкилотҳои қарзии давлатӣ ва пешгирии хавфҳои амалиётӣ аз амалу беамалии онҳо ҳангоми гузаронидани амалиётҳои бонкӣ дар лоиҳа моддаи нав 241 илова карда шуд.

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

Ба моддаи 25 қонуни амалкунанда қисми 3 ворид карда шудааст, ки пешниҳод намудани эъломияҳо дар бораи андоз аз даромад ва вазъи молумулкии кормандони ташкилотҳои қарзии давлатиро (ба истисноии ҳайати техникӣ ва хизматрасон) муайян менамояд.

Зимни баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» дар Шӯро таъкид карда шуд, ки Лоиҳаи Қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом таҳия ва пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, бониазардошти тавсияҳои ФАТФ қабули он барои тақвияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва мутобиқ намудани қонунгузорӣ дар ин самт ба талаботи тавсияҳои ФАТФ равона шудааст.

Иловаи моддаи 201 ба Қонун ҷиҳати таъмини рақобати озоди иқтисодӣ дар низоми молиявӣ, роҳ надодан ба маҳдудсозии фаъолияти рақобатнок, коҳиш додани хавфи таҷаммуъ ва пешгирии ҳолатҳои суиистифода аз мавқеи бартарӣ доштан дар бозори хизматрасониҳои пардохтӣ, таҳвили таъминоти барномавию техникӣ ва таъмини суботи молиявӣ дар бозори хизматрасониҳои пардохтӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур боиси боз ҳам мукаммал, шаффоф шудани низоми бонкӣ ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад. Баъди баррасӣ лоиҳаи қонунҳои зикршуда дар ҷаласаи навбатӣ тасдиқи худро ёфтанд.

## ЦБ Росии допустил новое падение цен на нефть

Банк России допускает возможность нового падения цен на нефть, следует из доклада о денежно-кредитной политике. Это произойдет в случае, если ситуация с коронавирусом не будет улучшаться.

ЦБ отмечает, что более продолжительное распространение коронавируса в России и в мире, чем это заложено в базовом сценарии, может привести к повторному введению ограничений или длительному сохранению существующих.

«В таком случае цена на нефть может оказаться заметно ниже траектории, заложенной в базовый сценарий, несмотря на усилия ОПЕК+ по сдерживанию избыточного предложения»,— говорится в докладе. ЦБ прогнозирует цену на нефть в 2020 году на уровне $38 за баррель, в 2021 — $40 за баррель.




Страны ОПЕК+ в апреле согласовали крупнейшее в истории сокращение добычи. Они договорились снизить производство на 9,7 млн б/с. Сделка вступила в силу в мае. В июне договоренности решено было продлить на июль. В середине июля страны ОПЕК+ согласовали снижение общей квоты с 9,7 млн до 7,7 млн б/с в августе и далее до конца года.

## Дар бораи ҶДММ ТҚХ "Имконият Ховар"

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ аз 3 августи соли 2020, таҳти №96 дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" дархости Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди "Имконият Ховар"- ро оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрӣ қонеъ намуд.

Мақомоти ваколатдори ҶДММ ТҚХ "Имконият Ховар" барои анҷом додани расмиёти барҳамдиҳии ихтиёрӣ бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи барҳамдиҳиро таъсис дода, ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти заруриро пешниҳод намояд.

***Маводи бахш дар асоси маълумотҳои Агентии иттилоотии "Asia-Plus", Шуъбаи матбуот ва маҷаллаи "БТҶ"-и БМТ таҳия карда шудаанд.***




# ТАДЖИКСКИЙ FIN-TECH ПРОРВАЛСЯ НА УЗБЕКСКИЙ РЫНОК



*Руководитель Alifmobi в Узбекистане Абдурахмон Абдурашидов*

**«Алиф» первая из иностранных компаний в Узбекистане получила лицензию платёжной организации ЦБ Узбекистана. Для команды «Алиф» в Таджикистане и Узбекистане это значимое событие.**

**Руководитель Alifmobi в Узбекистане Абдурахмон Абдурашидов рассказал «АзияПлюс», почему было решено идти «покорять» эту республику, какие там есть плюсы для бизнеса и почему вкладываться во время кризиса  это вовсе не плохая идея.**

– Это новые возможности, как с точки зрения увеличения пользователей наших платёжных решений, так и сближения по настоящему братских народов.

Самое интересное, на наш взгляд, что граждане обеих стран могут использовать alif mobi, как электронронный кошелёк без карты, который позволит проводить оплату в местной валюте.

То есть, пользователи Узбекистана в Таджикистане могут совершать транзакции через alif mobi с имеющимися средствами в их кошельке, которые при оплате услуг или в заведениях конвертируются с узбекского сума на сомони по приемлемому курсу. Такие же возможности имеются для пользователей Таджикистана при посещении Узбекистана.

## Ҷамолиддин Нуралиев:

# “Мо бояд эътимоднокӣ ва бовари аҳолиро ба низоми бонкӣ таҳким бахшем”



Ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва раисону шахсони масъули ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкии кишвар дар нимсолаи якум ва вазифаҳои навбатӣ барои нимсолаи дуюм, 16 июли соли 2020 баргузор гардид. Дар ҳамоиши зикршуда инчунин муовинони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, Ҳамидулло Машрабзода ва Моҳбону Накҳатзода ширкат варзиданд.

Дар ҷараёни ифтитоҳи кори ҷаласа Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев иброз намуд, ки ба таъсири ногувори пандемияи COVID-19 ва омилҳои беруна ба иқтисодиёт нигоҳ накарда, Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020 сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ ва асъории худро ҷиҳати нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо, таъмини суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт ва низоми бонкии ҷумҳурӣ равона намуд, ки дар айни замон самараи он аён гашта истодааст. Барои мисол, дар нимсолаи аввали соли 2020 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба 32,4 млрд. сомонӣ расид ва рушди воқеии он 3,5 фоизро ташкил намуд.

Ҷамолиддин Нуралиев ҳангоми таҳлили корҳои марбут ба сиёсати пулию қарзии кишвар анҷомдодашуда, қайд намуд, ки ҳаҷми бақияи умумии сандуқи қарзӣ дар нимсолаи якуми соли равон 9,8 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,5 фоиз ё 852 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба 3 959,3 млн. сомонӣ баробар шуд.

Ҳамчунин таъкид карда шуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2020 гардиши савдои хориҷӣ 2 158,7 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки афзоиши он дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 1%-ро ташкил намуд.

Дар ин муддат ҳаҷми содироти молҳо ба андозаи 654,4 млн. долл. ИМА баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 14,7 фоиз зиёд шуданд. Қайд гардид, ки афзоиши содироти молҳо асосан аз ҳисоби зиёдшавии содироти сангу филизоти қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва маҳсулоти тайёри озуқа ба амал омад.

Ҳаҷми воридоти молҳо дар нимсолаи сипаришуда бошад, 1 504,3 млн. долл. ИМА-ро ташкил кард, ки назар ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,0 фоиз коҳиш ёфт. Тавре таҳлилҳо нишон доданд, ин камшавӣ асосан аз ҳисоби коҳишёбии мошинолот ва таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт ба амал омадааст.

Тавре Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев иброз намуд, ба ҳолати 30 июни соли 2020 дар қаламрави кишвар дар маҷмӯъ, 73 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла, 17 адад бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 20 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 адад ташкилоти қарзии хурд ва 29 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Шумораи филиалҳо бо назардошти 2 адад равзанаи бонкии исломӣ ва марказҳои хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ 1 780 ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 22 адад зиёд мебошад. Ин афзоиш дар навбати худ ба васеъ намудани доираи амалиётҳои бонкӣ, таъмини дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифату муосири молиявӣ ва дар ниҳояти кор ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат намуданд.

Изҳор карда шуд, ки ба вазъи душвори имсола нигоҳ накарда, дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ ба 22,5 млрд. сомонӣ баробар шуданд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,8 фоиз ва уҳдадориҳои онҳо бошад, 16,1 млрд. сомонӣ баробар гаштанд, ки 4,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар баробари ин, меъёри кифоятии сармоя,

ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, дар нимсолаи аввали соли 2020 аз ҳудуди муқарраршуда 7,7 банди фоизӣ зиёд иҷро гардида, 19,7 фоизро ташкил намуд.

Бояд қайд кард, ки меъёри пардохтпазирӣ дар сатҳи низом дар давраи ҳисоботӣ пурра иҷро гардида, 65,2 фоизро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда аз меъёри муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ба андозаи 35,2 банди фоизӣ зиёд мебошад.

## ҶИҲАТИ ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ COVID-19 ЧОРАҲОИ ЗАРУРӢ АНДЕШИДА ШУДАНД




Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон иттилоъ дод, ки бар асоси дастуру тавсияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ва бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, эҳтимолияти зиёд гардидани таъсири хавфҳои пандемияи коронавирус (COVID-19) коҳиш додани хароҷоти иловагӣ ва арзиши қарзҳои ба иқтисодиёт пешниҳодшаванда меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, муваққатан то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ ба андозаи 2 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 4 банди фоизӣ паст карда шуда, мувофиқан дар сатҳи 1 ва 5 банди фоизӣ қарор дода шуданд. Иқдоми мазкур имкон дод, ки вазъи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи буҳронӣ беҳтар гашта, маблағи 241,7 млн. сомонӣ пардохтпазирии иловагӣ барои низоми бонкӣ пешниҳод гарданд.

Илова ба ин, бо мақсади дастгирии иқтисодиёти кишвар дар давраи пандемия Бонки миллии Тоҷикистон меъёри бозтамвилро ба андозаи 1,0 банди фоизӣ паст карда, дар сатҳи 11,75 фоизи солона муқаррар намуд.

Қайд гардид, ки дар баробари амалҳои анҷомдодашуда, дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби захираҳои байналмилалӣ бо мақсади бо доллари ИМА таъмин намудани бозори байнибонкӣ, бахусус барои таъмини эҳтиёҷоти ниёзи аввалияи мардум ба маблағи 104,3 млн. долл. ИМА мудохила анҷом дода шуд.

## ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19 КОМЁБИҲО НИЗ БА ДАСТ ОМАДАНД

Ҷамолиддин Нуралиев дар мавриди дастгирии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар чунин як вазъи сангини иқтисоди ҷаҳон изҳор намуд, ки дар нимсолаи якуми соли равон аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ маблағи 300,8 млн. долл. ИМА маблағгузориҳо ҷалб карда шуд:

- ХБА – 189,5 млн. долл. ИМА;
- Бонки ҷаҳонӣ – 11,3 млн. долл. ИМА;
- Бонки рушди Осиё - 50 млн. долл. ИМА;
- Бонки рушди Авруосиё – 50 млн. долл. ИМА.

Илова бар ин, дарояндаи наздик ҷалби маблағҳои грантӣ аз Бонки рушди Осиё дар ҳаҷми 52,5 млн. долл. ИМА ва аз Бонки ҷаҳонӣ дар ҳаҷми 16 млн. долл. ИМА, ки барои инкишофи иқтисоди кишвар ва низоми бонкӣ зарур мебошад,ба нақша гирифта шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва гузаронидани вохӯрию гуфтушунидҳо дар давраи ҳисоботӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор қарзи Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 11 млн. доллари ИМА аз эътибор соқит карда шуд.

Номбурда ба ҳозирин гуфт, ки новобаста аз таъсири пандемия COVID-19 ба иқтисодиёти давлат, рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлатӣ дар сатҳи баҳои солҳои гузашта (В3 аз ҷониби Moody's)) нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷараёни ҷаласаи ҷамъбастӣ таваҷҷуҳи иштирокчиён ба сиёсати қардиҳии ташкилотҳои қарзӣ, беҳтар кардани идоракунии корпоративӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои хешутаборӣ дар идоракунии ташкилотҳои қарзӣ, зиёд кардани ҳаҷми сандуқӣ қарзӣ, мавҷуд будани қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ, танзим ва назорати бозори дохилии асъори хориҷӣ, ҷалби амонатҳо, баланд

бардоштани саводнокии молиявӣ, бозомӯзии кормандон, таъмини шаффофият дар фаъолият, ҷавобгӯй будан ба талаботҳои қонунгузории муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва ба ин васила фароҳам овардани имконияти дастрасӣ ба суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои кишварҳои ғарб, ба камбудиҳо ва дастовардҳои низом бо истифода аз маълумотҳои воқеии ҳар як ташкилоти қарзӣ ва бо таҳлили амиқ ҷалб намуд.

Сипас, роҳбарон ва масъулини идораю департаментҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи вазъи феълии низоми бонкӣ, суботи молиявии низоми бонкӣ, сиёсати қурби асъор, мониторинги молиявӣ ва иҷроиши талаботҳои қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО (AML/CFT), вазъи низоми пардохт, низомҳои иттилоотӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бо рӯнамоиҳои муфассалу таҳлилӣ, ки фарогири тамоми ҷанбаҳои бахшҳои зикршударо дарбар мегирифтанд, суханронӣ намуданд.

Сардорони воҳидҳои сохтории БМТ дар муаррифии рӯнамоиҳои худ паҳлӯҳои муҳими низоми бонкӣ, аз қабили дороиҳо ва ухдадориҳои низоми бонкӣ, даромаднокӣ ва устувории молиявӣ ва сармояи низоми бонкӣ, сифати сандуқи қарзӣ, хавфи таҷаммуъ, пӯёии қурби доллари ИМА нисбати сомонӣ, тағйирёбии қурби асъори шарикони асосии савдо нисбати доллари ИМА, иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО (AML/CFT) дар низоми бонкии кишвар, вазъи бозори кортҳои пардохтӣ, инфрасохтор ва динамикаи афзоиши кортҳои пардохтӣ, вазъи низоми пардохт, таъмини ташкилотҳои қарзӣ бо низоми автоматишудаи бонкии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй, камбудиҳо дар самти ҳифзи иттилоот, таъмини амнияти иттилоот ва хавфҳои асосӣ, арзу шикоятҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, ки бевосита ба бонкҳо таалluқ доранд, муроҷиатҳои шаҳрвандон нисбати хизматрасонии молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ҳаллу фасл намудани масъалаҳои муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ карданд.



Дар қисмати баъдии ҷаласаи ҷамъбастӣ роҳбарони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди кишвар дар бораи камбудиҳои ҷойдошта дар ташкилотҳояшон, роҳҳои ҳалли онҳо, ба роҳ мондан ва боз ҳам беҳтар кардани низоми идоракунии корпоративӣ ва дигар масъалаҳои баррасишуда андешаҳои худро баён намуда, омодагии худро дар самти бартараф кардани камбудию норасоиҳо ва ноил шудан ба комёбиҳои назарраси меҳнатӣ баён карданд.



Дар интиҳои ҷаласаи васеъ оид ба вазъи низоми бонкии кишвар дар нимсолаи аввали соли 2020 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ даъват ба амал овард, ки ҷиҳати баланд бардоштани эътимоднокӣ ва боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, боло бурдани самаранокии низоми идоракунии корпоративӣ, андешидани тадбирҳо барои зиёд кардани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосир, кам кардани қарзҳои ғайрифаъол ва пешгирии баландшавии хавфи қарзӣ, вусъати корҳо ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо ба низоми бонкӣ саъю кӯшиш намоянд, то ки комёбиҳои назаррас ба даст оянд.

***Таҳияи А. Қурбонов,***
***“БТҶ”.***

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020 | | | ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 248 404 457 | 4 212 146 117 | 36 258 340 | 0,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 070 715 132 | 2 813 713 034 | 257 002 098 | 9,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 056 213 959 | 2 021 432 916 | 34 781 043 | 1,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 911 144 829 | 798 896 123 | 112 248 706 | 14,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 837 894 323 | 784 722 207 | 53 172 116 | 6,8% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 455 064 245 | 545 094 376 | -90 030 131 | -16,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 407 018 968 | 398 864 620 | 8 154 348 | 2,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 342 305 325 | 333 968 140 | 8 337 185 | 2,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 265 482 093 | 203 415 254 | 62 066 839 | 30,5% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 201 703 950 | 192 201 545 | 9 502 405 | 4,9% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 138 730 065 | 167 631 355 | -28 901 290 | -17,2% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 132 494 465 | 153 783 081 | -21 288 616 | -13,8% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 80 547 243 | 81 716 973 | -1 169 730 | -1,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 67 482 823 | 69 424 925 | -1 942 102 | -2,8% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020 | | | ӮҲДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 803 773 050 | 3 794 920 621 | 8 852 429 | 0,2% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 229 150 562 | 2 065 093 941 | 164 056 621 | 7,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 645 778 784 | 1 663 028 657 | -17 249 873 | -1,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 774 887 789 | 671 529 769 | 103 358 020 | 15,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 725 496 861 | 675 677 730 | 49 819 131 | 7,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 348 031 101 | 436 096 300 | -88 065 199 | -20,2% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 290 895 949 | 279 590 535 | 11 305 414 | 4,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 286 198 663 | 280 675 694 | 5 522 969 | 2,0% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 133 763 734 | 106 074 028 | 27 689 706 | 26,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 128 172 114 | 114 871 084 | 13 301 030 | 11,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 84 942 190 | 115 432 454 | -30 490 264 | -26,4% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 44 230 621 | 67 751 857 | -23 521 236 | -34,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 25 852 233 | 22 536 056 | 3 316 177 | 14,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 23 785 786 | 41 519 939 | -17 734 153 | -42,7% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020 | | | ҚАРЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 970 009 703 | 2 407 114 118 | 562 895 585 | 23,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 361 387 592 | 1 362 110 048 | -722 456 | -0,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 691 158 279 | 584 763 292 | 106 394 987 | 18,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 361 166 681 | 345 191 023 | 15 975 658 | 4,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 320 924 874 | 243 091 607 | 77 833 267 | 32,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 130 851 915 | 110 072 683 | 20 779 232 | 18,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 111 881 595 | 83 632 731 | 28 248 864 | 33,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 66 382 419 | 53 454 845 | 12 927 574 | 24,2% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 62 686 264 | 69 826 767 | -7 140 503 | -10,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 54 705 567 | 45 313 624 | 9 391 943 | 20,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 19 875 807 | 20 937 812 | -1 062 005 | -5,1% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 19 730 859 | 31 122 354 | -11 391 495 | -36,6% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 4 488 058 | 21 262 292 | -16 774 234 | -78,9% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 3 796 890 | 10 648 994 | -6 852 104 | -64,3% |

## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020

## ПАСАНДОЗҲО

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 241 989 827 | 3 340 303 656 | -98 313 829 | -2,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 574 830 050 | 1 479 672 201 | 95 157 849 | 6,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 965 371 609 | 919 084 934 | 46 286 675 | 5,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 675 382 937 | 591 990 501 | 83 392 436 | 14,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 345 147 309 | 381 014 784 | -35 867 475 | -9,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 266 349 504 | 261 148 834 | 5 200 670 | 2,0% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 262 916 925 | 264 845 229 | -1 928 304 | -0,7% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 84 098 848 | 101 107 221 | -17 008 373 | -16,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 66 702 715 | 97 735 418 | -31 032 703 | -31,8% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 29 199 855 | 31 251 957 | -2 052 102 | -6,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 18 198 424 | 15 810 973 | 2 387 451 | 15,1% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 13 859 220 | 30 912 006 | -17 052 786 | -55,2% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 10 012 456 | 5 566 932 | 4 445 524 | 79,9% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 550 129 | 410 907 | 139 222 | 33,9% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020 | | | САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 841 564 570 | 748 619 093 | 92 945 477 | 12,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 444 631 407 | 417 225 496 | 27 405 911 | 6,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 410 435 175 | 358 404 259 | 52 030 916 | 14,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 136 257 040 | 127 366 354 | 8 890 686 | 7,0% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 131 718 359 | 97 341 226 | 34 377 133 | 35,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 116 123 019 | 119 274 085 | -3 151 066 | -2,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 112 397 462 | 109 044 477 | 3 352 985 | 3,1% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 107 033 144 | 108 998 076 | -1 964 932 | -1,8% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 88 263 844 | 86 031 224 | 2 232 620 | 2,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 73 531 836 | 77 330 461 | -3 798 625 | -4,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 56 761 457 | 40 197 034 | 16 564 423 | 41,2% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 56 106 662 | 53 292 446 | 2 814 216 | 5,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 53 787 875 | 52 198 901 | 1 588 974 | 3,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 41 630 590 | 46 888 869 | -5 258 279 | -11,2% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020 | | | ◙ ФОИДА | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 79 772 289 | 62 404 536 | 17 367 753 | 27,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 26 059 901 | 36 402 785 | -10 342 884 | -28,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 23 943 011 | 20 374 639 | 3 568 372 | 17,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 7 702 295 | 11 241 833 | -3 539 538 | -31,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 7 648 797 | 9 153 043 | -1 504 246 | -16,4% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 3 554 866 | 5 462 047 | -1 907 181 | -34,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 3 537 940 | 9 615 118 | -6 077 178 | -63,2% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 3 029 014 | 2 319 792 | 709 222 | 30,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 2 679 073 | 185 784 | 2 493 289 | 1342,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 2 510 224 | 2 009 608 | 500 616 | 24,9% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 1 038 080 | 130 899 | 907 181 | 693,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 683 643 | 1 918 485 | -1 234 842 | -64,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 329 945 | 7 914 832 | -7 584 887 | -95,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -1 649 676 | 196 079 | -1 845 755 | -941,3% |




*...Бонки миллӣ дар нимсолаи аввали соли 2020 бо мақсади паст кардани хавфҳои асъорию қурбӣ, фишорҳои таваррумӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ дар амал татбиқ намудани омилҳои монетариро дар ҳамоҳангсозӣ бо фишангҳои иқтисодӣ ба роҳ монд.*

***Ҷамшед Нурмаҳмадзода***

# Васеъ гаштани фарогирӣ ва дастрасии аҳолӣ ба захираҳои молиявӣ, эътимоднокии аҳолиро ба низоми бонкӣ беҳтар карда истодааст

**Нишасти навбатии матбуоти Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти бонк ва низоми бонкии мамлакат дар нимсолаи аввали соли 2020 бахшида шуда буд, 22 июли соли 2020 бо иштироки Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ва теъдоди зиёди намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷии кишвар баргузор гардид. Дар кори он муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва муовини Раиси БМТ Ҳоким Холиқзода ширкат варзиданд.**

Нахуст Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода қайд намуд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ бо сабаби паҳншавии пандемияи касалии сироятии коронавирус COVID-19 дар ҷумҳурӣ шиддат гирифтани ноустувории фаъолияти муназзами иқтисоду молия ба вуҷуд омада, он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва низоми молиявии кишвар таъсири манфии худро расонид. Иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки ба молу маҳсулоти ниёзи аввалияи воридотӣ вобастагии калон дорад ва дар натиҷаи маҳдуд гардидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ба хавфи баланд дучор гардид. Вобаста ба гуфтаҳои боло Бонки миллӣ бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Президенти кишвар барои татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ дар амал, таъмини рушди муътадили ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, пешгирии таъсири манфии тағйирёбии қурбӣ, нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо, суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ, бо назардошти пешгирии омилҳои ташвишовари дохилӣ ва беруна як қатор чораҳои заруриро ба анҷом расонид.

## МАҶМӮИ МАҲСУЛОТИ ДОХИЛӢ БА 32,4 МЛРД. СОМОНӢ БАРОБАР ШУД

Қайд гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 32,4 млрд. сомониро ташкил намуд ва рушди воқеии иқтисодиёти кишвар ба андозаи 3,5 фоиз таъмин гардид. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар нимсолаи аввали соли равон ба 2 158,7 млн. долл. ИМА баробар шуд, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,0 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши савдои хориҷӣ асосан аз ҳисоби содироти молҳо - 654,4 млн. долл. ИМА, ки зиёдшавии он 14,7 фоизро ташкил намуд, ба вуҷуд омадааст. Ҳаҷми воридоти молҳо бошад,– 1 504,3 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода, коҳишёбии он ба 4,0 фоиз баробар гардид. Касри тавозуни савдо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,7 фоиз кам гардида, 849,9 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд.

## СИЁСАТИ ҚУРБӢ ВА АСЪОРӢ

Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, ки Бонки миллӣ дар нимсолаи аввали соли 2020 бо мақсади паст кардани хавфҳои асъорию қурбӣ, фишорҳои таваррумӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ дар амал татбиқ намудани омилҳои монетариро дар ҳамоҳангсозӣ бо фишангҳои иқтисодӣ ба роҳ монд. Аз ҷумла, коғазҳои қиматноки БМТ ба маблағи 7,3 млрд. сомонӣ ба фурӯш бароварда шуданд. Илова ба ин, тавассути ташкили амалиёти “овернайт” аз ташкилотҳои қарзӣ амонатҳои шабонарӯзӣ ба маблағи 153,1 млрд. сомонӣ ҷалб гардиданд.

Бо назардошти дастгирии иқтисодиёти кишвар ва пеш гирифтани сиёсати ҳавасмандгардонии сиёсати пулию қарзӣ дар давраи пандемия меъёри бозтамвил аз 1 майи соли равон ба андозаи 1,0 банди фоизӣ паст ва дар сатҳи 11,75 фоизи солона муқаррар карда шуд ва ҳамоҳангсозии фишангу воситаҳои дигари монетарӣ мутобиқ ба меъёрҳои муосири ҷаҳонӣ мавриди истифодаи фаъол қарор гирифтанд.

Илова бар ин, таъкид карда шуд, ки бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ

дар муқобили таъсири хавфҳои эҳтимолӣ аз пандемияи коронавирус, ҳамчунин ҷиҳати коҳиш додани хароҷотҳои иловагӣ ва арзиши қарзҳои ба иқтисодиёт пешниҳодшаванда, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд аз 1 апрели соли 2020 муваққатан то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ 1 фоизи солона ва бо асъори хориҷӣ 5 фоизи солона муқаррар карда шуд. Бояд гуфт, ки аз ин ҳисоб зиёда аз 241,7 млн. сомонӣ маблағ ба ташкилотҳои қарзӣ баргардонида шуд, ки он барои таъмини пардохтпазирии онҳо мусоидат менамояд. Маблағи умумии бақияи воқеии захираҳои ҳатмӣ дар давраи ҳисоботӣ ба 326,5 млн. сомонӣ, аз он ҷумла 117,1 млн. сомонӣ бо пули миллӣ ва 209,4 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ баробар аст.

Дар давраи баррасишаванда қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА тағйирёбии муътадил дошта, қурби расмии он (қурби миёнавазни хариду фурӯши доллари ИМА дар бозорҳои байнибонкӣ ва дохилибонкӣ) 6,4 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Дар баробари ин, қурби нақдӣ (қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар бозори ғайрибонкӣ) дар ҳамин давра 8,7 фоиз баланд шудааст, ки ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 7,9 банди фоизӣ зиёд мебошад. Фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар санаи 30 июни соли 2020 ба 3,2 фоиз баробар шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон



ҷиҳати коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, бартараф намудани таъсири хавфҳои асъории ҷойдошта, таъмини риояи меъёри фарқияти то ба 2 фоизаи байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА ва аз байн бурдани фарқият дар бозори ғайрибонкӣ, 20 марти соли 2020 тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА-ро ба андозаи то 5,0 фоиз амалӣ намуд.

## САТҲИ ТАВАРРУМ – 4,3 ФОИЗ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар идомаи суханрониаш иброз дошт, ки дар натиҷаи истифодаи самараноки фишангҳои монетарӣ сатҳи таваррум дар ин давра ба 4,3 фоиз баробар шуда, нисбат ба соли гузашта танҳо 0,3 банди фоизӣ зиёд гардид. Таварруми ҳосилшуда бошад, асосан аз ҳисоби таъсири пандемияи коронавируси COVID-19, маҳдуд шудани ҳамлу нақл ва содироти баъзе аз маҳсулоти хӯроквворӣ аз кишварони шарики савдо ва омилҳои мавсимӣ (номусоидии обу ҳаво) ва (алалхусус маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ) ба амал омад.

Изҳор карда шуд, ки сатҳи таъминнокии захираҳои байналмилалӣ дар санаи 1 июли соли 2020 ба андозаи 6,3 моҳи воридотӣ нигоҳ дошта шудааст ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад.

Бонки миллӣ, - гуфт Ҷамшед Нурмаҳмадзода, - новобаста аз коҳиш ёфтани вуруди интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ 14,8 фоиз ҷиҳати таъмин намудани талаботи иқтисодиёт бо асъори хориҷӣ тамоми чораҳои заруриро андешида, то як андоза онро қонеъ гардонид. Ҳамин тариқ, аз ҳисоби захираҳои байналмилалӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини талаботи бозори байнибонкӣ, маблағгузории уҳдадориҳои давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ, аз ҷумла барои таъмини эҳтиёҷоти ниёзи аввалияи мардум аз тариқи ташкилотҳои қарзӣ, инчунин хароҷоти давлатӣ, аз қабили маблағгузории уҳдадориҳои

ташкилотҳои буҷетӣ, сохтмони иншоотҳои стратегӣ, пардохти қарзҳои берунӣ, сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва дигар уҳдадориҳои Ҳукумат дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ маблағҳои зарурӣ равона гардиданд.

## НИЗОМИ БОНКӢ

**Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзӣ бештар аз 300 млн. сомонӣ афзоиш ёфт**

Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, ки дар нимсолаи сипаришуда ташкилотҳои қарзӣ дар самти беҳтар намудани миёнаравии молиявӣ, таъмини рушд ва сифатнокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва сармояи хориҷиву дохилӣ, зиёд намудани маблағгузории иқтисодиёт, аз ҷумла ба соҳаи саноат, дастгирии соҳибкории хурду миёна, то андозае корҳои муайянро анҷом расонидаанд. Қобили қайд аст, ки меъёри кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ дар доираи талаботи нишондиҳандаи мақбул таъмин гардида, даромаднокии дороиҳо ва сармоя нисбат ба соли қаблӣ афзуданд. Меъёри пардохтпазирии ҷории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 1 июли соли 2020 ба 65,18 фоиз баробар гардида, аз меъёри муқарраргардида 35,18 банди фоизӣ зиёд мебошад, ки ин аз солим гардидани пардохтпазирии низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Дар рафти вохӯрӣ ба хозирин иттилоъ дода шуд, ки дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ 22,5 млрд. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,8 фоиз ва уҳдадориҳои онҳо бошад, ба 16,1 млрд. сомонӣ баробар шуда, 4,9 фоиз зиёд гардидаанд. Дар баробари ин, сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзӣ 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ба 6,4 млрд. сомонӣ баробар гардид. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 37,2 млн. долл. ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 27,7 фоиз ё 14,2 млн. долл. ИМА кам мебошад. Новобаста аз ин, алҳол дар ташкилотҳои қарзӣ иқтидори (потенсиал)-и қарзӣ ба маблағи 2,5 млрд. сомонӣ вуҷуд дорад, ки онҳо дар бозори молиявию қарзӣ ҷойгир нашудаанд.

> Тавре маълум гардид, ба ҳолати 1 июли соли 2020 бақияи пасандозҳо - 9,7 млрд. сомониро ташкил дода, бо пули миллӣ 1,3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 0,8 фоиз афзуд. Дар маҷмӯъ ҳаҷми пасандозҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,1 фоиз афзоиш ёфт. . .

Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ бо вуҷуди он ки бар асари таъсири паҳншавии касалии коронавирус COVID-19 нисбат ба соли қаблӣ то андозае кам шуда бошад ҳам, дар умум бо фоида ба маблағи 151,5 млн. сомонӣ ҷамъбаст шудааст. Боиси хурсандист, ки дар маҷмӯъ ташкилотҳои қарзӣ ва Бонки миллӣ пардохти андозҳоро ба буҷети давлатӣ ба маблағи умумии 298,6 млн. сомонӣ таъмин намуданд ва ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,6 фоиз ё 15,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Муҳимтар аз ҳама, дар натиҷаи беҳтар гардидани фаъолияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин васеъ намудани фарогирӣ ва дастрасии аҳолӣ ба захираҳои молиявӣ, эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ беҳтар гардида истодааст.

## ҲАҶМИ ПАСАНДОЗҲО 1,1 ФОИЗ АФЗОИШ ЁФТ

Тавре маълум гардид, ба ҳолати 1 июли соли 2020 бақияи пасандозҳо - 9,7 млрд. сомониро ташкил дода, бо пули миллӣ 1,3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 0,8 фоиз афзуд. Дар маҷмӯъ ҳаҷми пасандозҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,1 фоиз афзоиш ёфт (101,8 млн. сомонӣ), ки ин афзоиш вобаста ба зиёд шудани амонатҳои пасандозӣ ба амал омад.

Ба маълумоти хабарнигорон расонида шуд, ки теъдоди пасандозҳо дар сандуқи пасандозӣ 4001,4 ҳаз. ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 540,5 ҳаз. адад ё 15,6 фоиз афзудааст. Фоизи миёнавазни пасандозҳои муҳлатнок дар низоми бонкӣ бо пули миллӣ 11,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 5,2 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра шумораи пасандозҳои ҷалбшуда 2663 ҳаз. ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта

1,1 ҳаз. адад афзудааст.

Дар баробари ин, тазаккур дода шуд, ки низоми бонкӣ бар асари таъсири пандемияи коронавируси COVID-19 дар моҳҳои апрел-июн ба мушкилиҳои зиёде дучор гардид. Аз ҷумла, дар ин давра муваққатан 107 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ фаъолият накарданд. Бо ин сабаб 1212 нафар бо иллати корношоямӣ ва 2770 нафар кормандони ташкилотҳои қарзӣ ба рухсатии бемузд равона карда шудаанд. Вале бо вуҷуди ин ҳама мушкилот дар ин давра 29 марказҳои хизматрасонии бонкии навтаъсис ба фаъолият шурӯъ намуданд.

## БАҚИЯИ УМУМИИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ 9,5 ФОИЗ Ё 852 МЛН. СОМОНӢ АФЗУД

Бинобар сабаби омилҳои дар боло ишорашуда суръати афзоиши қарзҳои додашуда дар семоҳаи дуюми соли ҷорӣ коҳиш ёфта, нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ кам гардид. Агар дар моҳҳои апрел ва майи соли равон ҳаҷми қарзҳои додашуда кам шуда бошад, дар моҳи июн назар ба моҳи майи соли ҷорӣ 42,2 фоиз ё 131,8 млн. сомонӣ бештар қарз дода шудааст. Дар робита ба ин қайд кардан зарур аст, ки афзоиши қарзҳои додашуда дар моҳи июн пас аз барҳам хурдани маҳдудиятҳои карантинӣ, яъне баъд аз 15 июн ба вуҷуд омадааст.

Дар умум ҳаҷми қарзҳои додашуда - 3'959,3 млн. сомониро ташкил дода, назар ба ҳамин давраи соли қаблӣ 9 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон ба ҳолати 30 июни соли ҷорӣ ҳаҷми бақияи умумии сандуқи қарзӣ ба 9,8 млрд. сомонӣ баробар шуда, 9,5 фоиз ё 852 млн. сомонӣ афзуд. Таъкид карда шуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба истеъмолот 27,7 фоиз, савдои хориҷӣ 19,3 фоиз, кишоварзӣ 18,8 фоиз, хизматрасонӣ 14 фоиз, саноат 10,6 фоиз, сохтмон 5,2 фоиз, нақлиёт 1,2 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 1,2 фоиз, миёнаравии молиявӣ 0,6 фоиз ва дигар соҳаҳо 1,4 фоиз рост меояд.

Илова бар ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти таъсири паҳншавии пандемияи коронавируси COVID-19 ба иқтисодиёти кишвар, дар ин давра ба зиёда аз 100 ҳазор адад муштариёни худ ба маблағи 1,5 млрд. сомонӣ имтиёзҳо пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, муҳлати пардохти қарзи зиёда аз 28600 шумораи муштариён бо маблағи 800 млн. сомонӣ тамдид гардида, зиёда аз 43 млн. сомонӣ ҷаримаҳои ҳисобшуда ба муштариён бахшида шуданд.

Тавре Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз намуд, дар маҷмӯъ меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар нимсолаи аввали 2020 нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,5 банди фоизӣ (аз 15,5 фоиз то 13 фоиз) паст шуда, меъёри фоизи қарзҳо бо пули миллӣ бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2019-ум 1,7 банди фоизӣ (аз 21,9 фоиз то 23,6 фоиз) зиёд шудааст.

Номбурда гуфт, ки дар шаш моҳи соли 2020 ташкилотҳои қарзӣ аз 100 фоизи дархостҳои барои гирифтани қарз манзуршуда 85,6 фоизи онҳоро қонеъ гардонида, 1,2 фоизашон дар баррасӣ қарор доранд ва боқимонда 13,2 фоизи дархостҳо бинобар сабаби ба меъёрҳои амалкунанда мутобиқ набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда қонеъ карда нашуданд.

## НИЗОМИ ПАРДОХТ

**Шумораи пардохтҳо 34,0 фоиз ва ҳаҷми пардохтҳо 58,4 фоиз афзоиш ёфтаанд**

Дар идомаи нишасти матбуотӣ изҳор карда шуд, ки бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Президенти кишвар, Пешвои миллат, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот, ҷорӣ кардани воситаҳои муосири электронии пардохт, коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти низоми бонкӣ ироа гардидаанд, чораҳои зарурӣ андешида истодаанд. Барои мисол, то 1 июли соли 2020 дар ҷумҳурӣ тавассути низомҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ 77,3 млн. адад пардохтҳо ба маблағи умумии 594,0 млрд. сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки нисбат ба соли гузашта шумораи пардохтҳо 34,0 фоиз ва ҳаҷми пардохтҳо 58,4 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Ташкилотҳои қарзӣ барои таъмини хуби хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ дар маҷмӯъ 1 096 адад банкомат ва 5 575 адад терминалҳои электронӣ насб карданд, ки дар муқоиса ба соли 2019 шумораи банкоматҳо 398 адад ва шумораи терминалҳои электронӣ 672 адад зиёд мебошад. Аз



шумораи умумии терминалҳои электронӣ 1 853 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 3 722 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 12,9 фоиз ва 14,1 фоиз зиёдтар мебошад. Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 705 064 ададро ташкил дода, дар моҳҳои январ-июни соли 2020 тавассути онҳо 3 327 634 адад амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 189,4 млн. сомонӣ анҷом дода шуданд.

Дар нимсолаи аввали соли 2020 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 21,0 млн. адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 787,1 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2019 аз рӯи шумора 27,7 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 2,1 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ба диққати аҳли нишаст расонида шуд, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ теъдоди умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби бонкҳои ватанӣ ба муомилот баровардашуда зиёда аз 2 640,8 ҳазор ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,8 фоиз зиёд мебошад. Шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ бошад, ба 2 486,5 ҳазор нафар баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли гузашта 16,6 фоиз зиёд аст.

Дар баробари ин, теъдоди умумии суратҳисобҳои бонкии муштариёни дар ташкилотҳои қарзӣ кушодашуда ба ҳолати 30 июни соли 2020 назар ба ҳамин санаи соли қаблӣ 18,5 фоиз афзоиш ёфта, 4 348 661 ададро ташкил намуд, ки ин дар навбати худ аз боз ҳам беҳтар шудани фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҷараёни мулоқот бо намояндагони ВАО Ҷамшед Нурмаҳмадзода диққати онҳоро ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, қабули муроҷиати шаҳрвандон тариқи шифоҳӣ, телефонӣ, хаттӣ ва тавассути сомонаи расмӣ ҷалб намуда, қайд кард, ки дар маҷмӯъ 1 183 адад, аз ҷумла 20 адад ба воситаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 757 адад тариқи телефони боварӣ, 301 адад ҳангоми қабули шаҳрвандон, 17 адад тариқи почтаи электронӣ ва 88 адад муроҷиати бевосита ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардидааст ва нисбати ҳамаи онҳо дар доираи салоҳиятҳои мавҷуда чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Ҳамчунин гуфта шуд, ки дар ин давра шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ ба 18 адад баробар шуд, ки аз онҳо 2 адад ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 адад ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ мебошанд. Илова бар ин, дар бозори суғуртаи кишвар 1 адад Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила амал мекунад. Тавре маълум гардид, воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ назар ба маълумотҳои фаврӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 131,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,6 фоиз зиёд мебошад. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ бошад, ба 10,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 71,9 фоиз зиёд аст. Дар давоми нимсолаи аввали соли равон аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ 775,7 ҳаз. адад шартномаҳои суғуртавӣ баста шуданд.

## МУШКИЛОТИ МАВҶУДА БО МЕҲНАТИ СОФДИЛОНАЮ БОСАМАР БАРТАРАФ МЕШАВАНД

Тавре Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъкид дошт, дар он ҷое, ки кор аст,

камбудию мушкилот низ дучор меояд ва танҳо дар ҷараёни кору пайкори софдилонаю босамар онҳоро метавон ислоҳу бартараф кард. Аз ин рӯ, гуфт ӯ, бо мақсади иҷрои дастуру вазифаҳое, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мо гузошта шудаанд, тамоми тадбирҳои заруриро андешида, масъалаи дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум ва қурби пули миллӣ бо назардошти татбиқи сиёсати устувори монетарӣ вазифаи аввалиндараҷаи худ қарор медиҳем.

Ҳамчунин номбурда изҳор кард, ки ҷиҳати ҳаллу фасли муваффақона ва сифатноки ин ҳадаф вазифаҳои навбатии низоми бонкӣ барои нимсолаи дуюм соли равон ва ояндаи наздик таҳия шудаанд ва пай дар пай иҷро хоҳанд шуд:

– омода намудани шароити мусоид ҷиҳати пешгирӣ кардани хавфҳои молиявӣ ва нигоҳ доштани фаъолияти солими ташкилотҳои қарзии кишвар тавассути таъмини рушд ва сифатнокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ҷалби бештари пасандозҳои аҳолӣ ва сармоягузории хориҷӣ, мусоидат ба афзоиши иқтидори содиротӣ;
– андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати зиёд намудани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва беҳтар гардонидани ҷараёни қарздиҳӣ ва паст намудани хавфҳои қарзӣ, дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ дар соҳаи саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва хурду миёна, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдаст;
– таъмини суботи молиявию пардохтпазирии низоми бонкии кишвар, зиёд намудани сармояи тавозунӣ ва шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ бахри фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дар ин робита баланд бардоштани сатҳи боварии аҳолӣ ба низоми молиявӣ;
– баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандони низоми бонкию суғуртавӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҷобаҷогузории онҳо, инчунин гузаронидани тренингу омузишҳои махсус ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифат ва муоширати кормандон бо мизоҷон;
– ҷорӣ намудани шаклҳои нави муосири хизматрасониҳои бонкӣ бахри васеъ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;
– дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ ба роҳ мондани ҳамкории судманд бо шариконии байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати ҷалби бештари қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва сармоя ба иқтисодиёти кишвар.

Нишасти навбатии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо хабарнигорони дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкии мамлакат дар нимсолаи аввали соли 2020 бахшида шуда буд ва рӯзноманигорон ба он рағбати зиёд зоҳир намуданд, ба андешаи худи онҳо хеле шавқовару муфид гузашт. Ва чун анъанаи хуби ба миён омада, қисми зиёди вақти нишасти матбуотӣ ба бахши пурсишу посух бахшида шуд. Маҳз дар чунин як шароити мусоиди корӣ ба тамоми саволҳои аҳли қалам дар бораи ташкили бонки содиротӣ, фаъолияти ҶСК "Тавҳидбонк", музокироти навбатӣ бо Хазинаи байналмилалии асъор оид ба барномаи нави ҳамкорӣ, вазъи макроиқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, тағйир ёфтани меъёри бозтамвил, сатҳи таваррум, ба роҳ мондани пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳаҷми пул дар муомилот, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, қурби асъор ва мудохила ба бозори асъор, ҳаҷми захираҳои байналмилалӣ, дастрасии асъори хориҷӣ дар бонкҳо, бозпас гардонидани амонатҳои мардум, фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ, таъмини эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ, ҳаҷми зарари пандемияи COVID-19, шумораи занҳо дар низоми бонкӣ ва имтиёзҳои қарзӣ ба қарзгирандагон Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ва Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев посухҳои пурра ва мушаххас доданд.

***Таҳияи
Абдуғаффор Қурбонов,
сардабири "БТҶ".***

Дар давоми моҳҳои январ-августи соли 2020 дар низоми бонкӣ ва соҳаи суғуртаи ҷумҳурӣ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд ва мавриди амал қарор доранд:

**Қонунҳо – 7 адад,**

**Дастурамалҳо – 7 адад,**

**Тартибҳо – 4 адад.**



**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №1026, “14” июли соли 2020, “ба қайд гирифта шудааст”**

**Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №79 аз “25” июни соли 2020, “тасдиқ шудааст”**

# Дастурамали №241 “Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ”

Дастурамали №241 “Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ” (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи моддаҳои 6 ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, моддаи 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ва бо назардошти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, моддаҳои 4, 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ва моддаи 39 (1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия карда шуда, талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои низоми бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд.
2. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо санади дохилии худ тартиби ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро бо назардошти талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии бо Дастурамали мазкур муқаррargардида, бояд пешбинӣ намоянд.
3. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **ташкилотҳои қарзии молиявӣ** - ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти дар қонун пешбинишударо амалӣ менамоянд;
- **ташкилотҳои қарзӣ** – шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд;
- **ташкилотҳои қарзии исломӣ –** шахсони ҳуқуқие (бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ , аз ҷумла «равзанаи бонкии исломӣ»), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии исломии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд;
- **қарз** - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода шудааст ва ё маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба муштарӣ мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дода шуда, метавонад шартҳои пардохти маблағи асосӣ, фоида, иҷора ё ҳаққи хизматрасониро дар бар гирад ё бидуни он;
- **маблағгузории исломӣ** – ҷойгиркунии мӯҳлатнок, маблағгузории байнибонкӣ, маблағгузории субординарӣ, муробаҳа, муробаҳаи молӣ, иҷора, иҷораи мунтаҳия биттамлик, музораба, мушорака, мушоракаи мутаноқиса, салам, истисно, қарзи исломӣ (қарзи ҳасана), ипотека, эътиборнома, даромадҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда, хатҳои қарзии истифоданашудаи муштариён, кафолатҳои аз тарафи ташкилотҳои қарзии исломӣ додашуда ва ғайра тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ;
- **ифшои маълумот** – пешниҳоди маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ дар бораи шартҳои хизматрасонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ, аз ҷумла то ба имзо расонидани шартнома, ҳангоми ба имзо расонидани шартнома ва дар муддати эътибори шартнома, ки талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии он бо Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар карда шудааст;

- **истеъмолкунандаи хизматрасонии низоми бонкӣ (муштарӣ)** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода мебарад ё мақсад дорад истифода барад;
- **меъёри фоизи қарз** - ин ифодаи фоизӣ мебошад, ки нисбат ба қарз ва барои давраи муайяни ҳисобкунии он муқаррар карда мешавад. Давраи ҳисобкунии фоизи қарз бо шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ муайян карда мешавад ва маҳдуд намебошад (яъне давра метавонад: як рӯз, як ҳафта, як моҳ, ду моҳ, семоҳа, нимсола, яксола тибқи мувофиқаи муштарӣ ва ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шавад);
- **даромад ё фоида (аз рӯи маблағгузории исломӣ** ) – вобаста ба мафҳумҳои «қарзи исломӣ», «суратҳисоби сармоягузорӣ» ва «амонат ё пасандозҳои исломӣ» шаклҳои гуногуни даромад, дивиденд ё фоида, рента (изофабаҳо), инчунин ҳаққи хизматрасонӣ ё туҳфае, ки ба ташкилоти қарзии исломӣ пардохта ё аз ҷониби он дода мешаванд.
- **таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ** - Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявие, ки барои интиқол додани маблағҳо хизмат мерасонанд;
- **хизматрасониҳои низоми бонкӣ (хизматрасонӣ)** – хизматрасониҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ тибқи иҷозатномаи аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон додашуда пешниҳод менамоянд;
- **хизматрасониҳои пардохтӣ** - қабул намудан ва додани маблағҳои нақд, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои электронӣ, бароriш (эмиссия) ва (ё) хизматрасонии воситаҳои пардохтӣ ва хизматрасонӣ оид ба қабули пардохтҳо;
- **интиқоли маблағ** - амали таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ оид ба пешниҳоди маблағи пардохткунанда ба маблағгиранда;
- **меъёри самараноки фоизии солона** - ифодаи фоизие мебошад, ки тибқи он фоизи қарз бо назардошти тамоми пардохтҳои хизматрасонии қарз, ки аз ҷониби муштарӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ пардохта мешавад, ҳисоб карда мешавад;
- **воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон** -воҳиди сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, ки дар амалӣ намудани чорабиниҳо бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ вазифадор мебошанд;
- **чорабинии “Харидори махфӣ”** – чорабинии махсус оид ба санҷиши сифати пешниҳоди хизматрасониҳои ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла риояи талаботи Дастурамали мазкур, ки воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон мегузаронад.

## БОБИ 2. ТАЛАБОТҲОИ УМУМӢ ҲАНГОМИ ИФШО НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲО БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ

4. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми муносибат бо истеъмолкунандагон бояд принсипҳои адолат, бовиҷдонӣ, баробарӣ ва кордониро риоя намуда, ифшои маълумотро бо риояи талаботҳои ҳадди ақалли зерин анҷом диҳанд:

- маълумот барои тамоми истеъмолкунандагон ва истеъмолкунандагони эҳтимолии хизматрасониҳо бояд бо ҳуқуқҳои баробар ва дар ҳаҷми баробар пешниҳод гардад;
- маълумот бояд саҳеҳ ва пурра буда, саривақт пешниҳод карда шавад;
- маълумот бояд барои истеъмолкунандаи хизматрасонӣ бо забони соддаву фаҳмо пешниҳод гардида, набояд калимаву ибораҳои печидаву душворфаҳм ва истилоҳҳои касбиву техникиро дар бар гирад;
- маълумот бояд ба забони давлатӣ ба истеъмолкунанда пешниҳод карда шавад ва дар ҳолати мувофиқа ҳосил шудан, ба истеъмолкунанда аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ бо дилхоҳ забони дигар низ пешниҳод мегардад;
- маълумот ба истеъмолкунанда бояд бо андозаи чунин ҳарфе пешниҳод гардад, ки истеъмолкунанда тавонад ба осонӣ маълумоти зарурии худро пайдо кунад;
- маълумот дар бораи хизматрасонӣ бояд тавре пешниҳод гардад, ки барои истеъмолкунанда аз нуқтаи назари дарки моҳияти хизматрасонӣ ва арзёбии мутобиқати он ба ниёзҳои худ бамаврид ва пурмуҳтаво бошад;
- маълумоти пешниҳодшуда набояд дар шакле пешниҳод гардад, ки шартҳои муҳимро пинҳон сохта ё аҳамияти онҳоро коҳиш дода, тасаввуротеро ба миён орад, ки онҳо муҳим нестанд. Дар робита ба ин ба таҳрифи маънои маълумоте, ки ба духурагӣ оварда мерасонад ё боиси маънидодкунии дигари хусусиятҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мегардад, роҳ дода намешавад;
- маълумот бояд ба санаи пешниҳоди он, тибқи ҳолатҳое, ки истеъмолкунандаи хизматрасониҳо изҳор намудааст ва ба шартҳои шартномаи хизматрасонӣ таъсир расонидаанд, аҳамиятнок бошад.

5. Дар муносибат бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро риоя намуда, меъёрҳои ахлоқии рафтори кориро ба роҳбарӣ гиранд.

## БОБИ 3. ИФШОИ МАЪЛУМОТ БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ТО БАСТАНИ ШАРТНОМА

6. То бастани шартнома оиди пешниҳоди хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда бояд ифшои пурраи маълумот дар бораи хизматрасонии пешниҳодшаванда таъмин карда шавад. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд тамоми чораҳои заруриро андешанд, то ки маълумот дар бораи шартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ, хавфҳои эҳтимолии ба он алоқаманд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, оқибатҳо ва масъулияти ҷонибҳо ба маълумоти истеъмолкунанда расонида шаванд.
7. Пеш аз он ки шартнома оиди пешниҳоди хизматрасонӣ баста шавад, ташкилоти қарзии молиявиро зарур аст:

- ба истеъмолкунанда моҳият ва шартҳои асосии хизматрасонии мушаххаси мавриди таваҷҷуҳи ӯро фаҳмонад;
- истеъмолкунандаро бо ҳаҷми тамоми пардохтҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасонии мавриди таваҷҷуҳи ӯ иртибот доранд, шинос намояд;
- ба истеъмолкунанда тартиби пешниҳод, раванд ва муҳлати баррасии муроҷиатро, ки аз шартнома бармеояд, фаҳмонад;
- истеъмолкунандаро дар бораи ӯҳдадориҳояш бо дарназардошти чораҳои таъсиррасонӣ, ки ташкилоти қарзии молиявӣ метавонад дар ҳолати иҷро нашудани ӯҳдадориҳои истеъмолкунанда (ноустуворона ё ҳамагуна чораҳои дигар, ки вазъи молиявии истеъмолкунандаро бадтар месозанд), ки дар шартнома пешбинӣ шудаанд, хабар диҳад;
- истеъмолкунандаро дар бораи шакл, мунтазамӣ ва муҳлати пешниҳоди маълумот (иқтибосҳо, огоҳинома) пас аз ба имзо расонидани шартнома огоҳ созад;
- то бастани шартнома ба истеъмолкунанда имконият ва муҳлати заруриро барои шиносшавӣ бо муқаррароти шартнома пешниҳод намояд;
- дар ҳолате, ки тибқи шартҳои хизматрасонӣ зарурати истифодабарии хизматрасонии иловагии аз ҷониби шахси сеюм пешниҳодшаванда ҷой дошта бошад, ба истеъмолкунанда интихоби чунин шахси сеюмро пешниҳод намояд.

8. Ба истеъмолкунанда бояд маълумоти кофӣ оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳо пешниҳод гардад, то ки истеъмолкунанда тавонад вобаста ба тақозо ва имкониятҳои молиявиаш маҳсулот ва ё хизматрасонии мутобиқро интихоб намояд.
9. Пеш аз пешниҳоди қарз/маблағгузории исломӣ ё додани маслиҳат оиди гирифтани қарз/маблағгузории исломӣ, ташкилоти қарзии молиявӣ бояд вазъи молиявӣ, талаботи молиявӣ ва имкониятҳои молиявии истеъмолкунандаро баҳогузорӣ намуда, инчунин иҷрои талаботҳои зеринро таъмин намояд:

- то бастани шартномаи қарзӣ/маблағгузории исломӣ бояд маълумоти муфассал дар бораи шартҳои пешниҳоди қарз/маблағгузории исломӣ, аз ҷумла маълумот оид ба арзиши пурраи он ифшо карда шавад;
- ба истеъмолкунанда бояд оқибатҳои иҷро нашудан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои қабулкардаи ӯ ва ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи қарзӣ/маблағгузории исломӣ шарҳ дода шавад;
- ҳангоми интишор ва паҳн кардани маълумот дар бораи арзиши қарз/маблағгузории исломӣ бояд ҳам меъёрҳои фоизи номиналӣ/даромад ё фоида ва ҳам самаранокии қарз/фоидаи маблағгузорӣ нишон дода шаванд.

10. Ғайр аз маълумоте, ки дар бандҳои 7, 8 ва 9 Дастурамали мазкур омадааст, ташкилоти қарзии молиявӣ бояд:

- ба қарзгиранда/муштарӣ моҳият ва аҳамияти таърихи қарзро шарҳ диҳад, аз ҷумла дар бораи он хабар диҳад, ки дар сурати иҷро нашудани ӯҳдадориҳо аз рӯи қарз/маблағгузории исломӣ, дар ин бора маълумот ба бюрои таърихи қарз пешниҳод карда мешавад;
- ба қарзгиранда/муштарӣ дар бораи он хабар диҳад, ки дар сурати иҷро нагардидани ӯҳдадориҳояш, қарз/маблағгузории исломӣ ба таври маҷбурӣ аз ҳисоби молу мулки ба гарав гузошташуда ва дар сурати нокифоягии молу мулки ба гарав гузошташуда аз ҳисоби дигар молу мулки қарзгиранда/муштарӣ ситонида мешавад;
- ба қарзгиранда/муштарӣ оид ба ҳуқуқҳои ӯ дар асоси бебозгашт даст кашидан аз гирифтани қарз/маблағгузории исломӣ дар давраи пас аз бастани шартнома ва то лаҳзаи гирифтани маблағҳои пулӣ хабар диҳад;
- дар сурати будани гаравдеҳ, зомин, кафил ё шахси дигар, ки ҷониби шартномаи қарзӣ/шартномаи маблағгузории исломӣ ба ҳисоб меравад, ҷавобгарии онҳоро шарҳ дода, дар шакли озоди хаттӣ ризоияти онҳро ба даст оварад;
- дар сурати қарзи/маблағгузории исломии гурӯҳӣ, ба қарзгирандагон/муштариён ҷавобгарии муштараки умумиро оид ба қарз/маблағгузории исломӣ шарҳ диҳад;
- ба амонатгузор фаҳмонад, ки ташкилоти қарзии молиявӣ ӯҳдадор аст маблағи пасандоз/амонати бонкӣ/амонат ё пасандозҳои исломӣ ё қисми онро бо дархости аввали амонатгузор пардохт намояд, ба истиснои пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки дар гарав ба сифати таъминнокӣ гузошта шудаанд;
- ба амонатгузор шарҳ диҳад, ки дар сурати муфлисшавии ташкилоти қарзии молиявӣ ҷуброни пасандозҳо/амонатҳои бонкӣ аз тарафи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ҳаҷм ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” пардохт мегардад.

11. Агар ташкилоти қарзии молиявӣ аз пешниҳоди хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда даст кашад, ташкилоти қарзии молиявӣ бо дархости истеъмолкунанда ба ӯ нусхаҳои асли ҳамон ҳуҷҷатҳоеро бармегардонад, ки истеъмолкунанда аз шахсони сеюм барои пешниҳод ба ташкилоти қарзии молиявӣ бо мақсади истифода намудани хизматрасонӣ (маълумотнома аз ҷои зист ё кор, санади баҳогузории молу мулк, ҳуҷҷати ба таври нотариалӣ тасдиқшуда ва ғайра) ба даст овардааст.
12. Ташкилоти қарзии молиявӣ ҳангоми интиқоли маблағ ухдадор аст ба истеъмолкунанда маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- рӯйхати низомҳои пардохтие, ки интиқоли маблағро анҷом медиҳанд;
- рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки барои интиқоли маблағ заруранд;
- шартҳои анҷом додани интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;
- ҳаҷми ҳадди ақал ва ниҳоии интиқоли маблағ, агар чунин ҳаҷм бо қонунгузории давлати хориҷии дахлдор муқаррар шуда бошад;
- андозаи ҳаққи хизматрасонӣ, ки аз ҷониби истеъмолкунандагони хизматрасониҳо пардохт мегардад, агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад;
- мӯҳлати интиқоли маблағ;
- қурби мубодилавӣ ва тарзи муайян кардани он;
- миқдор ва асъоре, ки ба кишвари таъиноти интиқоли маблағ пардохт мешавад;
- шартҳои бозхонд, тағйири маълумот ва бекор намудани интиқоли маблағ;
- тартиби аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳоди иддао ва тартиби ҳалли баҳсҳо, аз ҷумла маълумот оид ба тамос бо ташкилоти қарзии молиявӣ;
- дигар маълумоти иловагие, ки ба хусусиятҳои хоси интиқоли маблағ алоқаманд мебошанд.

13. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба додани қарз/маблагузориҳои исломӣ ва қабули пасандоз/пасандози исломӣ ухдадоранд ба истеъмолкунанда маълумотнома дар бораи шартҳои асосии чунин хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро тибқи замимаҳои 1 ва 2 Дастурамали мазкур пешниҳод намоянд.

## БОБИ 4. МАЪЛУМОТИ ҲАДДИ АҚАЛ ДАР ШАРТНОМАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ

14. Шартномаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо бонкӣ бояд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, ҳатман маълумоти ҳадди ақали зеринро дарбар гиранд:

- ба таври мушаххас баён намудани хизматрасонии бонкии истифодашаванда;
- ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳои шартнома;
- ҳама гуна фоизҳо/фоида, даромад, ҳаққи хизмат, хароҷотҳо ва пардохтҳо, ки тибқи шартнома гирифта мешаванд ва ё метавонанд гирифта шаванд. Инчунин, тартиби ҳисоб ва қатъи ҳисоб намудани онҳо;
- асосҳо ва тартиби тағйири яктарафаи шартҳои шартнома ва тартиби огоҳ намудани истеъмолкунанда оид ба чунин тағйиротҳо;
- ноустуворона ва дигар чораҳои ҷавобгарӣ, ки дар сурати аз ҷониби истеъмолкунанда вайрон намудани шартҳои шартнома, метавонанд татбиқ гарданд;
- ноустуворона ва дигар чораҳои ҷавобгарӣ, ки дар сурати аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ вайрон намудани шартҳои шартнома метавонанд татбиқ гарданд;
- асосҳои пеш аз мӯҳлат қатъ гаштани шартнома;
- маълумот барои тамос гирифтан бо сохтори масъули хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон;
- маълумот дар бораи тартиби баррасии баҳсҳо ва тамос гирифтан бо сохтори масъули баррасии шикоятҳои ташкилоти қарзии молиявӣ;
- мӯҳлати амали шартнома ва тартиби тамдиди он.

15. Шартномаи қарзӣ/шартномаи маблағгузории исломӣ, бояд маълумоти ҳадди ақалли зеринро дошта бошад:

1) дар бораи намуди қарз/маблағгузории исломӣ;
2) дар бораи ҳаҷми маблағи қарз/маблағгузории исломӣ;
3) дар бораи мӯҳлати ниҳоии баргардонидани қарз/маблағгузории исломӣ;
4) дар бораи шакли додани маблағи қарз/маблағгузории исломӣ (якбора ё давра ба давра);
5) дар бораи ҷадвали пардохти қарз/маблағгузории исломӣ, ки бояд ба шартномаи қарз/шартномаи маблағгузории исломӣ замима гардида, инҳоро дар бар гирад:

- ҷадвали пардохти маблағи асосии қарз/маблағгузории исломӣ (рӯз/моҳ/сол) ва маблағи умумии он;
- ҷадвали пардохти фоизҳои/фоидаи қарз/маблағгузории исломӣ (рӯз/моҳ/сол) ва маблағи умумии пардохти фоизҳо/фоида;
- маблағи умумии тамоми пардохти қарз/маблағгузории исломӣ, ки маблағи асосӣ, фоизҳо/фоида ва ҳамаи дигар пардохтҳоро дар бар мегирад;

6) дар бораи тартиби ҳисоб кардани фоизҳо/фоида/даромад;
7) дар бораи тартиби пардохти маблағи қарз/маблағгузории исломӣ – баробар (аннуитетӣ) ё нобаробар (дифферентсионӣ);
8) истинод ба он, ки қарзгиранда/муштарӣ бояд ҳаққи хизматрасонии суғуртавӣ, баҳогузорӣ ё дигар хизматрасониҳои ёрирасон ё нотариалиро пардохт

намояд, агар маълум бошад, ки қарзгиранда/муштарӣ бояд чунин пардохтҳоро анҷом диҳад;

9) истинод дар бораи воситаҳои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби қарзгиранда/муштарӣ, агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад;

10) ҳангоми таъмини ӯҳдадориҳои қарзгиранда/муштарӣ бо гарав:

- намуди гарав ва тавсифи он;
- истинод ба он, ки матлаби гарав ба ихтиёри гаравгиранда мегузарад ё намегузарад;
- истинод ба он, ки дар сурати иҷро нашудани ӯҳдадориҳои қарзгиранда/муштарӣ, қарз/маблағгузории исломӣ метавонад тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун пеш аз мӯҳлат, ҳамчунин тавассути фурӯши молу мулки гузошташуда, дар сурати нокифоягии молу мулки гузошташуда аз ҳисоби дигар молу мулки қарзгиранда/муштарӣ ситонида шавад;

11) дар бораи андозаи меъёри фоизи қарз/фоидаи маблағгузории исломӣ, агар дар ҳолате ки дар шартнома меъёри фоиз/фоида тағйир ёбад, чунин ҳолат бояд дар шартнома пешбинӣ шуда, шартҳои аниқ ва тартиби тағйир додани меъёри фоиз/фоида инъикос карда шаванд;

12) дар бораи андозаи солонаи меъёри самаранокии фоизи қарз;

13) дар бораи аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ андешидани чораҳои ҷавобгарӣ дар сурати иҷро нагардидан ё қисман иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои қарзгиранда/муштарӣ, аз ҷумла пешниҳоди маълумот ба бюрои таърихи қарз дар бораи қарзгиранда/муштарӣ;

14) дар бораи пардохти қарзи батаъхирафтода;

15) агар қарз/маблағгузории исломӣ бо асъори хориҷӣ пешниҳод гардад, нишондоди намуди асъор (доллар, евро, рубли русӣ ва ғайра), ҳамчунин истинод ба он, ки тағйирёбии қурби асъор метавонад ба пардохти қарз/маблағгузории исломӣ таъсир расонад;

16) дар бораи ҳуқуқи истеъмолкунанда оид ба пеш аз мӯҳлат баргардонидани маблағи қарзи асосӣ/маблағгузории исломӣ дар вақти дилхоҳ бе ситонидани ноустуворона;

17) дар ҳолате, ки агар қарз/маблағгузории исломӣ ба якчанд шахс пешниҳод карда шавад, ташкилоти қарзии молиявӣ ба ҳар кадоми онҳо як нусхаи шартномаро пешниҳод менамояд;

18) истинод дар бораи маҳсулоти бонкии ба якдигар вобаста, агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад ё дар бораи маҳсулоти бонкии ихтиёрӣ ва дар бораи имконияти даст кашидан аз истифодаи онҳо;

19) истинод дар бораи махфият;

20) истинод дар бораи ҳалли баҳсҳо.

16. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ ё пасандоз/амонати бонкӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- дар бораи намуди суратҳисоби бонкӣ ё пасандоз/амонати бонкӣ;
- дар бораи ҳаҷми маблағи пасандоз/амонати бонкӣ;
- дар бораи мӯҳлати пасандоз/амонати бонкӣ;
- дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохти фоиз ба маблағи пасандоз/амонати бонкӣ;
- дар бораи пардохтҳо, аз ҷумла андоз, ки аз суратҳисоби бонкӣ ситонида мешаванд, агар онҳо ҷой дошта бошанд;
- истинод дар бораи он, ки агар бо дархости амонатгузори амонати мӯҳлатнок маблағи амонат то анҷоми мӯҳлат ё то ба вуқӯъ омадани ҳолате, ки дар шартнома нишон дода шудааст, баргардонида шавад, фоизҳо ба амонатгузор тибқи ҳаҷми барои амонатҳои мӯҳлатнок муқарраршуда пардохта мешаванд, агар дар шартнома ҳаҷми дигари фоиз пешбинӣ нашуда бошад;
- истинод дар бораи он, ки агар амонатгузор пас аз анҷоми мӯҳлат пардохти маблағи амонати мӯҳлатнокро дархост накунад, ё агар пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолате, ки дар шартнома нишон дода шудааст, баргардонидани маблағи амонати дар суратҳисоб гузошташударо бо дигар шартҳо дархост накунад, пас шартнома вобаста ба шартҳои амонати дархостӣ тамдидёфта ба ҳисоб меравад, агар дигар шартҳо дар шартнома пешбинӣ нашуда бошанд;
- истинод дар бораи он, ки ташкилоти қарзии молиявӣ ӯҳдадор аст маблағи пасандоз/амонати бонкӣ ё қисми онро бо дархости аввали амонатгузор пардохт намояд, ба истиснои пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар гарав ба сифати таъминнокӣ гузошта шудаанд;
- истинод дар бораи он, ки дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзии молиявӣ баргардонидани пасандозҳо/амонатҳои бонкӣ аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ҳаҷм ва тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" сурат мегирад;
- истинод дар бораи шартҳо, агар истифодаи маҳсулоти бонкӣ ба таври автоматӣ тамдид ёбад;
- истинод дар бораи махфият;
- истинод дар бораи ҳалли баҳсҳо.

## БОБИ 5. МАЪЛУМОТИ ҲАДДИ АҚҚАЛИ ДАР МУДДАТИ ЭЪТИБОРИ ШАРТНОМА ИФШОШАВАНДА

17. Дар давоми мӯҳлати эътибори шартнома ташкилоти қарзии молиявӣ бояд истеъмолкунандаро дар хусуси ҳолатҳои зерин огоҳ созад:

- дар бораи тағйироти андозаи меъёри фоиз/фоида, ҳаққи хизматрасонӣ ва оид ба дигар пардохтҳои истеъмолкунанда, агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад;
- дар бораи тағйирот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеъмолкунанда дахл доранд, агар чунин тағйирот ба ҳолати молиявии истеъмолкунанда таъсиррасон буда, дар шартнома пешбинӣ шуда

бошад;
- дар бораи тағйироти дигар, ки ба доираи муносибатҳои тарафҳои шартнома бевосита таъсир мерасонанд, агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад.

18. Маълумот ба истеъмолкунанда бо созиши тарафҳои шартнома тавассути почта ё почтаи электронӣ, инчунин тариқи истифодаи дигар воситаҳои алоқа (телефон, факс, паём, ва ғ.) ё дар ҳудуди ташкилоти қарзии молиявӣ пешниҳод мегардад.
19. Дар ҳолатҳое, ки ташкилоти қарзии молиявӣ дар бораи тағйиротҳо тариқи телефон хабар медиҳад, корманди ташкилоти қарзии молиявӣ бояд чунин амалҳоро анҷом диҳад:

- ному насаби худро гӯяд, инчунин номи ташкилоти қарзии молиявиро хабар диҳад;
- дар бораи мақсади занги телефонӣ бо забони барои истеъмолкунанда фаҳмо хабар диҳад, агар тарафҳо барои гирифтани маълумот бо дигар забон маслиҳат накарда бошанд;
- дар бораи сабти гуфтугӯи телефонӣ хабар диҳад, агар чунин сабт қайд шуда бошад;
- бо дархости истеъмолкунанда гуфтугӯи телефониро қатъ намуда, дертар занг занад.

20. Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ба ҷадвали пардохти қарз/маблағгузории исломӣ, ки ба пардохти пеш аз мӯҳлати қарз/маблағгузории исломӣ, тағйироти меъёри фоиз/фоида ё дигар ҳолатҳо алоқаманд аст, ташкилоти қарзии молиявӣ ба истеъмолкунанда ройгон ҷадвали нави пардохти қарз/маблағгузории исломиро пешниҳод мекунад.
21. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ӯҳдадоранд ҳар моҳ як маротиба ба истеъмолкунанда беруннависи суратҳисобашонро бо усули бо истеъмолкунанда мувофиқашуда пешниҳод намоянд.
22. Беруннависи суратҳисобҳо бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- номгӯй ва суроғаи ҳуқуқии ташкилоти қарзии молиявӣ;
- ному насаби истеъмолкунанда;
- рақами суратҳисоби истеъмолкунанда;
- санаи пешниҳоди беруннависи суратҳисоб;
- мӯҳлати вақти фарогирифтаи беруннависи суратҳисоб (рӯз/моҳ/сол – рӯз/моҳ/сол);
- санаи гузаронидани амалиёт бо суратҳисоб;
- маблағ ва асъори амалиётҳои гузаронидашуда;
- номгӯй ва таъиноти амалиётҳо;
- маблағи умумии гардиш аз рӯи суратҳисоб вобаста ба давраи дархостшаванда;
- бақия ба санаи оғоз ва итмоми давраи дархостшаванда;
- маълумот барои тамос гирифтан (рақамҳои телефон ва суроғаи почтаи электронии ташкилоти қарзии молиявӣ). Дар ҳолате, ки қарз/маблағгузории исломӣ ба якчанд шахс пешниҳод карда мешавад, ташкилоти қарзии молиявӣ ба ҳар як нафари онҳо беруннависи суратҳисобҳоро пешниҳод менамояд.

23. Ташкилоти қарзии молиявӣ ӯҳдадор намебошад беруннависи суратҳисобро пешниҳод намояд, агар дар давоми давраи ҳисоботӣ аз рӯи суратҳисоб ягон амалиёти дебитӣ ё кредитӣ ё аҳд гузаронида нашуда бошад.

## БОБИ 6. ТАДБИРҲОИ НАЗОРАТИ ТАЛАБОТ ОИД БА ИФШОИ МАЪЛУМОТ

24. Бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд назорати дохилии риояи талаботи Дастурамали мазкурро дар сатҳи дахлдор таъмин намоянд.
25. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд раванди муттасили омӯзонидани кормандони худро вобаста ба шартҳои маҳсулоти бонкии худ ба роҳ монанд.
26. Бо мақсади санҷиши сифати хизматрасониҳо ва назорати риояи талаботи Дастурамали мазкур, воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад чорабинии “Харидори махфӣ”-ро гузаронад ва инчунин ҳуқуқ дорад шахсони сеюмро барои гузаронидани он ҷалб намояд.

## БОБИ 7. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ТАЛАБОТҲО

27. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ иҷро нагардидани талаботи Дастурамали мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад нисбати онҳо мутобиқи моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ татбиқ намояд.

**МАЪЛУМОТНОМА**
дар бораи шартҳои асосии қарз/маблағгузории исломӣ
*Маълумотнома шартномаи қарзиро/маблағгузориро иваз намекунад! *
*Пеш аз он ки ба бастани шартномаи қарзӣ/маблағгузории исломӣ розӣ шавед, шартҳои онро бодиққат омӯзед! *

| **ҚИСМИ 1. Маълумот оид ба қарз/маблағгузории исломӣ** | | |
|---|---|---|
| 1. Маблағи қарз/маблағгузории исломӣ | | |
| 2. Мухлати ниҳоии баргардонидани қарз/ маблағгузории исломӣ | | |
| 3. Меъёри номиналии фоиз/фоида | (бо ифодаи фоиз) | (маблағ бо ифодаи мутлақ барои тамоми мухлати қарз) |
| 4. Меъёри самараноки фоизии солона | Ҳаққи хизматрасонӣ ва пардохтҳои ташкилоти қарзии молиявӣ барои гирифтани қарз ва хизматрасонии он (бо ифодаи фоиз, агар дар шартнома дарҷ гардида бошад) | (маблағ бо ифодаи мутлақ барои тамоми мухлати қарз) |
| 5. Дигар хароҷотҳо (суғурта, шаҳодатномаи нотариалӣ ва ғ., ҳамааш нишон дода шавад) | Дар ҳолате, ки дар шартҳои шартнома пешбинӣ шуда бошанд) | (маблағ бо ифодаи мутлақ барои тамоми мухлати қарз/ маблағгузории исломӣ) |
| **ҚИСМИ 2. Маълумотҳои иловагӣ** | | |
| 6. Давраи пардохти маблағи асосӣ | (ҳар моҳ, ҳар семоҳа ё ғ.) | |
| 7. Давраи пардохти фоизҳо/фоидаҳо | (ҳар моҳ) | |
| 8. Маблағи пардохти яквақтаи маблағи асосӣ | (ҳангоми пардохтҳои дифферентсионӣ) | |
| 9. Маблағи пардохти яквақтаи маблағи асосӣ | (ҳангоми пардохти аннуитетӣ) | |

Арзиши пурраи қарз/маблағгузории исломӣ = 1+3+4+5
Пардохти маблағи умумӣ, ки Шумо пас аз тамоми пардохтҳо анҷом медиҳед
(бо ифодаи мутлақ нишон дода мешавад)

| **ҚИСМИ 3. Ноустуворонаҳо ва таъминоти қарз/маблағгузории исломӣ** | |
|---|---|
| 10. Ноустуворонаи аҳдшиканӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи қарзӣ/маблағгузоии исломӣ (ҳамааш нишон дода шавад) | (бо ифодаи фоиз ё бо маблағи устувор) |
| 11. Ноустуворонаи аҳдшиканӣ барои пардохти батаъхирафтода истифода мешавад, агар пардохт дар мухлати муайян анҷом дода нашавад. | (бо ифодаи фоиз ё бо маблағи устувор) |
| 12. Дигар ноустуворонаҳо | |
| 13. Таъминоти қарз/маблағгузории исломӣ | |

**ҚИСМИ 4. Дигар шартҳои муҳим**

14. Шумо барои пеш аз мухлат баргардонидани маблағи қарзи асосӣ/маблағгузории исломӣ дар вақти дилҳоҳ бе ситонидани ноустуворона ҳуқуқ доред.

15. Дар сурати пардохт накардан, қарз/маблағгузории исломӣ ҳатман тибқи шартнома аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва дар сурати нокифоягии молу мулки ба гарав гузошташуда, аз ҳисоби дигар молу мулк ситонида мешавад.

16. Дар сурати пардохт накардан, қарз/маблағгузории исломӣ ҳатман тибқи шартнома аз зомин/зоминҳо ситонида мешавад.

17. Маълумоти шумо дар бораи қарз/маблағгузории исломӣ, аз ҷумла дар сурати пардохт накардани қарз/маблағгузории исломӣ ба бюрои таърихи қарз пешниҳод карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Дурустӣ ва боэътимодии маълумот тасдиқ карда шудааст | Ман гирифтани маълумотномаро тасдиқ мекунам |
| ______________________________ | ______________________________ |
| (Ному насаб ва имзои намояндаи ташкилоти қарзии молиявӣ) | (Ному насаб ва имзои қарзгиранда/муштарӣ) |

**Замимаи №2 ба Дастурамали №241**
**“Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои**
**қарзии молиявӣ ифшо намудани**
**маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ”**

**МАЪЛУМОТНОМА**

оид ба шартҳои асосии пасандоз/пасандози исломӣ
*Маълумотнома шартномаи пасандози бонкиро иваз наменамояд!*
*Пеш аз он ки ба бастани шартномаи пасандози бонкӣ розӣ шавед, бодиққат омӯзед!*

| **ҚИСМИ 1. Маълумот оид ба пасандози бонкӣ/пасандози бонкии исломӣ** | | |
|---|---|---|
| 1. Намуди пасандоз/пасандози исломӣ | | |
| 2. Маблағи пасандоз/пасандози исломӣ | | |
| 3. Мӯҳлати ҷалби пасандоз/пасандози исломӣ | (санаи интиқоли маблағи пасандоз ба суратҳисоби пасандози истеъмолкунанда ва санаи хориҷ намудани маблағи пасандоз/пасандози исломӣ аз суратҳисоби пасандоз/пасандози исломӣ бо мақсади баргардонидани он ба суратҳисоби истеъмолкунанда, ки дар ариза – шартнома дарҷ шудааст) | |
| 4. Асъори пасандоз/пасандозҳои исломӣ | | |
| 5. Фоизҳо/фоидаҳо аз рӯи пасандоз/пасандози исломӣ пардохтшаванда | (бо ифодаи фоиз) | (маблағи мутлақ барои ҳамаи давраи пасандоз/пасандози исломӣ) |
| 6. Шартҳо барои ҳисоб намудан ва пардохти фоизҳо/фоидаҳо аз рӯи пасандоз/пасандози исломӣ | Давраи пардохт (моҳона, ҳар семоҳа, солона) | |
| 7. Ҳаққи хизматрасонӣ ва пардохтҳои ташкилоти қарзии молиявӣ вобаста ба қабули пасандоз/пасандози исломӣ ва хизматрасонии он | (бо ифодаи фоиз, агар чунин ҳолат тибқи шартномаи пасандози бонкӣ/пасандози бонкии исломӣ ҷой дошта бошад) | (маблағи мутлақ барои ҳамаи давраи пасандоз/пасандози исломӣ) |
| 8. Андоз аз даромади пасандозгузор вобаста ба гирифтани фоида аз пасандоз/пасандози исломӣ | (бо ифодаи фоиз, агар чунин ҳолат тибқи шартномаи пасандози бонкӣ/шартномаи пасандози бонкии исломӣ ҷой дошта бошад) | (маблағи мутлақ-барои ҳамаи давраи пасандоз) |

**ҚИСМИ 2. ДИГАР ШАРТҲОИ МУҲИМ**

9. Пасандозгузор ҳуқуқ дорад дар ҳама вақти дилхоҳ пеш аз муҳлат баргардонидани пасандозро тибқи шартҳои шартномаи пасандозӣ/пасандози исломӣ талаб намояд.

10. Агар ташкилоти қарзии молиявӣ меъёри фоизиро/фоидаро нисбат ба пасандоз/пасандози исломӣ дар рафти амали шартномаи пасандози/пасандози исломӣ бонкӣ тағйир диҳад, он гоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ бояд як моҳ қабл пасандозгузорро бо зикри меъёри фоизии/фоидаи тағйирдодашуда огоҳ созад, агар дар шартнома чунин ҳолат пешбинӣ шуда бошад.

11. Пас аз ба охир расидани муҳлати пасандоз/пасандози исломӣ, шартномаи пасандози бонкӣ/пасандози бонкии исломӣ мувофиқи шартҳои шартнома тамдид карда мешавад.

12. Дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзии молиявӣ, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ба роҳ монда мешавад.

| | |
|---|---|
| Дурустӣ ва боэътимодии маълумот тасдиқ карда шудааст | Ман гирифтани маълумотномаро тасдиқ мекунам |
| ______________________ | ______________________________ |

| ДОРОИҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ 6 МОҲИ СОЛИ 2020 | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **30.06.2020** | **30.06.2019** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ” | 134 663,5 | 157 354,4 | -22 690,9 | -14,4% |
| ҶСДММ “СПИТАМЕН СУҒУРТА” | 105 355,9 | 94 001,0 | 11 354,9 | 12,1% |
| КВД “ТОҶИКСУҒУРТА” | 51 502,0 | 50 986,0 | 516,0 | 1,0% |
| ҶДММ ТС “БИМА” | 39 340,1 | 18 008,2 | 21 331,9 | 118,5% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 33 526,2 | 33 965,4 | -439,2 | -1,3% |
| ҶДММ ТС “МУИН” | 16 059,5 | 15 347,1 | 712,4 | 4,6% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ АСРИ 21” | 4 304,6 | 12 411,0 | -8 106,4 | -65,3% |
| ҶДММ ТС “МЕҲНАТ” | 3 095,4 | 1 633,6 | 1 461,8 | 89,5% |
| ҶДММ “ЭСХАТА СУҒУРТА” | 2 343,7 | 2 184,3 | 159,4 | 7,3% |
| ҶДММ ТС “МЕҲРУБОН” | 2 133,0 | 3 084,2 | -951,2 | -30,8% |
| ҶДММ ТС “ИТМИНОН” | 2 013,8 | 1 643,6 | 370,2 | 22,5% |
| ҶСП ТС “КАФИЛ” | 1 652,0 | 1 555,0 | 97,0 | 6,2% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ ШАРҚ” | 1 536,0 | 1 463,0 | 73,0 | 5,0% |
| ҶДММ ТС “БОВАРӢ” | 1 359,6 | 5 941,1 | -4 581,5 | -77,1% |
| ҶДММ “МДСМ” | 1 167,0 | 1 247,2 | -80,2 | -6,4% |
| ҶДММ ТС “ТАКАФФУЛ” | 491,1 | 451,3 | 39,8 | 8,8% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН” | 334,2 | 537,0 | -202,8 | -37,8% |
| ҶДММ ТС “Сипаҳр” | 153,1 | 480,6 | -327,5 | -68,1% |
| ҶДММ ТС “ЛИДЕР-ИНШУРАНС” | 0,0 | 2 323,4 | -2 323,4 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **401 030,7** | **404 617,4** | **-3 586,7** | **-0,9%** |

## УҲДАДОРИҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ 6 МОҲИ СОЛИ 2020

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 88 644,5 | 101 135,1 | -12 490,6 | -12,4% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 45 218,4 | 44 490,5 | 727,9 | 1,6% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 38 208,6 | 17 046,4 | 21 162,2 | 124,1% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 12 818,5 | 13 345,2 | -526,7 | -3,9% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 11 349,5 | 2 841,2 | 8 508,3 | 299,5% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 10 328,7 | 10 635,1 | -306,4 | -2,9% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 2 168,1 | 941,0 | 1 227,1 | 130,4% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 1 190,9 | 717,6 | 473,3 | 66,0% |
| ҶДММ "МДСМ" | 1 117,3 | 1 177,0 | -59,7 | -5,1% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 870,0 | 2 457,7 | -1 587,7 | -64,6% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 854,7 | 4 172,9 | -3 318,2 | -79,5% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 816,5 | 714,0 | 102,5 | 14,4% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 721,7 | 655,3 | 66,4 | 10,1% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 563,0 | 535,0 | 28,0 | 5,2% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 316,0 | 37,0 | 279,0 | 754,1% |
| ҶДММ ТС "СИПАҲР" | 51,9 | 13,0 | 38,9 | 299,2% |
| ҶДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 6,1 | 53,0 | -46,9 | -88,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 3,3 | 5 050,0 | -5 046,7 | -99,9% |
| ҶДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,0 | 383,5 | -383,5 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **215 247,7** | **206 400,5** | **8 847,2** | **4,3%** |

## ВОРИДОТИ ҲАҚҚИ СУҒУРТАВИИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ 6 МОҲИ СОЛИ 2020

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ ТС "БИМА" | 57 011,90 | 10 503,20 | 46 508,7 | 442,8% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 42 948,00 | 43 590,20 | -642,2 | -1,5% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 13 903,20 | 17 842,30 | -3 939,1 | -22,1% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 2991,2 | 2 594,30 | 396,9 | 15,3% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 2 845,20 | 1 146,50 | 1 698,7 | 148,2% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 2 801,70 | 1 123,30 | 1 678,4 | 149,4% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 2 549,45 | 2 075,59 | 473,9 | 22,8% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 1 654,80 | 2 145,44 | -490,6 | -22,9% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 783,40 | 711,1 | 72,3 | 10,2% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 768,40 | 84,8 | 683,6 | 806,1% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 343,00 | 201,3 | 141,7 | 70,4% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 243,00 | 12 | 231,0 | 1925,0% |
| ҶДММ "МДСМ" | 135,00 | 214,90 | -79,9 | -37,2% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 43,80 | 400,6 | -356,8 | -89,1% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 35,00 | 6 020,50 | -5 985,5 | -99,4% |
| ҶДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 9,30 | 23,40 | -14,1 | -60,3% |
| ҶДММ ТС "СИПАХР" | 4,20 | 0,00 | 4,2 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "Лидер-Иншуранс" | 0,00 | 8 709,80 | -8 709,8 | -100,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 0,00 | 0,50 | -0,5 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **129 070,6** | **97 399,7** | **31 670,8** | **32,5%** |

## ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВИИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ 6 МОҲИ СОЛИ 2020

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.06.2020 | 30.06.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 2 443,4 | 2 428,2 | 15,2 | 0,6% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 4 495,4 | 2 355,6 | 2 139,8 | 90,8% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 814,2 | 417,4 | 396,8 | 95,1% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 0,1 | 316,2 | -316,1 | -100,0% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 218,6 | 202,1 | 16,5 | 8,2% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 319,4 | 128,8 | 190,6 | 148,0% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 767,7 | 73,8 | 693,9 | 940,2% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 13,2 | 48,2 | -35,0 | -72,6% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 0,4 | 30,0 | -29,6 | -98,8% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 79,7 | 16,5 | 63,2 | 383,0% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 11,0 | 6,8 | 4,2 | 61,8% |
| ҶДММ "МДСМ" | 0,0 | 2,3 | -2,3 | -100,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 1,5 | 0,0 | 1,5 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 200,0 | 0,0 | 200,0 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "Сипаҳр" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **9 364,6** | **6 025,9** | **3 338,7** | **55,4%** |




# ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТА БАРРАСӢ ГАРДИД

Вазъи низоми суғурта ва фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар нимсолаи якуми соли 2020 дар Бонки миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ҷаласае, ки рӯзи 14 августи соли равон бо роҳбарии Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Моҳбону Накҳатзода баргузор гардид, сардорони воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ширкат намуданд.

Моҳбону Накҳатзода, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаро ифтитоҳ бахшида, зимни суханронӣ аз фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар нимсолаи якуми соли 2020 натиҷагирӣ кард. Ӯ бо рӯнамое вазъи воқеии бозори суғуртаро барои иштирокдорон шарҳ дода, перомуни дастовардҳо ва мушкилоти соҳа, нишондиҳандаҳои дастрасӣ, истифодабарӣ ва сифатнокии хизматрасониҳо, маҳсулоти ширкатҳои суғуртавӣ ва мутобиқати онҳо ба меъёрҳои байналмилалии бозори суғурта, сатҳу сифати маҳсулоти пешниҳодшаванда андешаронӣ намуд.

Номбурда ба зарурати таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла доштани аудити дохилӣ, риояи қоидаҳои идоракунии корпоративӣ, пешниҳоди маҳсулоти муосири босифат, тақвият додани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ бо ҳадафи ҷалби мардум ба бозори суғурта, баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва дараҷаи касбии хизматчиёни бозори суғурта, саҳмгузорӣ дар пешрафти иқтисодиёти кишвар таъкид кард. Ҳамчунин роҷеъ ба ҷойгиршавии сохторҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар минтақаҳо, диверсификатсияи бозори суғурта ва таносуби воридоти мукофот ва пардохти ҷуброн дахл намуда, аз иштирокчиёни бозори суғурта барои ба роҳ мондани фаъолияти пурсамар дар ин самтҳо даъват ба амал овард.

Дар ҷаласа таъкид карда шуд, ки масъалаи рушди бозори суғурта ҳоло аз масъалаҳои муҳимест, ки мавриди таваҷҷуҳи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар, ки 10 майи соли 2019 доир гардида буд, ба масъалаи рушди низоми суғурта таъкид намуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон дастур дода буданд, ки ҳамчун ваколатдори соҳа барои таҳия ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми суғурта, назорати фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, фаъол гардонидани бозори намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои нави босифат корҳои амалиро пеш барад.

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти бозори суғурта ҳамчун як бахши бозори молиявии кишвар дар иқтисодиёт ба ҳайси мақоми назоратӣ

муваззаф аст, ки танзиму назорати соҳаро ба роҳ монда, барои расидан ба натиҷаҳои назаррас дар бозори суғурта ислоҳот гузаронад. Моҳбону Накҳатзода қайд намуд, ки минбаъд ба сифати фаъолияти воҳидҳои бозори суғурта аҳамияти бештар дода хоҳад шуд.

Қайд карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳадафи рушди инфрасохтори соҳа, пурзӯр намудани воситаҳои танзиму назорат, ҷорӣ намудани механизмҳои самарабахши меъёрҳои мақбул фаъолияти худро дар самти таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, давом додани сиёсати гузариш аз миқдор ба сифат, баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии корпоративӣ, таҳкими раванди иҷозатномадиҳӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоднокиии аҳолӣ ба соҳаи суғурта идома хоҳад бахшид.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон фароҳам овардани заминаҳои қонунии рушди бозори суғуртаро аз дастовардҳои намоёни ислоҳоти соҳа унвон кард. Мавсуф иброз намуд, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” ислоҳоти ҷиддиеро дар бозори суғурта ба миён овардаанд. Ҳамчунин таҳияи Стратегияи рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди бозори суғурта ва таъмини фаъолияти мунтазами соҳаи суғуртаи кишвар муҳим дониста шуд.

Моҳбону Накҳатзода, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба зарурати андешидани тадбирҳои судманд аз ҷониби масъулини ташкилотҳои суғуртавӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди суғуртакунонӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо роҳи баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва таҳия намудани намудҳои нави суғурта таъкид кард. Ӯ зикр намуд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ бояд низоми идоракунии корпоративиро ба роҳ монанд, зеро ин амал барои пешбурди фаъолият тибқи стандартҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, рушди самараноки корашонро таъмин хоҳад кард.

Дар идомаи ҷаласа номбурда дар бораи хуруҷи бемории сироятии COVID-19 ва таъсири он ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар, нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири эҳтимолии пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ, низомҳои бонкӣ ва суғуртаи мамлакат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон суханронӣ намуда, вусъат бахшидани суғуртаҳои тиббии вобаста ба ҳолатҳои нохушу беморӣ, аз ҷумла, бима намудани шаҳрвандонро барои ҷуброни хисороти молии бемории COVID-19 амри зарурӣ номид.

Сипас, дар бораи нишондиҳандаҳои бозори суғурта дар нимсолаи якуми соли 2020, миқдори иштирокчиёни бозори касбии суғурта, динамикаи нишондиҳандаҳои бозори суғуртавӣ, сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, ҳиссаи андозаи сармояи оинномавӣ, динамикаи шартномаҳои басташуда, тақсимот аз рӯи шаклҳо ва намуди суғурта, динамикаи воридоти мукофот ва пардохти ҷуброн дар ташкилотҳои суғуртавӣ, пардохти ҷуброн аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ, воридоти мукофот ва пардохти ҷуброн аз рӯи суғуртаи ҳатмии масъулияти гражданиии соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи ихтиёрӣ аз бемории сироятии COVID-19, нишондиҳандаҳои азнавсуғуртакунӣ, даромаднокии сармояи худии ташкилотҳои суғуртавӣ, даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, чораҳои таъсиррасон, нақшаҳои минбаъдаи Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт, камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2020 сардори Идораи назорати суғуртавӣ Дилбар Ҳусейнова маълумоти мукамалро пешниҳоди ҳозирин гардонид.

Иштирокдорони ҷаласа - роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ перомуни масъалаҳои баррасишуда ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда фикру ақидаҳои худро баён намуда, ба саволҳои худ дар бораи роҳандозии рейтинги байналмилалии ташкилотҳои суғуртавӣ, мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ, ташкили аудити дохилӣ ва масъалаҳои муҳими дигар ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Ҳангоми натиҷагирӣ аз кори ҷаласа зикр карда шуд, ки иштирокчиёни низоми суғуртаи Тоҷикистон бояд ба таъсири вазъияти душвори иқтисодиёти ҷаҳон ба кишвар нигоҳ накарда, барои даст ёфтан ба комёбиҳо ва нишондиҳандаҳои беҳтар саъю талош варзида, сатҳи эътимоднокии аҳолиро нисбат ба соҳа баланд бардоранд ва рушди устувори низоми суғуртавии кишварро таъмин намоянд.

**Таҳияи “БТҶ” ва Шуъбаи матбуоти БМТ.**


$769.00
$625.00
$588.00
$583
$424.00
$400.00
$326.00
$351.00
Copper
Beryllium
Aluminum
Nickel
Silver
Steel
Manganese
Chrome
Bauxite
$264.58
$244.34
$216.11
$191.38
$173.03
$151.07
Экономика
Finance
Молия

# ИҚТИСОДИЁТ



# Экономическая целесообразность и особенности правового статуса института уполномоченных экономических операторов

**Прежде всего, следует отметить, что внедрение института уполномоченных экономических операторов в практику внешнеэкономической деятельности невозможно без участия банковского сектора, который призван обеспечить финансовое сопровождение их деятельности.**

Таможенное дело, как компонент государственной деятельности, представляет собой эффективный инструмент, который в условиях усиления процессов глобализации позволяет обеспечить защиту, стабильность и поступательное развитие национальных экономик посредством оптимизации внешнеэкономической деятельности.

Уполномоченный экономический оператор - это определенная категория лиц, пользующаяся доверием таможенных органов, которым, при совершении внешнеторговых операций, предоставляется возможность пользоваться специальными упрощенными процедурами.

До недавнего времени Таможенным кодексом Республики Таджикистан были определены такие хозяйствующие субъекты, оказывающие таможенные услуги, как таможенные брокеры, таможенные перевозчики, владельцы складов временного хранения, таможенных и свободных складов.

После принятия и введения в действие Закона Республики Таджикистан от 2 января 2020 года за № 1678 «О внесении изменений и дополнений в Таможенный кодекс Республики Таджикистан» список хозяйствующих субъектов, оказывающий таможенные услуги, пополнился еще одним участником - упол-

> Более того, существенную роль банки играют и в деле обеспечения уплаты таможенных платежей, так как одним из основных видов обеспечения их уплаты является банковская гарантия.

номоченным экономическим оператором.

Уполномоченный экономический оператор это юридическое лицо, которое должно соответствовать, определенным статьей 68(2) Таможенного кодекса Республики Таджикистан, условиям. Одним из основных является предусмотренное статьей 384 Кодекса условие, согласно которого субъект должен располагать средствами, достаточными для обеспечения исполнения обязательств по уплате таможенных платежей в размере 8000 показателя для расчета. Данное условие обусловлено требованиями, содержащимися в части 1 статьи 382 Таможенного кодекса Республики Таджикистан, предусматривающими, в случае осуществления деятельности в области таможенного дела, а именно деятельности по оказанию таможенных услуг, лицо, осуществляющее такую деятельность, обязано представить обеспечение во исполнение обязательств по уплате таможенных платежей. Согласно статье 385 Таможенного кодекса Республики Таджикистан обеспечить исполнение обязательств по уплате таможенных платежей можно посредством следующих способов:

- залогом товаров и иного имущества;
- банковской гарантией;
- внесением денежных средств в кассу таможенного органа или на счет таможенного органа (денежный залог);
- поручительством.

Уполномоченный экономический оператор, оказывая услуги в области таможенного дела, в том числе выступает в качестве декларанта, в обязанности которого в соответствии с пунктом 3) части 2 статьи 127 Таможенного кодекса Республики Таджикистан, входит уплата таможенных платежей. Например, согласно пункта 1) части 1 статьи 349 Таможенного кодекса Республики Таджикистан при ввозе товаров на таможенную территорию обязанность по уплате таможенных платежей возникает с момента пересечения таможенной границы.

**Статьей 340 Таможенного кодекса республики к таможенным платежам отнесены:**

- таможенные пошлины;
- налог на добавленную стоимость;
- акциз.

Таким образом, смысл рассматриваемого условия заключается в том, чтобы на дату подачи заявления о включении в Реестр уполномоченных экономических операторов заинтересованное лицо не имело бы задолженностей по уплате начисленных таможенных платежей.

**Статьей 374 Таможенного кодекса определены сроки уплаты таможенных платежей.** В частности, уплата должна быть произведена до или одновременно с принятием таможенным органом таможенной декларации. В случае нарушения этих сроков на неуплаченные суммы таможенных платежей, согласно статьи 393 Таможенного кодекса Республики Таджикистан, начисляются проценты. Если заинтересованному лицу были начислены проценты за нарушение сроков уплаты таможенных платежей, то на момент подачи заявления не должно быть задолженностей по их уплате.

Еще одно условие – это отсутствие задолженностей по уплате штрафов, которые в качестве взыскания наложены на заинтересованное лицо за допущенные ими нарушения в области таможенного дела в рамках производства по делам об административных правонарушениях.

Обретение статуса уполномоченного экономического оператора представляет хозяйствующему субъекту право пользоваться специальными упрощенными процедурами таможенного оформления.

**Статья 68(4)** Таможенного кодекса Республики Таджикистан предусматривает следующие специальные упрощения, представляемые уполномоченному экономическому оператору:

**1).** Совершение таможенных операций, связанных с прибытием товаров на таможенную территорию Республики Таджикистан, убытием товаров с таможенной территории Республики Таджикистан, таможенным оформлением и выпуском товаров, в первоочередном порядке.

Таможенное законодательство предусматривает в определенных случаях и в отношении определенных товаров первоочередное таможенное оформление. В частности, статьей 67 Таможенного кодекса Республики Таджикистан установлено, что первоочередной порядок таможенного оформления применяются при ввозе на таможенную территорию Республики Таджикистан и вывозе с этой территории товаров, необходимых для ликвидации последствий стихийных бедствий, аварий и катастроф, а также товаров, подвергающихся быстрой порче, живых животных, радиоак-

тивных материалов, международных почтовых отправлений и экспресс – грузов, сообщений и иных материалов для средств массовой информации, предназначенных для высших органов власти и других подобных товаров, также в отношении товаров, перемещаемых через таможенную границу уполномоченным экономическим оператором.

Как видим, если применение первоочередного порядка таможенного оформления иным лицам ограничено определенными условиями, то в отношении уполномоченных экономических операторов этот порядок применяется независимо от определенных случаев и определенных товаров – достаточным основанием является то, что товар перемещается уполномоченным экономическим оператором.

**2).** Проведение таможенного контроля, в случае его назначения в форме таможенного осмотра или таможенного досмотра, в первоочередном порядке.

**Статьями 412 и 413.** Таможенного кодекса Республики Таджикистан предусмотрены такие формы таможенного контроля, как таможенный осмотр и таможенный досмотр. Проведение названных форм таможенного контроля связано с определенными временными затратами. Лицо, наделенное статусом уполномоченного экономического оператора, имеет возможность существенно сократить эти временные затраты путем использования права на первоочередное производство осмотра или досмотра перемещаемого товара.

**3).** Временное хранение товаров в помещениях, на открытых площадках и иных территориях уполномоченного экономического оператора.

При перемещении товаров через таможенную границу наличие возможности воспользоваться предусмотренной статьей 99 Таможенного кодекса Республики Таджикистан таможенной процедурой временного хранения товаров в определенных обстоятельствах имеет существенное значение для субъекта внешнеэкономической деятельности. Например, если не поступили все необходимые документы или отсутствуют средства для уплаты таможенных платежей.

Закон предусматривает особые условия для учреждения складов временного хранения. В частности, для этого надо пройти процедуру включения в Реестр владельцев складов временного хранения, представить обеспечение уплаты таможенных платежей в размере 150 показателя для расчетов и дополнительно 4 показателя для расчетов за 1 кв.м. полезной площади, если в качестве склада используется открытая площадка, или 2 показателя для расчетов за 1 куб.м. полезного объема помещения, если в качестве склада используется помещение.

Для лица, наделенного статусом уполномоченного экономического оператора при получении согласия таможенного органа на использование принадлежащих ему помещения или открытой площадки в качестве склада временного хранения не требуется прохождения процедур, связанных с получением статуса владельца склада временного хранения.

**4).** Выпуск товаров до подачи таможенной декларации в соответствии со статьей 150 Таможенного Кодекса.

Данное упрощение по сути своей означает, что уполномоченный экономический оператор может использовать поступивший в его адрес товар по его целевому назначению еще до выполнения в полном объеме процедуру таможенного оформления, что, несомненно, является экономически выгодным.

**5).** Проведение таможенных операций, связанных с выпуском товаров, в помещениях, на открытых площадках и иных территориях уполномоченного экономического оператора.

Данное упрощение означает, что уполномоченный экономический оператор имеет возможность при перемещении товара через таможенную границу завезти его непосредственно на принадлежащие ему помещения или открытые площадки, минуя зону таможенного контроля таможенного органа. По сути помещения и открытые площадки, принадлежащие уполномоченному экономическому оператору, и предназначенные для использования в таможенных целях автоматически признаются зоной таможенного контроля. Более того, по договоренности с таможенным органом уполномоченный экономический оператор может создать на своей территории постоянно действующий пункт таможенного оформления и контроля.

**6).** Не предоставление обеспечения исполнения обязанности по уплате таможенных пошлин, налогов при помещении под таможенную процедуру внутреннего таможенного транзита товаров, декларантом которых выступает уполномоченный эконо-

мический оператор, в случаях, когда предоставление такого обеспечения установлено в соответствии со статьей 86 Таможенного Кодекса.

Обеспечительными мерами при внутреннем таможенном транзите являются:

– обеспечение уплаты таможенных платежей путем внесения денежных средств в кассу или на счет таможенного органа;
– обеспечение уплаты таможенных платежей путем залога имущества;
– обеспечение уплаты таможенных платежей путем представления банковской гарантии;
– перемещение товаров с использованием услуг таможенного перевозчика;
– использование таможенного сопровождения.

Все названные меры влекут для субъекта, перемещающего товар по процедуре внутреннего таможенного транзита, определенные неудобства в виде отвлечения денежных ресурсов, изъятия имущества из оборота, дополнительных расходов в связи с пользованием платными услугами таможенных перевозчиков или таможенного сопровождения

Уполномоченные экономические операторы от всех этих неудобств освобождены.

**7).** Не предоставление обеспечения исполнения обязанности по уплате таможенных пошлин, налогов при выпуске товаров, декларантом которых выступает уполномоченный экономический оператор, с особенностями, предусмотренными статьями 151 и 160 Таможенного кодекса.

В соответствии со статьей 126 Таможенного кодекса Республики Таджикистан в качестве декларантов могут выступать отечественные лица, наделенные правами распоряжения товарами.

Резюмируя вышесказанное, можно сделать вывод о том, что лицо, получившее статус уполномоченного экономического оператора, приобретает следующие преимущества:

– может пользоваться специальными упрощениями в процессе таможенного оформления;
– ускорение процедуры прохождения таможенной границы;
– снижение финансовых затрат;
– использование товара до подачи декларации на товары;
– возможность применения процедуры предварительного и электронного декларирования;
– повышение имиджа компании;
– обеспечение сохранности грузов;
– сокращение документооборота;
– минимальный пакет документов.

Все, перечисленные выше условия, которые необходимы для обретения статуса уполномоченного экономического оператора, свидетельствуют о том, что базовой основой все же является доверительное отношение к субъектам внешнеэкономической деятельности со стороны таможенных органов. Учитывая, что одной из основных функций таможенных органов является фискальная, можно сделать вывод о том, что важнейшим элементом выстраивания доверительных отношений между таможенным органом и субъектом внешнеэкономической деятельности является платежеспособность последнего. Если исходить из принципа «доверяй, но проверяй», то таможенный орган должен располагать достоверными источниками, которые могли бы дать объективную оценку состояния платежеспособности субъектов внешнеэкономической деятельности, претендующих на звание уполномоченного экономического оператора.

Очевидно, что решить эту задачу могут исключительно банки, оказывающие финансовые услуги субъектам внешнеэкономической деятельности. Более того, существенную роль банки играют и в деле обеспечения уплаты таможенных платежей, так как одним из основных видов обеспечения их уплаты является банковская гарантия.

**Суммируя вышеизложенное, можно сделать вывод о том, что ускорение процесса внедрения в практику внешнеэкономической деятельности института уполномоченных экономических операторов во многом зависит от эффективности участия банковского сектора в этом процессе.**

*Сайисмонов Рахматшо, Заместитель председателя Ассоциации Банков Таджикистана, к.э.н., доцент,*

*Ким Валерий, Начальник юридического Департамента Ассоциации Банков Таджикистана.*

# Пули миллӣ-дастоварди истиқлолият



**Пули миллӣ бойигарӣ ва сарвати миллии мост, обрӯю эътибори миллат аст. Бинобар ин таъмини гардиши озод, ҳифзи қурб ва қобилияти мубодилавии он қарзи ҳамаи мо дар назди Ватан мебошад. Дар робита ба ин мавзӯъи муҳиму рӯзмарра мусоҳибае дорем бо Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, ки инак, манзури хонандагони гиромии маҷалла мегардонем.**

**– Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромаду суханрониҳо барои арҷ гузоштан ба дастовардҳои фарҳангиву миллӣ ва таърихӣ даъват ба амал меоранд. Бахри арҷ гузоштан ва гиромӣ доштани пули миллӣ - сомонӣ, ки яке аз рукнҳои давлатдорӣ маҳсуб меёбад, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон имрӯз чи корҳо анҷом дода шудааст?**

– Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллӣ - сомонӣ дар қатори Парчаму Нишон ва Суруди миллӣ аз муқаддасоти миллӣ ва нишонаҳои асосии давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, эҳтиром гузоштан ба он эҳтироми миллату давлат ва вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Аз касе пӯшида нест, ки пули миллӣ яке аз рукнҳои асосии истиқлолияти давлатӣ ва дар айни замон, яке аз нишонаҳои муҳимтарини мустақилияти давлат мебошад. Бисёр рамзист, ки пули миллии мо дар остонаи асри XXI, яъне арафаи ивазшавии ду ҳазорсола ва баъди 1100 соли давлатдории миллии гузаштагонамон - Сомониён ба гардиш оғоз кард. Номи воҳиди пулиро СОМОНӢ гузоштан бесабаб нест, зеро сиёсати пулию молиявӣ ҳанӯз дар давраи Сомониён як пояи бисёр мустаҳкам ва мустақили давлату давлатдории миллӣ буд. Сиккаҳои тилло ва нуқра бо номҳои динору дирами исмоилӣ на фақат дар саросари қаламрави давлати Сомониён гардиши озод доштанд, балки дар Ҳинду Эрон, Чину Қошғару Рум ва сарзаминҳои Араб шуҳрат ва қурби баландеро доро буданд.

Маҳз бо ташаббусу дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон соҳиби пули миллии худ гардид ва ин падида барои давлат ва миллати тоҷик дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошад ва онро метавон чун иқдоми инқилобӣ ва оғози ислоҳоти сифатан нави иқтисодиёти ҷумҳурӣ арзёбӣ намуд. Бояд гуфт, ки пули миллӣ ба сифати шиносномаи миллат барои таҳкими давлатдорӣ ва эътирофи Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ аст.

Ҳадафҳои асосии ҷорӣ намудани низоми нави пулӣ, пеш аз ҳама, густариши ислоҳоти иқтисодӣ, рушди бахши воқеии иқтисодиёт, баланд бардоштани сифат ва қобилияти рақобати маҳсулоти саноатию кишоварзӣ, таҳкими иқтидори содироти мамлакат ва то андозаи имкон таъмин намудани зиндагии осудаи мардум аст.

Тавре дар яке аз баромадҳояшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷлили ҷашни истиқлолияти давлатӣ изҳор доштанд: ***«Дар нимаи дуюми соли 2000-ум рӯйдоди хеле муҳим, ки дар даврони истиқлолият ба вуқӯъ пайваст, ба муомилот баровардани яке аз нишонаҳои давлати соҳибистиқлол - пули миллӣ, яъне сомонӣ буд, ки он ба болоравии***

***нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ва раҳоии кишвар аз бӯҳрони иқтисодӣ, инчунин беҳдошти ҳолати молиявӣ, муътадил гардидани буҷети давлатӣ ва вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишвар мусоидат намуд».***

Ҳамин аст, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000-ум "Дар бораи ба муомилот баровардани пули миллии сомонӣ" воҳиди нави пулии воқеан миллӣ "Сомонӣ", ки ба ифтихори бунёдгузори нахустин давлати мутамарказ ва тавонои асримиёнагии тоҷикон Исмоили Сомонӣ (849-907) номгузорӣ шудааст, бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва дирамҳо бо арзиши номиналии 1, 5, 20, 50 тавассути Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуданд, ки ороиши он фарҳангу таърихи миллати тоҷикро таҷассум намуда, дар ин пулҳо расмҳои мутафаккирону шоирони барҷаста ва қаҳрамонони миллат акс ёфтаанд.

Пули миллӣ яке аз муқаддасоти давлатдорӣ маҳсуб меравад, аз ин рӯ ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳи ҷумҳурӣ бояд ба он арҷ гузорад, бо он ифтихор намояд, ба қадри он бирасад ва бо пули миллӣ эҳтиромона муносибат намояд. Эҳтироми пули миллӣ дар тарзи нигоҳ доштани он, ҳангоми доду гирифт эҳтиёткорона муносибат намудан, ба навиштаҷот ва "ороишот"-и бегона роҳ надодан ва дигар амалҳои мусбӣ нисбати пул зоҳир мешавад. Дар ин маврид беихтиёр гуфтаҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба ёд меоянд, ки нисбати эҳтироми пули миллӣ зикр намудаанд: **«Имрӯз фурсате расидааст, ки ба қадри яке аз рамзҳои давлатдорӣ - пули миллӣ бирасем, ифтихор намоем ва ба он эҳтиром гузорем».**

**– Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 октябри соли 2000 воҳиди нави пули миллии кишвар – сомонӣ ба муомилот бароварда шуд. Тайи солҳои истиқлолият барои устувор нигоҳ доштани пули миллӣ дар иқтисодиёт аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон чи тадбирҳо андешида шудааст?**

– Бонки миллии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои истиқлолият фаъолияти худро аз такмили заминаи қонунгузорӣ, ба муомилот баровардани пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, таҳкими назорати бонкӣ ва муҳайё кардани ҳисоббаробаркуниҳои мунтазаму боэътимод оғоз намуда, то ин замон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Бо ҷорӣ гардидани ислоҳот дар низоми бонкӣ ва барпо шудани асосҳои низоми мустақили пулӣ Бонки миллии Тоҷикистон барои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати мустақили пулию қарзӣ ҷиҳати танзими ҳаҷми пул дар муомилот ва нигоҳ доштани устувории пули миллӣ якчанд фишангҳои монетарӣ (бахусус меъёри бозтамвил, меъёри захираҳои ҳатмӣ, амалиёт дар бозори озод, танзими асъор ва ғайра)-ро дар амал татбиқ намуд, ки он ҳамчун марҳилаи нави ташаккули сиёсати пулию қарзӣ боиси барпо шудани асосҳои муҳимтарини низоми мукаммали бонкӣ дар ҷумҳурӣ гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ тавассути истифодаи фишангҳои худ назорати пайвастаи афзоиши ҳаҷми пулро дар муомилот вобаста ба рушди иқтисодиёти кишвар амалӣ намуда истодааст.

Дар натиҷа, ҳаҷми пули миллӣ, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад, аз 147,6 млн. сомонӣ дар соли 2001 ба 19,7 млрд. сомонӣ дар интиҳои моҳи июли соли 2020 баробар гардид, ки нисбат ба соли 2001 133,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Вобаста ба ин, нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4) дар ин давра 113,0 маротиба афзоиш ёфта, сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул бошад, аз 12,5 фоиз дар соли 2001 то 28,8 фоиз дар интиҳои моҳи июли соли 2020 баробар гардид.

Бо мақсади баррасии доимии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, соли 2003 Кумитаи сиёсати монетарии Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Вазифаҳои асосии Кумитаи мазкур дар асоси таҳлили вазъи макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои пулӣ муайян намудани меъёри бозтамвил ва муқаррар намудани ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бевосита барои нигоҳ доштани суботи иқтидори харидории пули миллӣ, ки яке аз мақсадҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт, равона гардида буд.

Шурӯъ аз соли 2009 бо назардошти ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон" мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар доираи салоҳияти худ муайян гардид.

Бо назардошти баҳодиҳии

хавфҳои дар иқтисодиёт ҷойдошта ва вазъи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, алалхусус таваррум, дар давоми солҳои 1995-2020 меъёри бозтамвил 120 маротиба тағйир дода шуда, аз 250,0 фоизи (нишондиҳандаи баландтарин) соли 1995 то 10,75 фоизи солона дар ҳашт моҳи соли 2020 муқаррар карда шуд (нишондиҳандаи пасттарини он дар сатҳи 4,8 фоиз дар нимсолаи якуми соли 2014 ба қайд гирифта шуда буд).

Меъёри захираҳои ҳатмӣ дар солҳои аввали истиқлолият бо мақсади танзими ҳаҷми пул 20,0 фоиз муқаррар гашта буд. Бо мақсади устувор нигоҳ доштани қурби пули миллӣ ва зиёд намудани эътимоди аҳолӣ ба он шурӯъ аз соли 2005 Бонки миллии Тоҷикистон меъёри захираҳои ҳатмиро ба пули миллӣ ва асъори хориҷӣ бо меъёрҳои алоҳида ҷудо намуд. Дар давоми солҳои 2003-2019 нишондиҳандаи мазкур 9 маротиба тағйир дода шуда, аз 18 фоиз бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар соли 2003, дар ибтидои соли 2020 то 3,0 фоиз бо пули миллӣ ва 9,0 фоиз бо асъори хориҷӣ муқаррар гардид.

Ҷиҳати андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муқобили таъсири хавфҳои эҳтимолӣ аз пандемияи коронавирус (COVID-19), инчунин ҷиҳати коҳиш додани хароҷотҳои иловагӣ ва арзиши қарзҳои ба иқтисодиёт пешниҳодшаванда, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, аз 1 апрели соли 2020 муваққатан то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ ба андозаи 2 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 4 банди фоизӣ паст карда шуда, мувофиқан 1 фоиз ва 5 фоиз муқаррар карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки тайи солҳои охир дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати таҳкими дараҷаи таъсирбахшии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ба он, идоракунии самарабахши сатҳи пардохтпазирӣ ва сиёсати фоизии Бонки миллии Тоҷикистон барои гузариши ботадриҷ аз ҳадафи амалиётии пойгоҳи пулӣ ба меъёри фоизи кӯтоҳмуддат, ки яке аз шартҳои асосии реҷаи сифатан нави пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум маҳсуб меёбад, як қатор ислоҳот амалӣ гардид.

Пас аз қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки милли Тоҷикистон” дар таҳрири нав аз соли 2011 мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ноил шудан, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад.

Вобаста ба ин, бо мақсади муайян намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоӣ - нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2016, №174 “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”-ро таҳия намуд, ки он густариши ислоҳоти институтсионалӣ, таҳкими фишангҳо ва вусъатдиҳии дараҷаи таъсирбахшии онҳо, марҳила ба марҳила ташкили фазои мусоид ва заминаи устувор барои гузариш ба реҷаи нави сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррумро пешбинӣ менамояд.

Илова бар ин, бо мақсади самаранок амалӣ намудани татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, инчунин фаъолияти назорати бонкӣ “Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019“ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2015, №152 ва Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2016, №123/фф ба тасвиб расидааст.

Ҳуҷҷати мазкур аз як қатор ислоҳотҳои низоми бонкӣ, аз қабили баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ, устувор нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, муътадил нигоҳ доштани сатҳи нархҳо ва ғайра иборат буд, ки дар натиҷаи андешидани тадбирҳои саривақтӣ устувории қурби пули миллӣ таъмин гардид.

Бо мақсади таъмини истифодаи самараноки воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, дастгирии ташкилотҳои қарзӣ, тавсеа бахшидани бозори байнибонкӣ ва танзими пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлати низоми бонкӣ шурӯъ аз соли 2017 фишангҳои доимамалкунандаи монетарӣ - қарзи рӯзона (интрадей), қарзи шабонарӯзӣ (овернайт) ва қарзҳо тариқи музоядаи қарзӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Соли 2017 баҳри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷалби амонатҳои шабонарӯзии (овернайт) ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба роҳ монда шуд ва то интиҳои соли 2019 ҳаҷми онҳо 181,0 млрд. сомонӣ ва дар моҳҳои январ-июли соли 2020 178,2 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,3 маротиба зиёд мебошад.

Идоракунии самараноки сатҳи

пардохтпазирии бонкҳо ва коҳиш ёфтани фишорҳои таваррумӣ ба рушди бозори молиявӣ такони ҷиддӣ бахшида, дар бозори аввалия дар давоми солҳои 2002-2019 1 924 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 55,5 млрд. сомонӣ ва дар ҳафт моҳи соли равон 67 музояда дар ҳаҷми 8,2 млрд. сомонӣ баргузор гардиданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар самти татбиқи босамари фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ сатҳи таваррум, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад, тибқи маълумотҳо аз нишондиҳандаи чорраќамаи солҳои 1993 ва 1995 то нишондиҳандаи якрақама дар солҳои баъдӣ ҷамъбаст гардида, солҳои 2009-2019 бошад, афзоишёбии сатҳи таваррум ба ҳисоби миёна дар як сол 6,6 фоизро ташкил намуд.

Маврид ба зикр аст, ки омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмулан аз омилҳои берунӣ, аз қабили тағйирёбии нархи молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти воридотӣ, бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳон, инчунин аз омилҳои мавсимию таклифотӣ иборат мебошанд.

Шурӯъ аз соли 2015 Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани эътимоди мардум ба пули миллӣ сиёсати дедолларикунонии иқтисодиётро амалӣ намуд, ки дар натиҷа сатҳи он тамоюли коҳишёбӣ дорад.

Аз ҷумла, аз оғози моҳи апрели соли 2015 нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ ва моҳи декабри соли 2015 нуқтаҳои мубодилаи асъори ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ тааллуқдошта баста шуда, минбаъд анҷомдиҳии амалиёти мубодилаи асъор танҳо тавассути хазинаҳои амалиётии марказҳои хизматрасонии бонкӣ, филиалу саридораҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади ба танзим даровардани гардиши асъори нақди хориҷӣ, паст намудани сатҳи долларикунонӣ ва таъмини устувории қурби пули миллӣ, аз 2 феврали соли 2016 тартиби мубодилаи пурраи рубли русии интиқолшудаи шахсони воқеӣ ба пули миллӣ ва фурӯши минбаъдаи на кам аз 50 фоизи маблағҳои мубодилашудаи рубли русӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ва бозфурӯши онҳо дар бозори байнибонкӣ, тавассути низоми ягонаи электронии савдои ширкати “Томсон Рейтерс” ҷорӣ карда шуд.

Дар баробари ин, бо мақсади риоя ва иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба муомилоти асъори хориҷӣ вобаста, аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2014 ситод ва гурӯҳҳои кории доимоамалкунанда таъсис дода шуд.

***Бонки миллии Тоҷикистон аз оғози соли 2016 бо мақсади паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ пешниҳоди қарзҳоро ба ташкилотҳои қарзӣ танҳо бо пули миллӣ ба роҳ монд.***

Бо мақсади танзими муомилоти пулӣ ва паст кардани сатҳи талабот ба асъор аз моҳи июли соли 2017 сабикаҳои ченакии тиллои Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот барорварда шуд, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонанд онро харидорӣ намоянд. Сабикаҳои ченакии тилло 5, 10, 20, 50 ва 100 гр. вазн дошта, дар корхонаи софкории дорои сертификати Ассотсиатсияи бозори филизоти қиматбаҳои Лондон (LBMA) тайер карда мешаванд. Аз аввали барориш то санаи 31 июли соли 2020 дар маҷмӯъ 12 750,0 гр. ба маблағи 5,4 млн. сомонӣ сабикаҳои ченакии тиллои Бонки миллии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фурӯхта шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар самти паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт бақияи пасандозу қарзҳо бо асъори хориҷӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, аз 69,5 фоиз (аз рӯи бақияи пасандозҳо) ва 63,1 фоиз (аз рӯи бақия қарзҳо) дар соли 2015 мутаносибан то 45,9 фоиз ва 47,9 фоиз дар интиҳои моҳи июли соли 2020 баробар гардид, ки ин аз зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ шаҳодат медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ, барои баланд бардоштани устувории пули миллӣ ва роҳ ёфтани он дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ тамоми имкониятҳои худро истифода менамояд.

**– Ба ҳамагон маълум аст, ки пулҳои (банкнота, купюра) коғазӣ бо истифодаи дурудароз фарсоиш меёбанд ва аз муомилот гирифта мешаванд. Солҳои охир барои дарозумрии пули миллӣ, тақвият ёфтани устувории банкнотаҳо ва пурзӯр намудани унсурҳои ҳимоявии он Бонки миллии Тоҷикистон чи корҳоро ба роҳ монда истодааст?**

– Яке аз вазифаҳои муҳими Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати ягонаи пулию

қарзии давлат дар кори ташкили муомилоти пули нақд ва хизматрасонии хазинавии ташкилотҳои қарзӣ, қонеъ намудани талаботи муомилоти пулии ҷумҳурӣ бо пули нақд (пулҳои қоғазӣ ва тангаҳои филизӣ), назорат бурдан аз болои сифати пули дар муомилотбуда (тоза намудани муомилоти пули нақди ҷумҳурӣ аз пулҳои фарсуда) мебошад.

Воқеан ҳам пули миллӣ, ҷузъе аз муқаддасоти асосии давлат ба шумор рафта, эҳтироми он бояд аз ҷониби ҳар як фарди ватандӯсти ҷомеъа риоя гардад ва ба он ифтихор намояд. Пулҳое, ки дар муомилот қарор доранд, бебаҳс таҷассумгари фарҳанги мардум ба ҳисоб меравaнд. Яъне агар дар муомилот пулҳои сифатан тоза гардиш намоянд, чунин амалкард дар афкору андешаи аҳолии кишвар, алалхусус дар назари меҳмонони дуру наздики хориҷии ватанамон фарҳанги баланди мардумро ифода менамоянд.

Табиист, ки пул ба мисли дигар маводи рӯзгор дар натиҷаи зиёд гардиш хӯрдан фарсуда мешавад ва гузашта аз ин дар натиҷаи беэҳтиётӣ ба шаклҳои гуногун медарад. Баъдан азбаски истифодабарии доимии он ғайриимкон мешавад, онҳоро бо пули коршоям иваз намудан лозим меояд.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сифатан беҳтар намудани пули нақд дар муомилот дар солҳои охир андешида шуда истодаанд, хусусан дар омезиш бо маводи химиявии полимерӣ омода намуда, ба муомилот баровардани пулҳои коғазӣ бо арзиши номиналии 10 ва 20 сомонӣ намунаи соли 2017 ва пулҳои коғазӣ бо арзиши номиналии 10, 20 ва 50 сомонӣ намунаи соли 2018, аз муомилот гирифтани пулҳои коғазии фарсуда бо арзишҳои номиналии 1, 3, 5 сомонӣ ва бар ивази онҳо ба муомилот баровардани тангаҳои филизии ҳамарзиши онҳо аз як тараф ба сифат ва тозагии пулҳо дар муомилот ва дарозумрии онҳо мусоидат намояд, аз тарафи дигар дар сарфа гардидани хароҷотҳои (маблағҳо) вобаста ба омода намудани пулҳои нақд мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон пайваста ҷаҳд менамояд, ки пули миллиро аз лиҳози ҳимоя аз тақаллубкорӣ пурзӯр намояд. Аз ҷумла, пулҳои коғазие, ки баъди соли 2010 ба муомилот бароварда шудаанд, дар онҳо унсурҳои ҳимоявии муосир аз қабили “ранги тағйирёбанда” дар дохили ранги сурхи сиёҳчатоб, дар рӯи “тасмача”-и голографӣ, “дизайни ҳимояи лазерӣ” ва “равзана”-и ҳимоявӣ истифода шудаанд. Дар пулҳои коғазии арзишашон 5 ва 10 сомонӣ (2012) унсури ҳимоявии “кинеграмма”, ба пулҳои коғазии арзишашон 20, 50, 100 сомонӣ (2013), унсури нави ҳозирзамони лазерӣ, ки се ададӣ охири рақами силсилавии пул дар рӯи навори голографӣ бо тарзи лазерӣ чоп шудааст ва ҳангоми ламс кардани ададҳои мазкур барҷастагӣ эҳсос карда мешавад, илова карда шуд.

Соли 2017 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидани сифати пулҳои коғазӣ ва пурзӯр кардани унсурҳои ҳимоявии онҳо банкнотаҳои нави коғазӣ бо такмил бароварда шуданд. Аз ҷумла, бо мақсади такмил додани ороиши пулҳои коғазӣ ва ҷорӣ кардани унсурҳои нави ҳимоявӣ Бонки миллии Тоҷикистон соли 2017 пулҳои коғазии арзишашон 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва соли 2018 пулҳои коғазӣ бо арзиши 10, 20, 50, 200 ва 500 сомониро ба муомилот баровард. ***Пулҳои коғазӣ бо арзиши 50 ва 100 сомонии намунаи соли 2017 ва пулҳои коғазии арзиши номиналиашон 200 ва 500 сомонии намунаи соли 2018 ба муомилот баровардашуда сад дар сад аз нахи пахта омода гардидаанд ва ба маротиб (3 маротиба) устувортар буда, муҳлати истифодабариашон низ нисбати пулҳои коғазии намунаи солҳои пеш хеле зиёд аст.*** Пулҳои коғазӣ бо арзиши 10 ва 20 сомонӣ намунаи соли 2017 ва пулҳои коғазӣ бо арзиши 10, 20 ва 50 сомонӣ намунаи соли 2018 дар асоси коғаз бо ҷойгир намудани маводи химиявии полимерӣ омода карда шудаанд, ки имкони таъмини унсури ҳимоявии иловагӣ ба ин пулҳоро медиҳад, инчунин муҳлати дурудароз дар муомилот гардиш намудани онҳоро (дарозумрии онҳоро) таъмин менамояд. Маводи химиявии полимерӣ имкон медиҳад, ки банкнотаҳои коғазӣ аз таршавӣ ва намнокӣ ҳифз гардида, ба ин восита умри онҳо ба маротиб дароз мешавад.

**– Солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон бештар ба барориши тангаҳои филизӣ рӯй овардааст. Ин иқдом ба кадом хотир роҳандозӣ мешавад?**

– Бояд зикр намуд, ки пулҳои коғазии арзишашон нисбатан хурд 1, 3, 5 сомонӣ (вазифаи бақиягардониро иҷро намуда, дар натиҷаи зуд-зуд аз даст ба даст гузаштан тез фарсуда мешаванд) дар муомилот бо суръати тезтар гардиш намудан нисбат ба пулҳои арзиши нисбатан калон зудтар фарсуда мешаванд.

Бинобар ин Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади тоза нигоҳ доштани пулҳои нақд дар муомилот ва дароз намудани муҳлати гардиши онҳо, таи

солҳои охир дар ивази пулҳои коғазии арзишҳои нисбатан майда (хурд) 1, 3, 5 сомонӣ, ки фарсуда гашта аз муомилот гирифта мешаванд, тангаҳои филизии ҳамарзиши онҳоро бо арзишҳои 1, 3, 5 сомонӣ ба муомилот мебарорад. Албатта ин иқдоми саривақтӣ ва аз нигоҳи молиявӣ муфид мебошад, зеро тангаҳои филизӣ нисбат ба пулҳои коғазӣ дар муомилот зиёдтар гардиш менамоянд.

Ҳамаи тадбирҳое, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сифатан беҳтар намудани пули нақд дар муомилот дар солҳои охир андешида шудаанд, хусусан аз муомилот гирифтани пулҳои коғазии фарсуда бо арзишҳои номиналии 1, 3, 5 сомонӣ ва бар ивази онҳо ба муомилот баровардани тангаҳои филизии ҳамарзиши онҳо аз як тараф ба сифат ва тозагии пулҳо дар муомилот ва дарозумрии онҳо мусоидат намояд, аз тарафи дигар дар ояндаи наздик ба сарфа гардидани хароҷотҳои (маблағҳо) вобаста ба омода намудани пулҳои нақд мусоидат менамояд.

**– Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ яке аз омилҳое мебошад, ки ба баланд бардоштани эътибори пули миллӣ дар байни аҳолӣ, фарҳанги истифодаи пули миллӣ, аз овони наврасӣ омӯзондани истифодаи дурусти пул дар оила таъсиргузор буда, метавонад ба устувории пули миллӣ таъсири бевоситаи худро расонад. Имрӯз дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ Бонки миллии Тоҷикистон чи барномаҳоро роҳандозӣ менамояд?**

– Тарғиби эҳтиром гузоштан ба пули миллиро аз оила, боғчаҳои бачагона ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз намудан лозим аст, зеро ин амали муҳимро дар тафаккури инсон аз хурдсолӣ ҷой намудан ба манфиати кор аст.

Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки пули миллии давлати соҳибистиқлоламон дар муомилот доимо тоза бошад ва дар навбати худ аз шаҳрвандони ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки бо пули миллӣ - ҳамчун ба яке аз рукнҳои давлатдорӣ муносибати эҳтиромона дошта бошанд. Тозагии муомилоти пулӣ дар нигоҳи меҳмонони хориҷӣ бешак инъикосгари маърифату маданияти мардуми кишвар мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохтории махсус таъсис дода шудааст, ки дар ин раванд корҳои зиёдеро анҷом дода истодааст. Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фонди хазинаи амонатӣ ва муносибатҳои байналмилалии Олмон дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ассотсиатсияҳои дахлдор маҷмӯи чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ мунтазам гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, ҳамасола дар давраи аз 27 март то 02 апрел ҳафтаи байналмилалии молиявӣ (Global Money Week) барои наврасон ва ҷавонон доир мегардад, ки имсол дар ин ҳафтаи саводнокии молиявӣ беш аз 10,5 ҳазор ҷавонон ва наврасон бо омӯзиш фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар доираи ҳамкориҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо Фонди хазинаи амонатӣ ва муносибатҳои байналмилалии Олмон ҷараёни омӯзонидани тренерон бо мақсади дар оянда гузаронидани дарсҳои омӯзишӣ ба муаллимони мактабҳои миёна роҳандозӣ мегардад. Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии аҳолӣ дар саросари ҷумҳурӣ лоиҳаи “Стратегияи миллии маърифатнокии молиявӣ” таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдор дар мавриди мувофиқа қарор дорад. Бо қабули стратегияи мазкур тамоми манотиқи кишвар дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ бо омӯзиш ҷиҳати баланд бардоштани саводнокӣ ва маърифати молиявӣ фаро гирифта хоҳанд шуд, ки ин ҳам яке аз заминаҳои муҳими рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

**– Тавре маълум аст, дар пеш таҷлили 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Барои ҷашнгирии арзандаи ин санаи таърихӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барориши тангаҳои хотиравӣ ба нақша гирифта шудааст?**

– Ба ҳамагон маълум аст, ки соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатиро таҷлил менамояд. Аз ин рӯ, дар доираи тадбирҳои ҷашнӣ Бонки миллии Тоҷикистон бахшида ба таҷлили ин ҷашни давлатӣ омода намудани тангаҳои хотиравиро дар нимсолаи якуми соли 2021 ба нақша гирифтааст. Лоиҳаи тангаҳои хотиравӣ бо назардошти фарҳангу мероси миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ дар тӯли солҳои истиқлолият фармоиш хоҳанд шуд.

*Мусоҳиб:*
***Мавҷуда Ҳасанова,***
***Сардори шуъбаи матбуоти БМТ.***


ФАВРӢ
КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН
БАРНОМАИ
FAVRI
INTIQOL
КОМИССИЯ
0%
ФАВРӢ
КОРТИ МИЛЛӢ
CARDHOLDER NAME
Банкинг
Коммерция
Платежи
Промо-акции
Избранные
Автоплатежи
Отчеты
Настройки
КОММЕРЦБАНК ТАДЖИКИСТАНА
Favri Intiqol
легкостью осуществляйте денежные переводы со всех карт Банков Российской Федерации на счёт Фаври или на карты «Корти милли» Коммерцбанка Таджикистана
ПЕРЕВОД ПО НОМЕРУ ТЕЛЕФОНА
ПЕРЕВОД НА КОРТИ МИЛЛИ
VISA
МИР
г. Душанбе ул. Бохтар 37/1
+992 (44) 630 8888

## Эраҷ Раҷабов:

# ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" тавонист худро ҳамчун яке аз бонкҳои инноватсионӣ муаррифӣ намояд.



Маҷаллаи "БТҶ" чун анъанаи нек - нашри силсиламусоҳибаҳо бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии кишвар, тасмим гирифт дар шумораи навбатӣ оид ба вазъи молиявӣ, мушкилоту дастовардҳо, роҳҳои расидан ба нишондиҳандаҳои иқтисодии мусбат дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, давраи паҳншавии бемории сироятии COVID-19, нақшаҳои корӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолият дар низоми бонкӣ бо раиси ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" Эраҷ Раҷабов суҳбати ҷолибе анҷом диҳад. Инак, муҳтавои асосии мусоҳибаи зикршуда ба хонандагони арҷманди нашрия пешниҳод карда мешавад.

**– ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" яке аз ташкилотҳои қарзии ҷавони Тоҷикистон аст, ки се сол пеш ҳамчун бонк фаъолияти худро дар бозори кишвар оғоз намудааст. Лутфан бигӯед, ки дар ин муддат бонк ба чӣ дастовардҳо ноил шудааст?**

– ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ҳамчун бонки навтаъсис дар давраи оғози фаъолияташ, ки дар муҳити рақобатнокӣ сурат гирифта буд, тавонист дар муддати кӯтоҳтарин худро ҳамчун яке аз бонкҳои инноватсионӣ муаррифӣ намояд. Инчунин, Бонк дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки доираи хизматрасонии худ ва шумораи мизоҷонашро дар самти қарздиҳӣ, хизматрасонии хазинавӣ, интиқоли маблағҳо ва хизматрасонии фосилавӣ тавассути бонкинги мобилӣ ва дигар хизматрасониҳои маъмул якчанд маротиба зиёд намояд, ки ин худ яке аз дастовардҳои назарраси бонк дар ин муддати кӯтоҳ мебошад.

**– Дар айни замон вазъи молиявии бонк дар кадом сатҳ қарор дорад? Ба ибораи дигар, имрӯз баҳои Шумо ба он чӣ гуна хоҳад буд?**

– Дар шароити кунунӣ вазъи молиявии бонк бо назардошти омилҳои мавҷуда ва сиёсати пешгирифтаи бонк дар ҳолати хуб қарор дошта, мусбӣ арзёбӣ мегардад. Тасдиқи гуфтаҳои боло риоя гардидани меъёрҳои мақбули муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон аз тарафи бонк ба шумор меравад, аз ҷумла пардохтпазирӣ ва кифоятии сармояи бонк дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, зарурати ҷалби сармояи иловагӣ ва маблағҳои озод дида намешавад.

**– Оё дар ин давра мушкилиҳое буданд, ки монеъи пешрафти фаъолияти шумо гашта бошанд? Агар вуҷуд дошта буданд, шумо онҳоро чӣ гуна ва бо кадом роҳҳо ҳал мекардед?**

– Бояд қайд намуд, ки дар ин давра ягон мушкилие, ки монеа барои пешрафти фаъолияти бонк эҷод кунад, вуҷуд надошт ва бонк фаъолияти пурсамари худро дар асоси

сиёсати пешгирифтаи худ ва нақшаҳои гузошташуда пеш бурда истодааст. Ҳамзамон, мавриди қайд аст, ки дар бонк мутахассисони ботаҷриба кору фаъолият менамоянд, ки ҳангоми пайдо шудани мушкилию монеаҳо сари вакт чораҳои зарурӣро ҷиҳати бартараф намудани онҳо меандешанд.

**– Оё бонки Шумо хизматрасониҳои муосири бонкӣ, аз қабили ҳамёни электронӣ ва ғайраро ба мизоҷон пешниҳод менамояд?**

– Чуноне, ки қайд намудем, ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ба гурӯҳи бонкҳои инноватсионии кишварамон дохил шуда, айни ҳол дар бонк 3 намуди хизматрасонии муосири фосилавӣ ба мизоҷон, аз он ҷумла, бонкинги мобилии "ФАВРӢ", барномаи интиқоли маблағ "Favri intiqol" ва хизматрасонии фосилавии бонкии "Интернет бонк" барои шахсони ҳуқуқӣ, ки барои идоракунии фосилавии суратҳисобҳои худ дар реҷаи онлайн имконият медиҳад, ба мизоҷон пешниҳод гардидааст.

Бонкинги мобилии "ФАВРӢ" аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад. Яке аз он пешкаш намудани қисмати низоми хизматрасонии фосилавии "Фаврӣ" барои мизоҷон-харидорон, ки ба воситаи он метавонанд аз хизматрасониҳои бонкӣ, ба монанди дастрасии фосилавӣ ба суратҳисобҳои бонкии худ, пардохти қарзҳо, пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, пардохт намудани дигар молу хизматрасониҳо, қабул намудани интиқоли маблағ аз Федератсияи Русия ва ғайра бархӯрдор шаванд, мебошад. Қисмати дуюм, ин аз хизматрасонии эквайринг, ки ба муассисаҳои хизматрасонию савдо ва соҳибкорон барои ба таври ғайринақдӣ қабул намудани пардохтҳоро аз мизоҷони худ бо истифодаи воситаҳои муосири электронӣ, аз қабили QR-рамз ва постерминалҳои "3 дар 1" имконият медиҳад, иборат мебошад.

Барномаи интиқоли маблағи "Favri intiqol" барномае аст, ки як ҷузъи экосистемаи "Фаврӣ" ба ҳисоб рафта, махсусан барои муҳоҷирони меҳнатӣ бароварда шудааст. Барномаи мазкур имконият медиҳад, ки интиқоли маблағҳо аз дилхоҳ корти пардохтии бонкҳои Федератсияи Русия ба суратҳисоби истифодабарандагони барномаи бонкинги мобилии "ФАВРӢ" ва кортҳои бонкии "Корти миллӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

**– То ҷое маълум аст, ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" солҳои охир дар бисёре аз шаҳру ноҳияҳои кишвар филиалу намояндагиҳо боз карда истодааст. Ин раванд дар айни замон чӣ гуна идома дорад?**

– Васеънамоии воҳидҳои сохторӣ яке аз мақсадҳои асосӣ ва сиёсати пешгирифтаи бонк ҷиҳати фароҳам овардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии бонкӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад. Айни замон,



дар минтақаҳои гуногуни кишварамон 9 филиал ва 38 Маркази хизматрасонии бонкӣ фаъолият намуда истодааст, ки шумораи воҳидҳои сохторӣ нисбат ба давраи аввали фаъолияти бонкӣ дар маҷмӯъ 6 маротиба зиёд гардидааст. Дар оянда бонк нақша дорад, ки ҷиҳати боз ҳам васеъ намудани доираи фаъолияти худ воҳидҳои алоҳидаи худро боз ҳам зиёдтар намояд.

**– ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" асосан ба кадом гурӯҳи мизоҷони бозори бонкӣ хизмат мерасонад?**

– Бонк кӯшиш дорад ба тамоми гурӯҳҳои мизоҷон хизматрасон бошад ва барои ин мо бояд ба боварии аҳолӣ ҳамчун бонки боэътимод ва устувор ворид шавем. Бонк барои ҷалб намудани мизоҷон мунтазам маҳсулотҳои рақобатнокро пешкаш карда истодааст. Бонк пеш аз он, ки ягон маҳсулоти навро ба бозор барорад, нахуст он аз тарафи мутахассисон ҳамаҷониба таҳлил шуда, бо нишон додани нозукиҳои хоси он ба бозор баровварда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки барои саҳмгузорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ, инчунин, барои муайян намудани мизоҷи худ, Бонк аз маводҳои таҳлилии натиҷаҳои назарсанҷии Бонки миллии Тоҷикистон доир ба "Муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" истифода мебарад. Дар айни замон, аз тарафи Бонк барои дастгирии гурӯҳи мизоҷоне, ки аз оқибатҳои бемории вируси "COVID-19" зарар дидаанд, қарзҳои бефоиз ва имтиёзнокро пешниҳод намуда истодааст.

**– Ба андешаи Шумо аз 100% мизоҷоне, ки ба пасандозгузорон тааллуқ доранд ва аз эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳанд, чанд фоизашон ба дорандагони пасандозҳои мӯҳлатнок дохил мешаванд?**

– Дар робита ба ин суол бояд бигӯям, ки дар айни замон дорандагони пасандозҳои мӯҳлатноки ҷалбшуда дар бонк бо назардошти вомбаргҳои паҳнкардашуда 31,4 фоизро ташкил медиҳанд. Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки дар бонк барои ҷалби пасандозҳои мӯҳлатнок маҳсулотҳои нави амонатӣ таҳия ва ба мизоҷон пешкаш шудааст.

**– Ба фикри Шумо чаро мизоҷон бояд дигар бонкҳоро нею маҳз ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"-ро интихоб кунанд?**

– ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" кӯшиш карда истодааст, ки худро дар назди мизоҷон ҳамчун бонки устувор ва боэътимод муаррифӣ намояд. Бонк ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва васеъ намудани шабакаи воҳидҳои сохторӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аҳамияти хоса зоҳир намуда, чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Дар ин бобат, мизоҷон ба хизматрасониҳои ҳозиразамон дастрасӣ дошта, барои онҳо дар бонк зиёда  аз 10 маҳсулоти қарзӣ пешниҳод шудааст, ки вобаста ба эҳтиёҷ ва намуди фаъолият ба ҳар мизоҷ маҳсулотҳо ба таври инфиродӣ таҳия гардида, бо фоизҳои дастрас манзур мешаванд.

**– Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар рӯзи 26 декабри соли 2019 дастур доданд, бонкҳо бояд дастрасии аҳолӣ ба қарзҳоро афзуда, меъёри фоизи қарзҳоро коҳиш диҳанд. Дар робита ба супоришҳои боло, бонки шумо чӣ гуна тадбирҳоро амалӣ намуд?**

– Бонк барои баланд бардоштани фарҳанги қарзӣ ва дастрасии аҳолӣ ба қарзҳо мунтазам корбарӣ намуда, тавассути ВАО оиди тахфифҳои худ ба аҳолии кишвар маълумот пешниҳод менамояд.  Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани стратегияи қарзӣ, бонк ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар аз давраи аввали фаъолияти худ ба маблағи 443 млн сомонӣ қарз пешниҳод намудааст. Корҳо дар самти коҳиш додани меъёри қарз низ ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст ва фоизҳои миёнаи қарз бо пули миллӣ аз 30.3% то 20.2%,

яъне ба 10.1 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ аз 21.47% то 15.2%, яъне ба андозаи 6.27 банди фоизӣ кам карда шудаанд.

**– Пӯшида нест, ки хуруҷи бемории "COVID-19" ба аксари соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ таъсири амиқ расонидааст. Албатта, "Коммерсбонки Тоҷикистон" низ истисно нест. Бинобар ин, бонки шумо барои пешгирӣ ва коҳиши таъсири манфии бемории коронавирус ба аҳолии кишвар чӣ корҳоро анҷом дод? Барои мисол, оё меъёри фоизи қарзҳоро то андозае поин бурдед ва ё барои бозгардони қарзҳо ба мизоҷон таътил пешниҳод кардед?**

– Бо мақсади дастгирии мизоҷон дар давраи паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ва дар ин самт андешидани чораҳои дахлдор тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июни соли 2020, №1544, «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» яке аз аввалинҳо шуда, як қатор чорабиниҳоро ба анҷом расонид. Аз ҷумла:

- бо мақсади дар шароити паҳншавии бемории сироятии COVID-19 аз тарафи мутахассисон ба аҳолӣ додани машварати ихтисоснок оиди пешгирӣ ва табобати ин беморӣ бо ташаббуси бонк дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои Коммерсбонки Тоҷикистон бо муҳайё намудани ҳамаи шароитҳои зарурӣ (музди маоши баланд, 3-вақт хӯроки гарм ва нақлиёт) барои фаъолияти пурсамари шабонарӯзии 56-нафар кормандони баландихтисоси соҳаи тиб, Маркази тамоси шабонарӯзӣ оид ба масъалаҳои вируси COVID-19 бо реҷаи кории 24/7 таъсис дода шуд;
- пешниҳод намудани таътил барои пардохти қарзҳо ба мизоҷони Бонк;
- татбиқ накардани ҷаримабандӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои қарзии мизоҷони бонк дар давраи аз 1 май то 1 октябри соли 2020;

Инчунин, бинобар сабаби сар задани бемории сироятии "Коронавирус" ва дар натиҷа мушкил шудани вазъи молиявии муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия, эҳтиёҷи ҷорӣ намудани маҳсулоти қарзии нав барои дастгирӣ намудани оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш омад. Бонк дар муддати кӯтоҳ барои шаҳрвандон маҳсулоти имтиёзноки қарзии "Ҳамдиёр" пешкаш намуд, ки он ба оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ имконияти хариди маҳсулоти озуқаворӣ аввалиндараҷаро фароҳам овард. Қобили қайд аст, ки қарзи мазкур ба мизоҷон бо 13 фоизи солона пешниҳод гардида, барои 3 моҳи аввали он фоиз ситонида намешавад. Илова бар ин, аз тарафи Бонк барои дастгирии кормандони соҳаи тандурустӣ, ки дар мубориза бо COVID-19 саҳми арзанда гузоштаанд, маҳсулоти қарзии нави "Табиб" бо фоизҳои паст таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**– Тавре маълум аст, имрӯз дастрасӣ ба хизматрасонии бонкӣ дар кишвар ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст, вале истифодаи дурусти он дар сатҳи дилхоҳ нест. Бигӯед, ки дар айни замон дар бонки Шумо чанд дастгоҳи постерминал мавҷуд аст?**

– Ҳамаи воҳидҳои сохтории бонк бо постерминалҳои нуқтаи додани пули нақд таъмин буда, шарикони бонк, яъне корхонаҳову соҳибкорон бо воситаҳои муосири технологии QR-рамз – 286 адад муҷаҳҳазонида шуда, як қатор шарикон барномаи пардохтии бонкро истифода менамоянд. Нуқтаҳои хизматрасонӣ барои қабули пардохтҳо бо 327 адад постерминалҳои "3 дар 1" (мошини назорати хазинавӣ, қабули кортҳои пардохтӣ ва QR-рамз) ва 115 адад постерминалҳои "2 дар 1" (қабули кортҳои пардохтӣ ва QR-рамз) таъмин карда шудаанд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки айни замон аз тарафи бонк бо мақсади боз ҳам қулай гардондани хизматрасонии кортҳои пардохтӣ ва осонтар гардондани мушкилии аҳолӣ

дар ин самт, миқдори муайяни банкоматҳо харидорӣ шуда, рӯзҳои наздик дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурӣ насб ва ба истифода дода мешаванд.

**– Қарзҳои ғайрифаъол имрӯз яке аз мушкилиҳои асосии баъзе ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад. Бонки Шумо барои пешгирӣ ва рафъи мушкилоти қарзҳои ғайрифаъол чӣ корҳоро анҷом дода истодааст?**

– Дар Бонк гурӯҳи махсус, ки бо баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол машғул мебошад, таъсис дода шудааст. Гурӯҳи мазкур ба таври доимӣ фаъолият намуда, барои кам кардани ҳаҷми қарзҳо ва шароит фароҳам овардан ба мизоҷони дар ҳолати ноустувори молиявӣ қарордошта, мунтазам кор мебаранд. Қобили қайд аст, ки дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани сиёсати қарзӣ, теъдоди қарзҳои ғайрифаъол дар Бонк бениҳоят кам буда, он на зиёда аз 1,0 (як) фоизи сандуқи қарзиро ташкил медиҳад.

**– Оё бонк то имрӯз сармояи хориҷӣ ҷалб кардааст ва барои дар оянда зиёд намудани ҳаҷми он иҷрои кадом корҳоро ба нақша гирифтааст?**

– Дар айни ҳол, бонк захираҳои дохилии молиявии худро истифода намуда истодааст. Дар оянда Бонк нақша дорад, ки ҷиҳати боз ҳам васеътар намудани фаъолияташ сармояи хориҷиро ҷалб намояд. Бояд қайд намуд, ки раванди мазкур як қатор талаботҳои худро дорад, аз ҷумла, муҳлати дар низоми бонкӣ фаъолият намудани бонк, мукаммалии идоракунии корпоративӣ ва доштани баҳогузории бонк аз ҷониби ташкилотҳои шинохтаи байналмилалӣ ва ғайра. Бонк бо мақсади дар сатҳи боэътимод муаррифӣ намудани фаъолияти худ дар арсаи байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, ширкатҳои бонуфузи консалтингиро барои баҳогузорӣ ҷалб намуда, бо истифода аз машварати онҳо ҳамкориро ба роҳ мондааст.

**– Дар поёни суҳбат бигӯед, ки барои беҳтар кардани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои бонкӣ чӣ гуна нақшаҳо доред? ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ҷашни 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кадом дастовардҳои назарраси меҳнатӣ пешвоз гирифтан мехоҳад? Умуман дурнамои фаъолияти бонкро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Бояд бигӯям, ки ҳоло ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ҳамчун бонки инноватсионӣ дар давраи тағйирёбии босуръати рақобатпазирӣ нақша дорад, ки дар оянда низ аз технологияҳои муосир истифода намуда, сатҳи фаъолияти худро васеъ ва хизматрасониҳоро соддатар гардонад. Дар доираи барномаи бонкинги мобилии "Фаврӣ" мақсад дорем, ки дастрасии фосилавии хизматрасонии бонкиро рушд бахшем. Дар ҳамин раванд, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, пешбинӣ гардидааст, ки шабакаи терминалҳо, пост-терминалҳо, банкоматҳо ва истифодаи кортҳои пардохтиро зиёд намоем.

Барои сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонк нақша дорад, ки шумораи мизоҷони худро бо роҳҳои таҳия ва пешкаш намудани маҳсулотҳои нави бонкӣ зиёд намуда, маблағгузории корхонаҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорони ватаниро ҷиҳати васеъ намудани фаъолият ва таъсиси ҷойҳои кории нав, ки барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон заминаи махсус мегузорад, зиёд намояд. Илова бар ин, бахшида ба ҷашни 30-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонк ҷорӣ намудани як қатор тахфифҳо ба хизматрасонии бонкиро барои аҳолӣ ба нақша гирифтааст.

**Ташаккур барои ҷавобҳо ва чунин як суҳбати ҷолиб ва судманд.**

*Мусоҳибон:*
*Аслам Мӯминов,*
*Лоиламо Имомова,*
*маҷаллаи "БТҶ".*


COVI
D-19

# IMF minimizes impact of COVID-19 pandemic in Tajikistan




**The National Bank of Tajikistan's magazine "Bonkdori Tarakiyot Jahonishavi» continued to interview with some heads of international financial institutions in Tajikistan about their activities on the consequences of the negative impact of coronavirus outbreak, technical and financial assistance of partners and donors of Tajikistan for supporting the country's economic and financial institutions. In this number of the magazine we interviewed Mr. Yuri Sobolev, Resident Representative of the International Monetary Fund in Tajikistan.**

**- According to the official information many international financial organizations have already provided assistance to their member countries due to the economic crisis following the outbreak of coronavirus. As one of Tajikistan's partners and donors, what has your organization done to support the country's economic and financial institutions so far, and what program does it have for the future? Will it contribute to the implementation of Tajikistan's anti-crisis program? In terms of providing technical and financial support what will your organization do to prevent the spread of coronavirus in Tajikistan?**

- The International Monetary Fund (IMF) is the central institution of the international monetary and financial system - a system of international payments and exchange rates of national currencies, which allows countries to conduct economic transactions among themselves.

It seeks to prevent crises in the system by encouraging states to adopt sound economic policies; at the same time, as the name suggests, it is also a fund that can be used by Member States in need of temporary funding to address balance of payments problems.

The pandemic is having a significant human and economic impact on Tajikistan's economy. To preserve macroeconomic stability, the authorities are taking steps to increase health spending, strengthen social protection for vulnerable groups, and support businesses during the shock. Early May 2020the Executive Board of the International Monetary Fund (IMF) has approved a disbursement to the Republic of Tajikistan under the Rapid Credit Facility (RCF) equivalent to SDR 139.2 million (US$ 189.5 million, 80 percent of quota). These funds will help meet the urgent balance of payments and fiscal financing needs stemming from the outbreak of the COVID-19 pandemic and will help prevent severe economic and human disruption and preserve fiscal

space for essential COVID-19-related health and social expenditure.

In April 13, 2020 the Executive Board approved immediate debt service relief to 25 of the IMF's member countries under the IMF's revamped Catastrophe Containment and Relief Trust (CCRT) as part of the Fund's response to help address the impact of the COVID-19 pandemic.

This decision provides grants to our poorest and most vulnerable members to cover their IMF debt obligations for an initial phase over the next six months and will help them channel more of their scarce financial resources towards vital emergency medical and other relief efforts. As part of the CCRT, debt relief was provided, including to Tajikistan, to reduce short-term risks associated with the country's ability to service its debt to the IMF. At the initial stage, the provided grant assistance covers payments to meet Tajikistan's obligations to the IMF for the next six months and amounts to US $ 11 million. The CCRT mechanism is provided for two years, which means that support for Tajikistan will allow it to pay off the entire debt of the loan received from the IMF in 2012 through grant support from the IMF to minimize the consequences of the COVID-19 pandemic.

The economic and social impact of the crisis is expected to be substantial in Tajikistan. In this regard, the IMF is ready and provides ongoing technical and advisory support within the mandate of the Fund.

**- Please discuss whether your organization's assistance is directed only to the health sector or at the same time to other social and industrial spheres? And can the banking and financial sector, small business and trade also benefit from this assistance?**

- The authorities of the Republic of Tajikistan, in line with RCF provision have responded with an action plan and measures to contain the pandemic. Health spending and targeted support to the most vulnerable households and sectors in the economy are the immediate priorities, and a temporary widening of the budget deficit is appropriate.

The IMF's financial assistance under the RCF will provide a sizable share of the financing needed to implement the anti-crisis measures, which in turn will allow to reduce the impact of the negative factors of the pandemic, thereby providing significant support to the entire economy of the country.

**-In addition, what are your recommendations for reducing the negative impact of external risks and the country's economy, ensuring the revenue side of the budget and preventing the consequences of the financial crisis?**

- Obtaining resources through the RCF mechanism presupposes the implementation of measures agreed with the authorities aimed at maintaining macroeconomic stability and minimizing the consequences of the crisis. In particular, the authorities are committed to full transparency and reporting of resources deployed for the emergency response, including publication of quarterly reports and ex-post audits of crisis-related spending. Over the medium term, the authorities are committed to fiscal consolidation and prudent borrowing policies to reduce the budget deficit and put debt on a sustainable path. The authorities are also committed to exchange rate flexibility and improving the functioning of the FX market to support growth and to external adjustment, while avoiding excessive volatility and economic disruption. Monetary policy will remain vigilant to liquidity and inflation developments.

***Prepared by Aslam Muminov, Loilamo Imomova, "BDG".***


ДАР БОРАИ СУҒУРТА
ЧӢ МЕДОНЕД?

# Дар бораи суғурта чӣ медонед?

Ҳамаи мо ягон дороие дорем, ки мехоҳем онро ҳифз намоем. Барои касе ин хона ё мошин аст, барои каси дигар бошад – коғазҳои қиматнок. Вале дар баробари моликият, ҳамзамон саломатӣ ва ҳаёт, ки ҳамчунин мехоҳем ҳифзашон намоем, азиз мебошанд. Бешубҳа, дар ин кор ба мо суғурта кумак мерасонад.

Акнун биёед, ба мафҳуми он сарфаҳм равем, ки суғурта чӣ асту кадом намудҳои он вуҷуд доранд?

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурта дар шаклҳои ихтиёрӣ, ҳатмӣ ва ҳатмии давлатӣ амалӣ мегардад.

**1. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ** - суғуртае, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад.

**2. Суғуртаи ҳатмӣ –** суғуртае, ки ҳар як намуди мушаххаси он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

**3. Суғуртаи ихтиёрӣ** - ин намуди суғурта дар асоси шартномаи суғурта ва қоидаҳои суғуртакунӣ, ки шартҳои умумӣ ва тартиби амалигардонии онро муайян менамоянд, амалӣ мегардад.

Бояд дар назар дошт, ки суғурта манфиатҳои моро дар ҳолатҳои нохушӣ ҳимоят мекунад. Дар зиндагӣ метавонад ҳама гуна ҳодисаҳо ба амал оянд: сухтор, обхезӣ, дуздӣ, садама, ҷароҳат, талафоти молиявӣ, бемории ногаҳонӣ ва ғайра. Албатта, ба рӯзҳои неку хуш умед бояд баст, вале дар ҳама ҳолат ба омадани хавфҳо омода будан зарур аст. Ҳар кас метавонад суғуртаро ихтиёрӣ интихоб намояд, вале намудҳои суғуртае вуҷуд доранд, ки мо аз рӯи қонун онҳоро бояд дошта бошем.

Дар ин ҷо диққати хонандагонро ба мафҳумҳое ҷалб менамоем, ки ҳангоми ба расмият даровардани муносибатҳои суғуртавӣ дучор мешаванд:

> Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии кормандон таъсир мерасонад, зарари расонидашуда аз ҳисоби суғурта тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст.

**Суғуртакунанда** – ташкилоти суғуртавие, ки тибқи иҷозатнома ба фаъолияти суғуртавӣ машғул аст.

**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд. Масалан, агар шумо соҳиби амволи ғайриманқул ё дигар моликият бошед, ё ба ягон ҷо сафар кардани ҳастед, бояд тибқи шартнома маблағи муайяншударо аз рӯи суғуртаи интихобшуда ба ташкилоти суғуртавӣ пардохт менамоед. Ана ҳамин мукофоти суғуртавии шумо ба шумор меравад.

**Ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад. Ҳодисаҳои суғуртавӣ хусусияти эҳтимолӣ доранд (ба болои мошин дарахт афтид, дуздӣ ба амал омад, ҳодисаи роҳу нақлиёт рух дод, парвози ҳавопаймо ба таъхир афтод ва ғайра), ҳамчунин метавонанд ғайричашмдошт бошанд.

**Маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад. Яъне ин ҳаҷми маблағи максималии хавф мебошад, ки дар ҳудуди он ба шумо аз рӯи ин ё он намуди суғурта пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дода мешавад.

## СУҒУРТАИ ҲАТМӢ

***Кадом суғуртаро ҳатман доштан зарур аст?***

## СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ



Ҳамзамон **СХҶГХ**-ро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд **бо суғуртаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ** омехта кард. Дар ҳолати баамаломада бо **СХҶГХ** на худи **воситаи нақлиёти автомобилӣ**, балки масъулияти гражданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти номбурда суғурта карда мешавад.

Ин маънии онро дорад, ки дар ҳолати рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ташкилоти суғуртавӣ тибқи шарномаи суғурта маблағи пулиро дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки ҷабрдида пардохт мекунад. Яъне, ташкилоти суғуртавӣ тибқи шартҳои шартномаи суғурта ӯҳдадор аст, ки пардохти (ҷуброни) зарарро амалӣ намояд.

Дар баробари ин, **СХҶГХ** масъулияти ҳар як соҳиби воситаи нақлиётро баланд намуда, хавфҳои рух додани ҳодисаҳои суғуртавиро дар роҳ кам менамояд.

**СХҶГХ** ба ҷабрдидагон имкон медиҳад, ки аз ҳисоби полиси суғуртавии соҳиби воситаи нақлиёте, ки ҳангоми ҳодисаи роҳу нақлиёт айбдор шудааст, зарари бавуҷудомадаро ҷуброн намоянд.

## АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАЛОКАТОВАР ҲАТМАН СУҒУРТА КАРДАНИ ЗАҲМАТКАШОНЕ, КИ ДАР КОРҲОИ БАРОИ ҲАЁТ ВА САЛОМАТӢ ХЕЛЕ ХАВФНОК КОР МЕКУНАНД



Агар Шумо соҳиби корхонае ҳастед, ки фаъолияти он ба ҳаёт ва саломатии кормандон хатар ба вуҷуд меорад, дар ин сурат Шумо ӯҳдадор ҳастед, ки онҳоро ҳатман суғурта намоед.

Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии кормандон таъсир мерасонад, зарари расонидашуда аз ҳисоби суғурта тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

## СУҒУРТАИ ҲАТМИИ МУСОФИРОНИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ, ОБӢ, ҲАВОӢ ВА РОҲИ ОҲАН



Ин намуди суғурта аз ҷониби корхонаҳое, ки ба ҳамлу нақли мусофирон машғул мебошанд, анҷом дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки суғуртаи мазкур аз лаҳзаи ҳаракат кардани нақлиёти автомобилӣ, обӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан аз як нуқта ба нуқтаи дигар амал мекунад. Ҳангоми расидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофирон, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи он аз ҳисоби суғурта пардохт карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар намудҳои суғуртаи ҳатмӣ низ амал менамоянд. Маълумоти муфассал дар бораи онҳо дар шумораҳои минбаъдаи маҷалла ба хонандагони гиромӣ пешниҳод карда мешавад.

*Таҳияи*
*А. Абдуғаффор,*
*"БТҶ".*

# Иқдому талошҳои ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ барои дастгирии мизоҷони худ



**Дар давраи пандемия бонкҳои Тоҷикистон талош карданд, то ки мушкилоти мизоҷони худро то ҳадди имкон сабук созанд ва ин иқдом то кунун собиқа надошт. Бархе аз бонкҳои кишвар бо ин мақсад имтиёзҳоеро барои мизоҷони худ, аз қабили бахшидани маблағҳои ҷарима барои ба таъхир андохтани пардохти маблағ ва фоизи қарз пешниҳод карданд, қисмати дигар бошад, барои бозгардонидани қарзҳо муддате таътил эълон намуданд**

## ПАНДЕМИЯИ COVID-19 ВА ИҚДОМИ БОНКҲОИ ТОҶИКИСТОН

Бар асари шиддат гирифтани бухрони коронавирус дар тамоми ҷаҳон ҳазорон корхонаю фурӯшгоҳҳо аз кор монданд, роҳҳо ва сарҳадҳо баста шуданду муҳоҷирони меҳнатӣ аз имконияти сафар кардан ба кишварҳои дигар маҳрум шуданд, мардуми зиёди аз бонкҳо қарздорбуда, бекор монданду хонашин шуданд ва барояшон иҷро намудани уҳдадориҳояшон дар назди бонкҳо ғайриимкон

> Илова бар ин, дар давраи пандемия баъзе бонкҳо ҷарима барои таъхири пардохти қарзҳоро низ куллан бекор намудаанд, ки ин барои қарзгирандагон кумаки беназир маҳсуб мешавад. Зеро тибқи шартномаи қарзӣ ҷарима барои ҳар як рӯзи ба таъхир . . .

шуд. Барои мисол, баъзе соҳибкорон, ки барои пешбурди фаъолият ва тиҷоратașон аз бонкҳо қарз гирифта буданд, наметавонистанд қарзҳои худро дар мӯҳлати муайяншуда баргардонанд.

Аз ҷониби дигар, вазъи ногувори дар пайи хуруҷи бемории коронавирус дар ҷаҳон ба вуҷудомада, пеш аз ҳама, ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷаи мушкилоти зикршуда, дар қатори омилҳои дигар ҳаҷму шумораи маблағҳои интиқолӣ коҳиш ёфт ва бархе соҳибкорон аз гирифтани қарз худдорӣ карданд, ки ин ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бетаъсир намонд.

Вале ба таъсири сангини бухрони нав ба низоми бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ накарда, дар аксари давлатҳои дунё вазъи мушкили муштариёни худро дарк намуда, имтиёзҳоеро ба корхонаҳо ва шахсони қарздор пешниҳод карданд. Дар Тоҷикистон низ роҳбарияти давлат аз рӯзҳои аввали пайдоиши коронавирус оқибатҳои таъсири паҳншавии онро ба инобат гирифта, ҷиҳати пешгирии зарари он ба иқтисод ва мардуми кишвар чораҳои зарурӣ андешид. Маҳз ба ҳамин хотир Ҳукумати ҷумҳурӣ дастуру тавсияҳо дод, то ки бонку ташкилотҳои қарзии хурд дар доираи имкониятҳои худ нисбат ба шахсоне, ки дар муддати аз 1 май то 1 октябри соли 2020 қарзи худро саривақт пардохт карда наметавонанд, ҷарима татбиқ нанамоянд.

Ҳоло рӯ меорем ба

ин масъала, ки бонкҳои Тоҷикистон дар давраи пандемияи каронавирус чӣ гуна фаъолият карданд ва барои дастгирии мизоҷони худ чӣ корҳоро анҷом доданд?

## ПАНДЕМИЯ ВА 6% КОҲИШДИҲИИ МЕЪЁРИ ФОИЗИИ ҚАРЗҲО

Бонкҳои Тоҷикистон дар давраи пандемияи COVID-19 хизматрасониҳои худро қатъ накарданд. Ҳарчанд, ки бухрони нав ба фаъолияти онҳо таъсири манфӣ гузошт, онҳо бидуни таътил фаъолияти худро идома доданд. Дар ин давраи мушкил, тавре болотар изроз доштем, баъзе бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд барои сабуктар намудани таъсири бухрон ба мизоҷон ва беҳтарсозии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ тадбирҳое андешиданд, ки то ин вақт амалӣ накарда буданд.

ҶСП “Спитамен Бонк”, ки яке аз бонкҳои фаъоли кишвар маҳсуб мешавад, бо дар назардошти мушкилии дастрасӣ ба қарз меъёри фоизии қарзҳоро ба таври назаррас коҳиш дод. Умедҷон Ҳикматов, муовини аввали раиси раёсати ҶСП “Спитамен Бонк” гуфт, ки ин бонк, бо мақсади дастгирӣ ва некӯаҳволии мизоҷон, фоизи қарзҳоро ба андозаи назаррас паст кардааст. Ба гуфтаи ӯ, дар бонки мазкур ҳадди ниҳоии пастравии фоизи ҳама намуди қарзҳо бо пули миллӣ 6 фоизи солонаро ташкил дод. Меъёри нави ҳадди аққали ин иқдом бо доллари ИМА ба 14% -и солона ва бо пули миллӣ ба 20% баробар шудааст.

**Умедҷон Ҳикматов дар шарҳи далелҳои ин амали бонк мегӯяд:**

- Мо, масъулин ва кормандони бонк бар ин андешаем, ки вазифаи асосии бонки тиҷоратӣ на танҳо ба даст овардани даромад аст, балки инчунин саҳмгузорӣ дар беҳбудӣ ва рушди ҷомеа низ аз вазифаҳои асосии бонк ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бонк қарор дод, ки меъёри фоизи қарзҳоро дар даврае, ки мизоҷон беш аз пеш ба он ниёз доранд, паст кунад.

Бонк рухсатии қарзии то шаш моҳро пешниҳод кард

ҶСП «Спитамен Бонк» ба хотири осон кардани мушкилоти мавҷуда ва хатарҳои ба он марбут яке аз аввалинҳо шуда, ба мизоҷони аз COVID-19 зарардида имтиёзҳоро дар намуди рухсатии қарзӣ ба муддати то шаш моҳ пешкаш кардааст. Чунин имтиёзҳо барои таътили пардохтҳо ба онҳое, ки беморӣ сироятии COVID-19-ро паси сар кардаанд, ба онҳое, ки маҷбур шудаанд муддате дар карантин монанд ва ба онҳое, ки бо сабаби пандемия аз ҷойи кори худ маҳрум шуданд, дода мешаванд. Тавре масъулини бонки мазкур иброз доштанд, мизоҷони аз пандемия хисоротдида, барои дарёфти имтиёзҳои пардохтӣ бояд ба филиалҳои “Спитамен Бонк” ба таври хаттӣ муроҷиат намоянд.

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” низ, метавон гуфт, ба таври оҷил ҳамин гуна имтиёзҳоро ба мизоҷони худ пешниҳод кардааст.

Сироҷиддин Икромӣ, раиси раёсати Бонки давлатии амонатгузории “Амонатбонк” дар суҳбат бо хабарнигорон гуфт, “Амонатбонк” барои иҷро намудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020, №1544 ба соҳибкорон ва қарздороне, ки бо бонк ҳамкорӣ доранду дар шароити кунунӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ гаштаанд, имтиёзҳои зеринро ироа кардааст:

1) тамдид намудани мӯҳлати пардохти қарзҳо бе зиёд намудани меъёри фоизии онҳо;
2) аз нав дида баромадани ҷадвали пардохти қарзи асосӣ ё фоизҳо;
3) таъмин намудани давраи нав ё иловагӣ барои пардохт накардан (давраи имтиёзӣ).

Дар бонки зикршуда масъалаи додани имтиёзҳо ба қарзгирандагон дар Кумитаи қарзие, ки барои додани қарзҳо муваззаф аст, баррасӣ мешавад ва мизоҷ метавонад дар мӯҳлати дархосткардааш маблағи қарз бо фоизҳояшро ба пуррагӣ пардохт кунад. Кумитаи қарзии бонк масъули тағйири фоиз ё тамдиди мӯҳлати қарз буда, дар он аз ҳуқуқшинос шурӯъ карда, то коршиноси молиявӣ дар бораи ҳар як ҳолати қарзӣ машварат намуда, қарор содир мекунананд.

## ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ МУВАҚҚАТАН ҶАРИМА НАМЕКУНАНД

Боиси хушнудист, зеро бонкҳои кишвар дар ҳоле ба тамдид намудани замони

бозгардонидани қарзҳо даст задаанд, ки тибқи шартномаҳои қарзӣ агар қарзгиранда фоизи қарзро дар вақташ пардохт накунад, ҳангоми тамдиди мӯҳлати қарз фоизи қарз 2% зиёд карда мешавад. Аслан қарзгиранда бояд тибқи нақшаи тиҷоратии худ, дар муҳлати муайяншуда қарзашро баргардонад, вале дар сурати дар вақташ баргардонида натавонистани қарз, ӯ аз бонк тамдид намудани муҳлати пардохтро дархост менамояд. Маъмулан, дар чунин ҳолатҳо бонк дархости қарзгирандаро ба инобат гирифта, фоизи қарзро 2% зиёд мекунад. Масалан, агар қарз бо 20% дода шуда бошад, дар ин сурат он 22% мешавад. Вале ҳоло бонкҳо бо назардошти вазъи душвори ба каронавирус алоқаманд, барои тамдид намудани замони пардохт дархост қабул намоянд ҳам, 2 фоизро илова намекунанд.

Илова бар ин, дар давраи пандемия баъзе бонкҳо ҷарима барои таъхири пардохти қарзҳоро низ куллан бекор намудаанд, ки ин барои қарзгирандагон кумаки беназир маҳсуб мешавад. Зеро тибқи шартномаи қарзӣ ҷарима барои ҳар як рӯзи ба таъхир афтодани пардохти қарз 0,1%-ро ташкил медиҳад ва он солона ба 36% мерасад, ки ин маблағи калон аст.

## АМАЛИЁТИ БОНКӢ БО СМС ИҶРО МЕШАВАД

ҶСК "Алиф Бонк" ба ҳайси яке аз бонкҳои фаъол дар давраи пандемияи "COVID-19" аз тадбирҳои фосилавие кор гирифт, ки мизоҷон ба бонк ташриф наоварда, тавонистанд амалиёти бонкӣ анҷом диҳанд. Абдулло Қурбонов, раиси раёсати ҶСК "Алиф Бонк" иброз намуд, ки ҷиҳати коҳиш додани тамосҳои ҷисмонӣ дар ҷараёни пардохт намудани мол ва хизматрасонӣ бо пули нақд барномаи ташвиқотии калон оид ба истифодабарии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ташкил карда шуд ва ҳоло ҳам тавассути сомонаи расмии бонк, ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо ба мизоҷон ва мардуми кишвар маълумотҳои муфид пешниҳод шуда истодааст.

Бонки номбурда ҳамчунин барои дар дохили бино зиёд ҷамъ нашудани мизоҷон чораҳои махсус андешидааст. Аз ҷумла, дар ин ҷо хизматрасонии ирсоли СМС-паёмакҳо ташкил карда шудааст, ки дар натиҷа қисми назарраси мизоҷон тавассути терминалҳои пардохтӣ ё ҳамёни мобилӣ хизматрасониҳоро пардохт намуда, аз ташриф ба биноҳои корӣ даст кашиданд.

Ба гуфтаи Абдулло Қурбонов, ҶСК "Алиф Бонк" ба хотири дастгирии мизоҷони худ дар давраи пандемия чораҳои зеринро андешидааст:

- Тафтиш ва назорати қарзҳои додашуда, тартиб додани рӯйхат ва муайянкунии вазъи молиявии нафароне, ки дар ҳолати хавфнок қарор доранд;
- Боз ҳам ҷиддитар омӯхтани пардохтпазирии мизоҷон ҳангоми додани қарзҳо;
- Пешниҳоди муҳлатҳои дарозтари пардохти қарз ба мизоҷон дар ҳолати ба душворӣ мувоҷеҳ шуданашон, бо мақсади кам кардани маблағи пардохти моҳонаи онҳо;
- Ҳолати нафаронеро, ки аз таъсири пандемияи COVID-19 аз кор озод шудаанд ё ба рухсатии муваққатии бемузд фиристода шуданд, мушаххас омӯхта шуда, барояшон додани муҳлати имтиёзнок то 3 моҳ баррасӣ карда шуд.

## ҶСК "АЛИФ БОНК" КОРМАНДОНАШРО БА ONLINE ВА OFFLINE ТАҚСИМ КАРД

Бонк дар давраи пандемияи COVID–19 барои сабуктар сохтани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои қарзӣ аз фанноварихои ҷадиди иттилотӣ зиёд истифода бурда истодааст. Ҳатто дар ин ташкилоти қарзӣ сомонаи covid.alif.tj-ро боз карда, кормандонашро барои хизматрасонӣ ба ду гурӯҳ - Online ва Offline ҷудо намудаанд. Эҳтимол меравад, шояд ин иқдом на танҳо дар Тоҷикистон балки дар минтақа низ назир надошта бошад. Абдулло Қурбонов, раиси раёсати ҶСК «Алиф Бонк» дар ин маврид мегӯяд, ки бинобар сабаби ба тағйирёбии вазъи молиявии аҳолии кишвар боис шудани вируси COVID – 19 ва эҳтимоли ба миён омадани зиёдшавии хавфи қарзҳои

ғайрифаъол, аз ҷониби бонк омодагӣ ва тадобири зарурии зерин андешида шуданд:

“Online сайт-covid.alif.tj, ки дар он мизоҷ метавонад ба тавриі фосилавӣ вобаста ба пардохтнопазир буданаш дархост гузорад, ба истифода дода шуд ва зиёда аз 2 ҳазор дархост баррасӣ карда шуд;

- Аз шумораи кормандон ба ду самт Online ва Offline ҳайати комиссия оид ба таҳлили алоҳидаи ҳолати ҳар як мизоҷе, ки вобаста ба пардохтнопазир буданаш муроҷиат мекунад, ташкил карда шуд;
- Фиристодани пайёмакҳои ташвиқотӣ барои ба тавриі ғайринақдӣ тариқи ҳамёнҳои мобилӣ пардохт кардани қарз ба роҳ монда шуд;
- Аз ҳайати кормандони маркази хизматрасонӣ зангҳо барои сари вақт огоҳ кардан ва огоҳ будан аз вазъи мизоҷон ба роҳ монда шуд.”

## ҶСК “КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН”: БИЁЕД “ДАР КАНОРИ ҲАМ” БОШЕМ!

Дар давраи пандемия ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” бо назардошти вазъи молиявии муҳоҷирони меҳнатӣ барномаи дастгирии оилаҳои муҳоҷиронро бо номи “Дар канори ҳам” роҳандозӣ намуд. Ба гуфтаи андешаи раиси раёсати ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” Эраҷ Раҷабов, ин барнома барои дастгирии оилаҳои муҳоҷироне, ки бинобар сабаби паҳншавии бемории коронавирус бекор монда, дар ватан ба мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ гардидаанд, равона шудааст.

Тавре маълум гардид, барномаи “Дар канори ҳам” аз якчанд қисм иборат аст. Дар марҳилаи аввали барнома пешниҳод барои ба таъхир гузоштани пардохти қарзи мизоҷоне, ки сарчашмаи даромадашон интиқоли маблағ аст, дар назар гирифта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар сурати доштани қарзҳои ҷорӣ, мизоҷон ба муҳлати 3 моҳ таътили қарзӣ гирифта метавонанд. Дар ин муддат мизоҷ аз пардохти фоизҳо аз рӯи қарзи асосӣ озод мешавад.

Дар марҳилаи дуюми барнома бонки зикршуда имкон додааст, ки оилаҳои эҳтиёҷманд барои харидории маҳсулоти мавриди ниёзи аввал – орду равған, ғалладона ва маводи тиббӣ дар ҳаҷми то 3 ҳазор сомонӣ қарз дарёфт кунанд. Ба чуз ин, барои чунин оилаҳо таъхири пардохт бе гузаронидани фоизҳо, бо комиссияи ба сифр баробар пешниҳод шудааст. Дар ин бонк дастрас кардани маблағҳо тибқи барномаи дастгирии аҳолӣ ҳам бо пули нақд ва ҳам дар шакли ғайринақдӣ бо кортҳои бонкӣ имконпазир мебошад.

## ИҚДОМҲОИ НАВИ БОНКҲО БОВАРИИ АҲОЛИРО БА НИЗОМИ БОНКӢ ЗИЁД МЕНАМОЯД

Қобили қайд аст, ки дар ташкилотҳои қарзии кишвар дар баробари пешниҳоди сабукиҳо барои ҳифзи саломатии мизоҷони худ ва пешгирӣ аз паҳншавии вируси сироятии COVID-19 тадбирҳои санитарӣ ва гигиенӣ низ андешида шудаанд. Масалан, дар ҶСК “Алиф Бонк” банкоматҳо ва терминалҳои пардохтии мавҷудбударо мунтазам бо маҳлулҳои санитарӣ-гигиенӣ безарар намуда, ба шарикони худ низ барои риояи талаботҳои гигиенӣ тавсия медиҳад. Ин бонк дар ҳама терминалҳои пардохтӣ, сомонаи расмии бонк ва дохили биноҳои корӣ, махсус назди хазинаҳо маълумотҳои заруриро дар хусуси пешгирии паҳншавии вируси сироятии COVID-19 ва риояи талаботҳои гигиенӣ ҷойгир кардааст.

Ҳамчунин дар аксари саридора ва марказҳои хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ таъмини мизоҷон ва кормандон бо маҳлулҳои санитарӣ-гигиенӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳангоми ворид шудан ба биноҳо мизоҷон бо ин маводҳо дастони худро безарар мегардонанд.

Таҳлили фаъолиятҳои хайрхоҳонаи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии хурди Тоҷикистон дар давраи пандемия нишон медиҳад, ки бонкҳои кишвар масъулиятҳои иҷтимоии худро бештар намудаанд. Ин аз як ҷониб ба наздиктар шудани муштариён бо бонкҳо боис шавад, аз тарафи дигар имиҷи бонкҳоро дар байни аҳолӣ боло мебарад ва эътимоди мардумро ба низоми бонкӣ зиёд мегардонад.

***Аслам Мӯминов, хабарнигори “БТҶ”.***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» такмил ёфт.



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» 2 январи соли 2020 қабул гардида, аз 7 январи соли 2020 инҷониб қувваи ҳуқуқӣ гирифта, амал менамояд.

Зарурияти такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» сабабҳои муайян дошт. Дар шароити рушди сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ, монеаҳои асоснадоштаи қонунгузории ипотека, моҳият ва таъиноти ипотекаро ҳамчун таъмини иҷрои уҳдадорӣ заиф гардонида, садди роҳи рушди фаъолияти бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ гардида буданд. Меъёрҳои ҷудогонаи қонуни ипотека, барои суистифода аз ҷониби қарздор мусоидат намуда, имконияти аз ҳисоби ипотека рӯёнидани маблағи қарзро беасос мураккаб намуда буданд. Бинобар ин, баҳси байни қарздеҳ-гаравгир ва қарздор-гаравдеҳ беасос ва бе зарурият тӯл кашида, бо истеҳсолоти иҷрои маҷбурии номукаммал монеаҳои сунъӣ эҷод карда шуда, дар ин замина, хароҷоти ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои аз ҳисоби ипотека рӯёнидани маблағи қарз назаррас ва гарон мегардиданд. Ҳамзамон, бо вогузории чунин хароҷот ба зиммаи қарздор, ба ҳолати молиявии ӯ низ таъсири манфӣ мерасид. Чунин ҳолат, боиси коста гардидани манфиатдории ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ гардида буд.

Бояд қайд кард, ки дар ин замина муҳим будани андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати такмил додани заминаи ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2019 зикр гардида, бо назардошти мушкилоти қонунгузории ипотека ва баҳри бартараф намудани онҳо такмили заминаи ҳуқуқии ипотека дар Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2022, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №223, аз 02.05.2019 тасдиқ гардидааст, махсус пешбинӣ карда шуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» заминаи ҳуқуқии гарави молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла ҳуқуқи заминистифодабариро мукаммал намуда, барои баргардонидани қарзҳои батаъхирафтодаи ташкилотҳои қарзӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъии ба моликияти гаравгир гузаштани молу мулки ба гарав гузошташуда дар сурати баргузор нашудани савдои оммавӣ ва дар натиҷа ҷиҳати таъмини суботи низоми бонкӣ, мусоидат менамояд. Инчунин, тартиби судии барои тарафҳои шартномаи ипотека тӯлонӣ ва серхароҷоти ситонидан аз молу мулки ба гарав гузошташуда, бо ихтиёри тарафҳо маҳдуд карда шуда, доираи тартиби ғайрисудии ситониш бо содда гардонидани расмиёти он васеъ карда шуд.

Муқаррароти муҳими тағйироти дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» баамаломада, чунин мебошанд:

1. Асосҳои ғайрисудии рӯёниш аз ҳисоби гарави амволи ғайриманқул такмил ёфта, имконияти аз ҷониби гаравгиру гаравдеҳ дар дилхоҳ вақт созиш намудани татбиқи чунин асосҳои ғайрисудӣ ва минбаъд тибқи муқаррароти шартнома сурат гирифтани рӯёниш фароҳам оварда шуд.

Ҳамзамон, ба сифати яке аз асосҳои ғайрисудии рӯёниш истифодаи "навиштаҷоти иҷроияи нотариус" пешбинӣ карда шудааст, ки ҳамчун механизми алтернативӣ, назорати давлатии ҷараёни рӯёниш ва кафолати ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои ипотекаро бо сарфаи вақт ва хароҷоти гарони судӣ таъмин менамояд. Қобили зикр аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" навиштаҷоти иҷроияи нотариус низ ба сифати яке аз ҳуҷҷатҳои иҷро муайян шудааст.

Дар робита ба ин, бо иловаи **моддаи 331** ба қонуни ипотека асосҳои тартиби судӣ ва ғайрисудии ситонидан аз молу мулки ба гарав гузошташуда ба таври мушаххас муқаррар гардиданд. Ҳамзамон, бо тағйирот ба **моддаи 34** қонуни мазкур ҳолатҳои тартиби судии ситонидан аз молу мулки ба гарав гузошташуда дар сурате, ки тибқи шартномаи ипотека имконияти бо тартиби ғайрисудӣ ситонидан аз предмети ипотека муқаррар нашудааст, пешбинӣ гардид. Бо чунин муқаррарот ба иродаи тарафҳо ва тартиби дар шартнома муқарраршудаи ситониш аз ҳисоби ипотека бартарӣ дода шуд.

Бо мақсади такмил додани асосҳои ғайрисудии қонеъгардонии талаботи гаравгир ва васеъ намудани имконияти дар лаҳзаи дилхоҳ бо созиши гаравгиру гаравдеҳ интихоб шудани он, тағйиру иловаҳо ба **қисми 1 ва 6 моддаи 38** пешбинӣ гардид. Дар доираи он асосҳои ғайрисудии ситонидан аз предмети ипотека, тартиби додан ва иҷро намудани навиштаҷоти иҷроияи нотариус, инчунин тартиби пӯшонидани хароҷоти ҷалби нархгузори мустақил ҳангоми амалӣ гардидани ситониш дар асоси навиштаҷоти иҷроияи нотариус муқаррар карда шудааст. Тағйиру иловаҳо ба қонуни ипотека маҳдудияти танҳо дар лаҳзаи ба миён омадани масъалаи рӯёниш, бо созиши гаравгиру гаравдеҳ муайян гардидани имконияти бо тартиби ғайрисудӣ қонеъ гардонидани талаботи гаравгирро аз байн бурд. Минбаъд, гаравгиру гаравдеҳ чунин имкониятро дар лаҳзаи дилхоҳ муқаррар карда метавонанд.

Қобили қайд аст, ки тартиби судии ситонидан аз молу мулки ғайриманқули ба гарав гузошташуда, расмиёти тулонӣ ва серхароҷот мебошад. Ҳол он ки, талаботи гаравгир нисбати гаравдеҳ дар робита ба муносибатҳои пулию қарзии онҳо, бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ, алалхусус, бо шартномаи ипотека ва бо риояи расмиёти нотариалӣ тасдиқ шуда, бинобар ин, зарурияти исботкунии иловагии мавҷудияти талаботи бо ҳуҷҷатҳои боэътимод тасдиқшудаи кредитор, кори зиёдатӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, тағйироти ба қонуни ипотека баамаломада, имконият медиҳанд, ки расмиёти рӯёнидан аз ҳисоби предмети ипотека бо татбиқи тартиби ғайрисудӣ нисбатан содда ва дар мӯҳлати кӯтоҳ амалӣ шуда, хароҷоти зиёдатии кредитор, ки минбаъд ба зиммаи қарздор мегузаранд, инчунин имкониятҳои қарздор барои суиистифода ва расонидани зарари беасос ба кредитор пешгирӣ карда шаванд.

2. Расмиёти ба ғолиби савдои оммавӣ ва ё ба гаравгири барои иштирок дар савдо иҷозатшуда гузаштани молу мулки ғайриманқули бағаравгузошташуда содда карда шуда, монеагӣ дар амалигардонии ҳуқуқи гаравгир ҷиҳати ба моликияти худ қабул намудани предмети гарав аз байн бурда мешавад. Дар асоси тағйиротҳои ба қонуни ипотека баамаломада, ҳангоми баргузорнашуда эълон намудани савдои оммавии такрорӣ ва аз ҳуқуқи худ ҷиҳати дар наздаш нигоҳ доштани предмети ипотека истифода бурдани гаравгир, барасмиятдарории гузашти ҳуқуқи моликият ба гаравгир бо қарори ташкилкунандаи савдои оммавӣ, ки ба қайди давлатӣ гирифта мешавад, сурат мегирад.

Ҳамчунин, бо такмил ёфтани қисмҳои дахлдори **моддаи 40** қонуни ипотека, духӯрагии дарки моҳияти муқаррароти алоҳидаи он, ба мисли зарурияти ҳар гуна расмиёти иловагӣ вобаста ба тасдиқи нотариалии шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул, ки бо ғолиби савдои оммавӣ дар асоси протокол оид ба натиҷаҳои савдои оммавӣ баста мешавад, бартараф карда шуд. Чунки фурӯши предмети ипотека аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дар доираи қоидаҳои махсуси савдои оммавӣ анҷом дода мешавад ва назорати таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ таъмин мебошад. Инчунин, дар робита ба ҳар гуна ихтилофоти назар, ки дар амалия вобаста ба ҳуқуқи гаравгир ҷиҳати иштирок дар савдои оммавӣ ҷой доранд, ба **моддаи 40 қисми 9** илова гардида, имконияти иштироки гаравгир дар савдои оммавии фурӯши молу мулки ба гаравгузошташуда ва натиҷаи савдои оммавие, ки дар он гаравгир ғолиб омадааст, мушаххас карда шуд.

Тағйирот дар **қисми 4 моддаи 41** монеагиро дар амалигардонии ҳуқуқи гаравгир ҷиҳати дар наздаш нигоҳ доштани предмети ипотека ҳангоми дар савдои оммавии такрорӣ ба фурӯш нарафтани он аз байн мебарад. Тибқи таҳрири қаблан амалкунандаи моддаи мазкур, ҳангоми дар савдои оммавии такрорӣ ба фурӯш нарафтани предмети ипотека, гаравгир танҳо дар асоси созиш-

нома бо гаравдеҳ метавонист онро дар назди худ нигоҳ дорад (ба моликият қабул намояд). Чунин меъёр, дар таҷриба боиси он гардида буд, ки гаравдеҳони бевиҷдон беасос аз бастани чунин созишнома саркашӣ намуда, ҷараёни аз ҳисоби молу мулки ба гарав гузошташуда рӯёнидани маблағи қарзи додашударо кашол медоданд ва ё ғайриимкон менамуданд. Чунин ҳолатҳо кредиторро водор менамуд, ки ҷиҳати ба моликият қабул намудани предмети ипотека бо талабҳои иловагӣ боз ба суд муроҷиат намояд.

Тағйироти бо назардошти қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои дигар баамаломада, чунин суистифодаро аз ҷониби қарздор (гаравдеҳ) аз байн мебарад. Минбаъд, ба Феҳристи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар асоси протокол ва ё нусхаи тасдиқшудаи протокол дар бораи баргузорнашуда эътироф намудани савдои оммавии такрорӣ, аризаи гаравгир ва ё нусхаи тасдиқшудаи аризаи гаравгир дар хусуси дар назди худ нигоҳ доштани предмети ипотека, ҳуҷҷате, ки ба ташкилкунандаи савдои оммавӣ фиристода шудани аризаи мазкурро тасдиқ менамояд ва қарори ташкилкунандаи савдои оммавӣ дар бораи ба гаравгир гузашти ҳуқуқи моликият ба предмети ипотека сабти дахлдор ворид карда шуда, бақайдгирии ҳуқуқи моликияти гаравгир нисбати предмети ипотека бидуни муроҷиат ба суд анҷом дода мешавад.

3. Муқаррароти махсуси багаравгузории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он бо назардошти талаботи дигар қонунҳои махсус ва мушкилиҳои ҷойдошта мукаммал гардида, имконияти ҳамчун предмети ипотека истифода гардидани чунин ҳуқуқро бештар мегардонад. Аз ҷумла, дар **моддаи 46** номгӯи ҳуҷҷатҳои барои гаравмонии чунин ҳуқуқ зарурӣ мукаммал пешбинӣ шуда, муайян кардани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он тибқи ҳисобот оид ба баҳодиҳӣ (нархгузорӣ), аз ҷониби баҳодеҳ (нархгузор) бо риояи тартиби қонунии муайян намудани арзиши чунин ҳуқуқ пешбинӣ карда шудааст, ки баҳодиҳии касбӣ ва воқеии ин объекти муҳимро таъмин менамояд. Ҳамчунин, мухолифати байни қоидаҳои махсуси багаравгузории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва қоидаҳои умумии қонуни ипотека, ки барои дастрасии қарзгирандагон ба маблағҳои озоди қарзӣ монеа эҷод мекунанд, бартараф карда шуданд.

Муқаррароти такмилёфтаи қонуни ипотека муносибати инфиродии ғайрикасбии гаравдеҳ ва гаравгирро ҳангоми муайян намудани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он пешгирӣ намуда, ҳуқуқу манфиатҳои гаравдеҳон бештар ҳимоя мегарданд.

Бояд қайд кард, ки дар қонун мавҷуд будани чораҳои маҳдуднамоӣ, меъёрҳои мақсади ҳуқуқиашон номушаххас ва ба қарздорон афзалиятдиҳанда, барои кредиторон сатҳи хавфро зиёд намуда, боиси аз ба гарав қабул намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он худдорӣ кардани кредиторон мегардад. Инчунин, барои дастрасии қарзгирандагон ба маблағҳои озоди қарзӣ таҳти таъминоти ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он монеаҳои муайян ба миён меоянд.

Муқаррар намудани шартҳои махсуси ситонидан барои ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он, рад ва ё ба таъхир гузоштани ситонидан, хилофи талаботи муқаррароти умумии ипотека буда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кредиторонро беасос маҳдуд менамояд. Ситонидан аз молу мулки тибқи шартномаи ипотека багаравгузошташуда, бо **боби 7, моддаҳои 33-38** қонуни ипотека умумӣ муқаррар гардида, бояд қоидаи ягона бошад. Дар **қисми 3 моддаи 48** бошад, ситонидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он бо роҳи додани ҳуқуқи мазкур аз гаравдеҳ ба гаравгир тибқи шартҳои муайяннамудаи шартномаи бо тариқи нотариалӣ тасдиқгаштаи тарафҳо ва дар ҳолати набудани чунин шартҳо дар асоси ҳалномаи суд бо даъвои гаравгир муқаррар шудааст, ки назар ба муқарраротӣ умумии ҳуқуқу имкониятҳои тарафҳо, беасос маҳдудкунанда буда, имконияти дигари қонунии бегона намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани онро тавассути савдои оммавӣ ва ё бо истифодаи дигар имкониятҳои қонунӣ муайян наменамояд.

Бо мақсади бартараф намудани чунин камбудиҳо дар қонуни ипотека дар моддаи 48 қисми 3 ва ҷумлаи дуюми қисми 4 хориҷ карда шуданд.

Тағйиру иловаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» баамаломада, ба нақши ин тарзи таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар муносибатҳои пулию қарзӣ аз лиҳози мусбӣ мусоидат хоҳад намуд.

***Беҳзод Расулов,***
***Сардори шуъбаи ҳуқуқи***
***Бонки миллии Тоҷикистон***

# ИВЕНТҲОИ ТОҶИКӢ



## Аввалин мактаби барномасозии онлайн дар Тоҷикистон

Мактаби Кушодаи Java Script ин як лоиҳаи омӯзиши онлайнии барномасозӣ мебошад, ки аз ҷониби Академияи Алиф бо дастгирии молиявии Анҷумани дӯстии Ҷопон ва Осиёи Марказӣ (JACAFA) таъсис дода шуд. Дар ин ҷо дар давраи пандемия омӯзиши барномасозӣ барои ҳамаи хоҳишмандон дастрас буд ва талаботи ягона низ барои иштирок дар он доштани Интернет ва ноутбук буд.

Созмондиҳандагон барои омӯзиш платформаи таълимии махсусе таъсис доданд, ки ба донишҷӯён имкон фароҳам овард, маводи зарурии таълимиро аз он ҷо боргирӣ намоянд ва вазифаҳои хонагии худро пас аз иҷро дар он ҷо боргузор намоянд.



# РАНГҲОИ НОТАКРОР

## Намоҳанги нав ва бо тасвири нав



Нигина Амонқулова дар "Ҳамнишини шабҳо" бо тасвири фаронсавӣ пайдо шуд.
Ҳунарманди шинохтаи тоҷик Нигина Амонқулова боз дар бораи муҳаббат суруд хонд: вай дар саҳифаи Instagram-и худ намоҳанги суруди «Ҳамнишини шабҳо» -ро пешниҳод кард. Оҳанги суруди ҷадид аз Ботур ва матнаш маҳсули эҷоди Орзу Исо, рӯзноманигор ва шоири тоҷик мебошад.
Таронаи Нигина Амонқуловаро бо мӯди нави хоси фаронсавиҳо тайи чанд рӯз пас аз нашраш наздики 100 ҳазор нафар тамошо карданд.



## Студияи «Арт Дошан» дар Душанбе

Студияи «Арт Дошан», ки дар Душанбе ба омӯзиши намудҳои гуногуни санъат барои хоҳишмандон (хусусан, кӯдакон) машғул аст, дубора ба кор шурӯъ кард. Он дар давраи каронавирус баста шуда буд.
Дар ин ҷо шоҳмотбозӣ, рассомӣ ва навохтани асбобҳои мусиқиро ёд медиҳанд. Хоҳишмандон дар давоми омӯзиш бо усулҳои асосии рангуборкунӣ фаро гирифта мешаванд.



# Мӯди нави ҳимоя аз коронавирус

Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон хайётон ниқобҳои тиббиро барои ҳимоят аз коронавирус ба мӯд табдил доданд. Ширкатҳои гуногун ниқобҳои тиббиро бо ороишоти зебо ба бозор баровarданд. Дар Душанбе низ ҳунармандон тасмим гирифтанд, ки мӯдро риоя кунанд ва дар баробари тарроҳони хориҷӣ ниқобҳои худро бо нақшҳои миллӣ ба бозор бароранд.



Ҳоло ниқоби муҳофизатӣ аз адрасҳои босифатро дар мағозаи маҳсулоти миллии “Анор” дар маркази шаҳри Душанбе ёфтан мумкин аст. Ниқоби тоҷикӣ аз пахтаи нафис сохта шуда,  воридшавии бактерияҳоро пешгирӣ мекунад ва рангҳои хурсандибахши он дар мубориза бо ваҳм нақши мусбат доранд.

***«БТҶ»***

# ХОНАНДАГОНИ АЗИЗУ ГИРОМӢ!

## Ба маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ", ки нашрияи Бонки миллии Тоҷикистон ба шумор меравад, обуна шуданро аз ёд набароред!

**Зеро маҷаллаи "БТҶ" ягона нашрияи ранга бо мазмуну мундариҷаи баланди мавзуъҳои низоми бонкӣ ба шумор рафта, имкониятҳои васеъ ва воқеии огоҳ шудан бо тамоми навгонию дигаргуниҳо, бурду бохти соҳаро бароятон муҳайё месозад.**
**Чандест, ки маҷаллаи "БТҶ"дар фазои иттилоотии мамлакат худро ба ҳайси нашрияи иттилоотию таҳлилӣ, ҳисоботиву бонкӣ ва инъикосгари комёбиҳои нав ба нави низоми бонкӣ кишвар муаррифӣ кардааст.**

**Бешубҳа, маҷаллаи "БТҶ"вазъи воқеии низоми бонкии ҷумҳуриро инъикос менамояд, мақолаҳои хонданибоби иқтисодию бонкиро нашр мекунад ва барои амалӣ шудани сиёсати пулию қарзӣ саҳми назаррас мегузорад.**
**Имрӯз маҷаллаи "БТҶ" ба минбари озоди ибрози андешаи олимони соҳаи иқтисод ва бонкӣ, мутахассисон ва коршиносони бонкӣ табдил ёфта, мақолаҳои илмӣ ва амалии онҳоро дар саҳифаҳои нашрия нашр менамояд.**
**Ва ниҳоят, нашри мунтазами ҳисоботи нишондиҳандаҳои асосии омории бонкҳои ҷумҳурӣ, маҷаллаи "БТҶ"-ро ба сарчашмаи боэътимоди омори бонкии кишвар табдил додааст.**





Суроғаи маҷалла:
734025 ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 23/2,
email: majalla@nbt.tj,
тел: (992) 44 600-32-49,
(992) 44 620-05-37

## СОЛҲОИ 2020-2040
## «БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ»




*Халқи мо дар баробари ҳифзи асолати мидливу динии худ бояд дорои ҷаҳонбинии илмии замони муосир бошад.*

***Эмомалӣ Раҳмон***